# АСАРИ
# АРЗАНДАИ АСР

**Номаҳо, тақризҳо ва гуфтаҳо оид**
**ба китоби Карим Абдулов**
**«Сиёсатномаи асри XXI»**

**ДУШАНБЕ**
**«АДИБ»**
**2005**

ББК 66.3 (2 тоҷик) + 66.4 (2 тоҷик) + 66.5 (2 тоҷик) + 63.3 (2 тоҷик)
А-81

Мураттиб: ***Ф. Каримов***

Муҳаррир: ***А. Хоҷаев***

А-81 **Асари арзандаи аср**. *(Номаҳо, тақризҳо…)*. — Душанбе: «Адиб», 2005. -160 с.

Китоб аз се бахш мураттаб шудааст. Дар бахши аввал тақризҳо, номаҳо, вокунишҳо нисбати асари бузургҳаҷми профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI», ки тӯли солҳои охир ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва ба хатти ниёгон (дар шаҳри Машҳади Эрон) ба табъ расидааст, гирдоварӣ шудаанд.

Бахши дуввум гузоришҳоро аз маҳфилҳои муаррифии «Сиёсатномаи асри XXI», ки дар манотиқи гуногуни кишвар, минҷумла дар Душанбе, Хуҷанд ва Истаравшан баргузор шуданд, дарбар мегирад.

Бахши саввум аз гуфтаҳо ва муҳаббату самимияти дӯстону пайвандон ба нисбати устод Карим Абдулов фароҳам омадаанд.

Бешубҳа, ин маҷмӯа ба дарки ҳамаҷонибаи моҳият ва мазмуну мундариҷаи «Сиёсатномаи асри XXI» кӯмак хоҳад расонд. Умедворем, ки он аз ҷониби хонандагон хуш пазируфта хоҳад шуд.

**А $\frac{4702540202-22}{М\ 503}$ - 2005**

**© Нашриёти «Адиб», 2005 с.**

# БАХШИ АВВАЛ

# РАҲНАМО ДАР СИЁСАТ

**Чаноре дар канори диёре сар ба фалак мекашад. Насими баҳорӣ шоху барги ӯро навозишкунон мегузарад, вале боди сарсар, шояд аз ғояти баднназарӣ ҳамлаҳо мекунад, то шоху барг, ҳатто танаи пуртавони дарахти азимро шиканад. Ба сараш борони найсон мерезаду борони заҳргин ҳам. Чанор алайҳи нотавонназарон сабз мемонад. Намедонад, ки оқибати ӯ чист: магар як даст ҳезум мешавад ва ё ҳунарваре мерасаду аз чӯб ҳар гуна созҳо меофарад? Ё тӯъмаи оташ мешавад ва ё дар абадият оҳанги худро баланд мекунад.**

Ба истиқболи ӯ ҳамавақт баду нек меоянд. Кадоме тавоност, ӯро аз худ мекунад. Кадоме суст аст, бебаҳра мемонад. Одамон ҳам ба мисоли ҳамон чанори сарсабз зиндаанд. Аз як тараф сиёсатҳои мухталиф онҳоро иҳота намуда, мехоҳанд, ки ба тарзи худ зиндагиро рангубори тоза бахшанд. Эй хуш, агар бар ин сиёсатҳо илму ақлу таҷриба омехта бошанд, вагарна ҳама талошҳо ботиланд.

Ман китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-ро аз назар гузаронидам. Ин китоб дар замони навин таълимоти хубест барои сиёсатмадори хуб шудан ва раҳнамои пурғановатест барои онҳое, ки сиёсатро ба маънои некаш ба худ пеша кардаанд.

Касе, ки худро идора карда наметавонад, аз ӯ як роҳбари баргузидаи ҷамъиятӣ намебарояд. Барҳақ аст, ки сиёсатмадори варзида ба худ фармонфармост. Муаллифи ин китоб, профессор Карим Абдулов на танҳо донандаи асрори сиёсат аст, балки ӯ як сиёсатмадори ҳаётдидаву санҷида аст. Агар чунин намебуд, ӯ наметавонист кутубашро дар ҳамин мавзӯъ иншо кунад. Шеъре, ки меоварам, асаре аз ин китоб аст:

*Сиёсатмадоро, ҳақиқатнигоро,*
*Зи ҳар рӯзи ваҳшат нигаҳ дор моро.*
*Бидуни сиёсат ҷаҳонро бақо нест,*
*Сазовор гардон ба мардум бақоро.*
*Сиёсат набошад, ҷаҳон дар сиёҳист,*
*Надонанд халқе сафеду сиёро.*
*Сиёсат агар реша дорад ба дониш,*
*Сари тахти шоҳӣ нишонад гадоро*
*Сиёсат агар реша дорад ба бидъат,*
*Нишонад ба хоки сияҳ подшоро.*
*Сиёсат сараввал бубояд ба нафсат,*
*Гараш сар диҳӣ, кай шиносӣ Худоро?*
*Сиёсат ба худ кун, ба ҷону ба пайкар,*
*Ҳамин пеша бодо ба чашм ошкоро.*
*Ҳар он кас, ки бар худ сиёсат раво дид,*
*Набинад муносиб ба мардум ҷафоро.*
*Агар раҳнамои тани худ шудастӣ,*
*Нишон надҳӣ бар халқ роҳи хаторо.*
*Бидеҳ оби поку ҳавои биҳиштӣ,*
*Набахшой ҳар гуна обу ҳаворо.*
*Сиёсат агар бадсиришт асту зишт аст,*
*Кушад Аврупоро, барад Амрикоро.*
*Сиёсат агар ваҳдатоин бигардад,*
*Гулафшон кунад қитъаи Осиёро.*
*Сиёсат агарки сиёсат бимонад,*
*Хито офарад, не хатои Хиторо.*
*Худ аз Ориёнему Сомониёнем,*
*Шиносем, алҳақ, раҳи муддаоро.*
*Хушо, номаи ибни Абдул бихонем,*
*Ки равшангар аст ӯ раҳи бенаворо.*
*Касе, ки раҳи тоҷиконро бипаймуд,*
*Бияфзуд дар хеш Нуру зиёро.*

***Нурмуҳммад НИЁЗӢ,***
***26 январи 2003***

*Имомназар КЕЛДИЕВ,*
*Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон, профессор.*

# СИЁСАТИ ХИРАДМАНДОНА – ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

***Мулоҳизае чанд доир ба асари К.Абдулов «Сиёсатномаи асриXXI» - (Хуҷанд, 2003)***

Асари нави олими шинохтаи тоҷик, профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI», бидуни шубҳа, асари арзандаю илмию оммавӣ ва амалии замони мо дар соҳаи сиёсат ва сиёсатмадорӣ маҳсуб мешавад. Аҳамияти илмии ин асар аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси таҳқиқу омӯзиши адабиёти мавҷудаи оид ба илми сиёсатшиносӣ ва панду ҳикматҳои мутафаккирони бузурги давру замонҳои гуногун дар бораи сиёсат ва оини давлатдорӣ андешаҳои хешро роҷеъ ба моҳият, мақом ва нақши сиёсат дар ҷомеа пешкаши хонандагон менамояд. Аҳамияти амалии асари профессор К.Абдулов дар он аст, ки муаллиф аз таҷрибаи таърихии давлатдорӣ ва сиёсатмадории арбобони барҷастаи давлатии халқамон дар қарнҳои гузашта, инчунин аз фаъолияти пурфайзи сиёсӣ ва маҳорати корбарии баъзе роҳбарони давлатию ҳизбии Тоҷикистони Шӯравӣ мисолҳои ҷолиб оварда, онҳоро таҳлилу ҷамъбаст менамояд, хулосаҳои муҳим мебарорад ва баҳри хубтару пухтатар ба роҳ мондани сиёсатмадорию давлатдорӣ таклифҳои судманд пешниҳод мекунад.

Муаллифи китоб барҳақ таъкид мекунад, ки аз омӯзишу ҷамъбасти таърихи зиёда аз 70-солаи даврони шӯравӣ қатъи назар кардан ва ба ҳамаи он дастовардҳои баҳснопазири халқи тоҷик дар он солҳо хати батлон кашидан камоли беинсофӣ ва бехирадӣ аст. Бузургтарин комёбии халқи тоҷик дар ин солҳо он буд, ки маҳз дар ҳамин давра аввал Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон, баъдтар Ҷумҳурии Иттифоқии Шӯравии Тоҷикис-

тон таъсис ёфт ва халқи тоҷик ҳамчун миллати мустақил эътироф гардид, заҳматкашони ҷумҳурӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба пешравиҳои назаррас ноил гардиданд. Аз ин рӯ, нодида гирифтани таҷрибаи муфиди даврони шӯравӣ ба манфиати имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол нахоҳад буд. Чунон ки устоди бузург Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фармуда:

*Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

*Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

Дар китоб фаъолияти даҳсолаи давлати Тоҷикистони тозаистиқлол, бурду бохтҳои он ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидаанд, ба мақсаду моҳияти сиёсати дохилию хориҷии давлати навини тоҷикон баҳои ҳаққонӣ ва некбинона дода шудааст. Таъкид мешавад, ки бо саъю кӯшиши зиёди Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ва дигар фарзандони дурандешу ватанпарвари тоҷик дар кишвар сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ барқарор гардиданд, вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии мамлакат тадриҷан ба эътидол омад, барои таҳкими давлатдории миллӣ ва пешрафти иқтисодиёт, илму фарҳанг тадбирҳои муҳим андешида шуданд.

❀ ❀ ❀

Асари К.Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» аз сарсухан, ҳафт боб ва охирсухан иборат аст. Дар бобҳои якум, дуюм ва сеюм дар бораи сиёсат, моҳият ва мақсаду вазифаҳои он, дар бораи илми сиёсатшиносӣ ва нақши он дар тарбияи тафаккури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ, дар бораи хиради сиёсӣ ва маҳорати сиёсатмадорӣ, дар бораи мақоми сиёсат дар ҷомеа ва таъсири он ба ҳаёти одамон - аъзои ҷомеа, дар бораи рукнҳои асосии сиёсат, муносибати сиёсат ва давлат, умуман дар бораи ҳодисаҳои сиёсӣ ва ҳаёти сиёсӣ муфассал сухан меравад.

Сиёсат - ин санъати идораи давлат, санъати идораи ҷомеа ва мамлакат мебошад. Сиёсат падидаи мураккаби ҷамъиятӣ, шакли махсуси муносибатҳои байни одамон буда, доираи васеътарини аҳолиро фаро мегирад. Сиёсат қабл аз ҳама чун воситаи ташаккулдиҳандаи муносибатҳои байниҳамдигарии унсурҳои низоми сиёсии ҷомеа, яъне робитаҳои мутақобилаи байни давлат ва сохторҳои гуногуни он, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷунбишу созмонҳои иҷтимоӣ амал мекунад, ин робитаҳоро бо ҳам мутобиқат менамояд, пайваста такмил медиҳаду ба тартиб медароварад ва равияю дархостҳои онҳоро оиди ҳокимияти давлатӣ муайян мекунад ва барои пешгирии зиддиятҳои калон тадбирҳои зарурӣ меандешад. Сиёсат дар навбати аввал манфиатҳои ҳокимияти давлатӣ ва тамоми аҳолии мамлакати муайянро пурра ба эътибор мегирад, ин манфиатҳоро ҳам дар фаъолияти дохилӣ ва ҳам дар миқёси байналмилалӣ собитқадамона ҳимоя менамояд.

Мақсаду вазифаҳои сиёсат ниҳоят мураккабу пурмасъулият буда, бо камоли хирадмандӣ мутобиқи тақозои замон ва шароити воқеӣ муайян кардан ва моҳирона амалӣ гардонидани ин мақсаду вазифаҳо барои ҳар як давлат, барои ҳар як халқу мамлакат аҳамияти тақдирсоз хоҳанд дошт. Аз ин рӯ, сарварони давлатҳо, сиёсатмадорон ва атрофиёни масъули онҳо, ки бевосита бо таҳияи сиёсат ва татбиқи он сару кор доранд, бояд аз қонунҳо, рукнҳо ва вазифаҳои сиёсат - ин санъати басе мураккабу нозук огоҳии пурра дошта, соҳиби хиради волои сиёсӣ, ҷасорат ва маҳорати хуби сиёсатмадорию давлатдорӣ бошанд, ба раванди ҳодисаҳои сиёсӣ ва масъалаҳои байналмилалӣ аз рӯи ақли солим баҳо дода тавонанд, тамоми донишу лаёқаташонро софдилона ва бо камоли масъулиятшиносӣ баҳри шукуфоии кишвар ва беҳбуди рӯзгори халқи худ сафарбар намоянд.

Сарварони давлатҳо ва сиёсатмадорон дар ҳамаи давру замонҳо қобилияту имконият ва нақшаю вазифаҳои худро танҳо тавассути сиёсат (ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷӣ) ба амал татбиқ мекарданду тадбиқ менамоянд. Бинобар ин сиёсат ва татбиқи амалии он симои ҳақиқии сарварони давлатҳо ва

сиёсатмадорон, мақсаду мароми онҳоро таҷассум мекунад. Бо ибораи дигар гӯем, сиёсати ҳар як сарвари давлат ва ҳар як сиёсатмадор (шоҳ, президент, сарвазир ва ғайра) ҳамеша ифодагари воқеӣ ва таҷаллии фаъолияти давлатдории онҳо буд ва ҳоло ҳам чунин аст. Агар сиёсат ҳақиқатан хирадмандона, дурандешона, одилона, фуқаропарварона ва некхоҳонаю самимона бошаду манфиатҳои халқу мамлакатро ифода намояд, чунин сиёсат, бешубҳа, барои пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт ва илму фарҳанг, барои таҳкими давлатдории миллӣ ва зиёд шудани нуфузу эътибори он аз ҳар ҷиҳат мусоядат хоҳад кард. Бояд хотирнишон кард, ки сиёсати хирадмандона ва одилонаи давлатдорон дар даврони гузашта ва дар замони мо ҳам аз ҷониби фуқарои мамлакатҳояшон бо камоли қаноатмандӣ ва сипосгузорӣ маъқул дониста мешуду мешавад. Чунон ки мегӯянд, аз амали оқилона ва ғамхоронаи шоҳон ва ё сарварони давлатҳо халқ ҳам розию худо ҳам. Сиёсати хирадмандонаю одилона ва некхоҳонаро сарварони соҳибхиради дигар давлатҳо низ пайваста пуштибонӣ мекарданду мекунанд.

Ва баръакс, агар сарварони давлатҳо ва сиёсатмадорон сиёсати беандешонаю ноодилона ва фиребгаронаю ғоратгаронаро пеша кунанду манфиатҳои худкомона ва ниятҳои нопокашонро ба мадди аввал гузоранд ва дар ҳаққи халқу кишвар ғамхории зарурӣ зоҳир накунанд, он гоҳ иқтисодиёт ва илму фарҳанг рӯ ба таназзул меоваранд, мамлакат хароб мегардад, мардуми он қашшоқу хонавайрон мешаванду аз дасти давлатдорони золиму беинсоф ва худбин ба дод меоянд. Тавре ки Саъдии бузург фармуда:

*Раёсат ба дасти касоне хатост,*
*Ки аз дасташон дастҳо бар худост.*

Ё худ шоири озодандеш Соиби Табрезӣ дар ҳаққи шоҳону сарварони худком хеле хуб гуфтааст:

*Ҳар ки дар давлат набинад пеши пои хештан,*
*Гар саропо чашм гардад, по ба давлат мезанад.*

Дар китоби «Сиёсатномаи асри XXI» таърихи ғанию пуршарафи давлатдорӣ ва сиёсатмадории ниёгони халқҳои эронитабор - тоҷикону форсҳо, корномаҳои беҳамтои арбобони барҷастаи давлатии онҳо ба қадри имкон хотирнишон карда шудаанд. Аз фаъолияти пурфайзи давлатдорӣ ва сиёсати хирадмандонаю одилона ва бунёдкоронаю меҳанпарваронаи шоҳони бузурги давлати пуриқтидори Ҳахоманишҳо - Куруши Кабир ва Дорои I, аз давлатдории Бохтару Суғд, аз таърихи ибратбахши Давлати Сосониён ва шоҳони пуршӯҳрати он - Ардашери Бобакон, Шопури I, Шопури II, Хусрави I - Анушервон (Нушервони Одил) ва вазири донишманду бохиради ӯ Бузургмеҳр, шоҳ Хусрави II, Парвиз ва дигарон баъзе лаҳзаҳои муассиру хотирмон оварда шудаанд. Ин шоҳони соҳибхираду бомаърифат, нуктасанҷу ҷасур ва ғамхору меҳрубон барои бехатарии марзу бум ва афзоиши иқтидори давлату кишварҳои паҳновари худ, як қисми Осиёи Марказиро дар масоҳати то ҳудудҳои Чину Ҳиндустон, Ироқу соҳилҳои баҳри Ҳазар фаро мегирифтанд, барои ба низом даровардани қонуну қоидаҳои ҷомеа ва ҳимояи ҳуқуқҳо, шаъну шарафи мардуми сарзаминашон, баҳри рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт, тиҷорату ҳунармандӣ, илму фарҳанг, барои беҳбудии зисту зиндагонии фуқарои хеш басе ҷаҳду талошҳо кардаанд. Ин ҷо ҷоиз медонем, ки аз натиҷаи сиёсати оқилона ва фаъолияти ибратбахши баъзеи онҳо ҳамагӣ се мисол оварем.

**Мисоли якум**. Куруши Кабир (асри VI то милод) дар «Эъломияи ҳуқуқи инсон»-и худ, ки дар таърихи башарият муҳимтарин ҳуҷҷати оид ба ҳуқуқи одам маҳсуб мешавад, чунин изҳор доштааст (мазмунан): То рӯзе, ки зинда ҳастам ва Худованд подшоҳиро ба ман арзонӣ доштааст, ҳамаи қавму миллатҳои кишвари паҳноварамро озоду баробарҳуқуқ эълон мекунам, намегузорам, ки касе ба дигаре ситам кунад, яке ҳаққи дигареро зӯран аз худ намояд: бо тамоми ғайрат баҳри беҳбудии рӯзгори нотавонону камбизоатон кӯшиш хоҳам кард, ситамкоронро ба ҷазо хоҳам расонд. Ман эълон медорам, ки ҳар кас дар интихоби дину мазҳаб ва касбу кор тамоман озод аст, касе ҳақ надорад дигареро таҳқир кунад; занону мардон дар

ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт ҳуқуқҳои якхела доранд. Ман ҳеҷ гоҳ ба он роҳ намедиҳам, ки мардон ва занонро бо номи барда, каниз ва номҳои дигар бифурӯшанд ва шаъни инсонро паст бизананд. Ҳар як инсон ҳуқуқи зиндагонӣ ва молу мулк дорад. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба зиндагии дигаре халал расонад, ҳуқуқи дигареро поймол кунад, хилофи ахлоқи шоистаи инсонӣ рафтор намояд. Инсон ва ҳуқуқҳои он муқаддасу дахлнопазиранд…

Чунон ки мебинем, ин ҳуҷҷати хирадмандонаи Куруши Кабир ҳанӯз дуним ҳазор сол қабл аз рӯзгори мо озодӣ ва ҳуқуқҳои инсонро муқаддасу дахлнопазир эълон карда буд. Ва бояд тазаккур дод, ки «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар», ки 10 декабри соли 1948 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, дар бисёр бобатҳо ба Эъломияи Куруши Кабир шабоҳат дорад. Боиси ифтихори бузург аст, ки халқҳои ҷаҳон аз ин ганҷи бебаҳои хазинаи сиёсатмадории халқҳои эронитабор бархӯрдор шудаанду нуктаҳои онро баҳри манфаатҳои аҳли башар истифода кардаанд.

**Мисоли дуюм**. Аз ҷониби арбобони барҷастаи давлати ниёгонамон ба нақша даровардан, бунёд кардан ва ба кор андохтани Шоҳроҳи Бузурги Абрешим яке аз комёбиҳои дурахшони афкори давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Таърих гувоҳ аст, ки ин Шоҳроҳи бузург қарнҳо дар бобати пешравии бисёр давлатҳои аҳди қадим ва асрҳои миёна нақши басе муҳим бозидааст. Шоҳроҳи Бузурги Абрешим сарзамини аҷдодии моро бо Чину Ҷопон, Мисри қадиму Бобул, бо Ҳиндустону мамолики Аврупо мепайваст, ба сифати убургоҳи бархӯрди манфаатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сиёсию фарҳангӣ хизмат мекард. Бештарини давлатҳо, ки бо ин Шоҳроҳ сару кор доштанд, самтҳои асосии худро мутобиқи тиҷорату ҳамкории иқтисодиашон бо мамолики манфаатдор муайян мекарданд. Аз ин рӯ, Шоҳроҳи Бузурги Абрешим дар таҳкими сулҳу амният ва дӯстии байни давлатҳо низ мақоми калон дошт.

**Мисоли сеюм**. Бо ташаббуси шоҳи хирадманду бофарҳанги Давлати Сосониён Шопури I мобайнҳои асри сеюми милодӣ дар Эрон Фарҳангистони (Академияи) Гундишопур таъсис ёфт, ки он яке аз марказҳои бузурги таҳқиқу ҷамъбасти донишҳои

тиббӣ, ташхису табобати беморихо ва умуман яке аз марказҳои бонуфузи илму фарҳанги ҷаҳон маҳсуб мешуд. Ин намунаи барҷастаи сиёсати Давлати Сосониён дар бобати рушди илму фарҳанг мебошад.

Дар китоб доир ба Сулолаи Сомониён - нахустин давлати мустақил ва муқтадири тоҷикон ва асосгузори ин давлат Исмоили Сомонӣ – амири соҳибхираду дурандеш, соҳибтадбиру нуктасанҷ, ҷасуру тавоно, ботаҳаммулу мулоҳизакор, ватандӯсту фуқаропарвар ва одилу меҳрубон маълумотҳои ҷолиб оварда шудаанд. Маҳз ба туфайли сиёсати хирадмандонаю одилона ва фаъолияти пурсамару бобаракати Исмоили Сомонӣ ва ворисону пайравони ӯ - амирон Насри 2, Нӯҳ ибни Насри 2, Мансур ибни Нӯҳ 2, билхоса вазирони бомаърифату тадбирсози Оли Сомон - Абулфазли Балъамӣ, Абӯалии Балъамӣ, Абдулҳусайн Утбӣ, Абӯабдулло Ҷайҳонӣ Давлати Сомониён ба яке аз давлатҳои пуриқтидор ва бонуфузи асри IX-X табдил ёфт.

Бояд хотирнишон кард, ки бисёр мутафаккирону олимони қарнҳои гуногун сифатҳои волои давлатдорӣ ва шахсии амир Исмоили Сомониро бо камоли самимият ва ифтихори ҳақиқии инсонӣ васф кардаанд. Муҳаммад Наршахӣ дар асари машҳури худ «Таърихи Бухоро», Ибни Исфандиёр дар «Таърихи Табаристон», Маҳдии Ҳиравӣ дар «Зинат-ул-маҷолис», Бобоҷон Ғафуров дар «Тоҷикон», олимони номдор В.В.Бартолд, А.Ю. Якубовский, Н.Неъматов, А.Мухторов ва дигарон ба симои сиёсӣ, хиради сиёсӣ ва ҷасорати сиёсии Исмоили Сомонӣ баҳои басе ҳаққонӣ ва беғаразона додаанд. Масалан, Муҳаммад Наршахӣ ва Ибни Исфандиёр ёдовар мешаванд, ки амир Исмоили Сомонӣ, бидуни шубҳа, шахси хирадманду боистеъдод, нуктасанҷу нуктафаҳм, марди далеру соҳибирода ва ниҳоят поктинату покназар буд. Амири бузург бошад ҳам, бо ҳамагон муносибати хоксоронаю меҳрубонона мекард, бо нерӯи ақлу заковат ва хушгуфторӣ таваҷҷӯҳи атрофиёнро ба худ ҷалб менамуд, чун хашм оядаш таҳаммул ва худдорӣ мекард. Худситоӣ ва шӯҳратҷӯӣ намекард, ҳамду саноро нисбати шахсияташ намеписандид. Дар раъю тадбир, лутфу эҳсон ва ҷавонмардӣ ҳам яктои замони худ маҳсуб мешуд. Вай фиребгарону ситампешагон, ришвахӯрону

тамаллуккорон ва беинсофону фориғболонро чашми дидан надошт ва дар ҳаққи онҳое, ки нисбати мардум бедодгариро раво медиданд, ҷазоҳои сазовор муқаррар мекард. Бо ҳамаи табақоти ҷомеа робитаи доимӣ дошт, аз аҳволу эҳтиёҷоти эшон воқиф буд, дар ҳаққи бечорагону дармондагон ғамхории падарона зоҳир мекард ва ҳоказо.

Маҳдии Ҳиравӣ дар асари хеш «Зинат-ул-маҷолис» овардааст, ки амири некафъолу некрой Исмоили Сомонӣ дар рӯзҳои сарди барфу борон савора ба майдони назди Арки Бухоро мерафт, то агар касе ҳоҷате дошта бошад, ба ӯ арз кунад. Чун аз майдон берун меомад, ба сӯи маҳаллоти шаҳр ва атрофи он мешитофт ва ба хонаҳои мардум назар меандохт. Агар аз хонае дуд набарояд ва ё равшание ба чашм нарасад, вориди он хона мешуд, аз аҳвол воқиф гардида ба мутасаддиёни худ амр мекард, ки бидуни таъхир ба эҳтиёҷмандон сӯзишворию шамъ ва агар лозим бошад, кӯрпаю ҷома ҳам оварда бидиҳанд. Боре аз Исмоили Сомонӣ суол карданд, ки барои чӣ ӯ ба амсоли салотини дигар дар рӯзҳои сарди пурбориш дар хона фароғат намекунаду дар кӯчаҳо мегардад, ӯ ҷавоб дод: оромию фароғати фуқарои ман оромию фароғати банда аст, агар фуқарои кишвар осудаю беташвиш бошанд, ман низ осудахотиру фароғатҳол хоҳам буд…

Аксарияти мутлақи муҳаққиқону муаррихони ҳолдон бар онанд, ки Исмоили Сомонӣ маҳз ба туфайли чунин сифатҳои шоистаи сиёсатмадорӣ ва инсонии худ сазовори эҳтирому эътиқоди беназири мардуми кишвараш гардида, мамлакатро ба зинаи баланди тараққиёт расонида буд. Дар ҳақиқат дар давраи амир Исмоили Сомонӣ ва ворисони арзандаю хирадманди ӯ бунёдкорию ободонӣ ба авҷи аъло расиданд, зироаткорию боғдорӣ ва чорводорӣ хеле пеш рафтанд, иншоотҳои калони обёрӣ сохта шуданд, истеҳсоли маъданҳо ва коркарди онҳо, касбу ҳунарҳои бофандагию чармгарӣ, шишагарию кулолгарӣ, заргарию кандакорӣ ва ҳоказо, шаҳрсозию меъморӣ, тиҷорат ва муомилоти пул рушду афзоиш ёфтанд. Дар пешрафти адабиёту санъат, илму фарҳанг Давлати Оли Сомон дар замони худ мавқеи намоёнро ишғол мекард. Маҳз дар ҳамин давра раванди

ташаккули халқи тоҷик дар худуди Мовароуннаҳру Хуросон анҷом пазируфт ва забони форсии дарӣ (забони тоҷикӣ) ба сифати забони давлатӣ ва илму фарҳанг эътирофу поянда гардид. Аз ин ҷост, ки давраи мавҷудияти Давлати Сомониён дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун даврони тиллоӣ маҳсуб мешавад.

Боиси ифтихори мо, тоҷикон аст, ки дар давру замонҳои мухталиф бисёр давлатдорону сиёсатпешагони дунё, бахусус сарварони давлатҳои Шарқи мусалмонӣ дар фаъолияти мамлакатдории хеш аз таҷрибаи ибратбахши Давлати Сомониён ва тарзи корбарии амирони он ба хубӣ истифода кардаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ҳангоми суханрониаш дар маросими ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён изҳор дошт, ки таҷриба ва сабақҳои таърихии давлатдории Сомониён дар таърихи башарият хеле камназиранд ва ин сабақҳо барои миллати тоҷик сарчашмаи муҳимми худогоҳӣ ва хештаншиносӣ буда, дар оянда баҳри таҳкими Давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон, таҳия ва амалӣ гардондани сиёсати оқилонаю дохилии хориҷии он ба сифати намунаи ибрат хизмати муфид хоҳанд кард.

Муаллифи китоб баробари нишон додани фаъолияти ибратомӯзи сиёсатмадории арбобони бузурги давлатии халқамон аз сиёсати харобкоронаю ғоратгарона ва хунхоронаи хонҳо ва амирони сулолаҳои туркону муғулон - Ғазнавиён, Қарахониён, Салҷуқиёну Чингизиён ва Темуриёну Шайбониён низ, ки баъд аз Оли Сомон дар Осиёи Марказӣ арзи вуҷуд карда буданд, ёдовар шудааст. Дар китоб барҳақ таъкид мешавад, ки Султон Маҳмуди Ғазнавию Чингизхон ва Амир Темур (Темурланг) дар ғоратгарию хунрезӣ аз Искандари Мақдунӣ мондан надоштанд, онҳо барои ободу пуриқтидор гардондани кишварҳои худ чандин мамлакатҳоро ба хок яксон ва даҳҳо ҳазор одамонро қир мекарданд. Дар вақташ мутафаккири бузург К.Маркс ба сиёсати Темур баҳои ҳаққонӣ дода буд: «Сиёсати Темур аз он иборат буд, ки мехост ҳазорҳо занону кӯдакон, мардону ҷавононро азобу шиканҷа диҳад, ваҳшиёна ба қатл расонад ва бо ҳамин дар ҳама ҷо воҳима андозад».

Ин ҷо зарур медонем, ки як лаҳзаро таъкид намоем. Агар муаллифи китоб доир ба фаъолияту сиёсати амирони бехиради нотавон ва худпарасти манғити Бухоро аз Раҳимбию Дониён сар карда то Олимхон чанд сухан илова мекард, мақсад пурратару серҷилотар ифода меёфт. Дар вақташ аллома Аҳмади Дониш дар китобаш «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», баъдтар устод Садриддин Айнӣ дар асари худ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» тарзи давлатдорӣ ва башараи ҳақиқии амирони Бухороро хеле ҷолиб ба қалам додаанд. Ба гуфти устод С.Айнӣ чун сарири подшоҳӣ аз вуҷуди амире пироста мешуд, умури ҳукуматдорӣ ба дасти меросхӯри ӯ – манғити дигар мегузашт ва ҳамаи онҳо аз бехирадию ноӯҳдабароӣ, бераҳмию бедодгарӣ, фориғболию мардумозорӣ, ришвахӯрию мансабфурӯшӣ, айшу ишрат ва фисқу фасод аз якдигар монданӣ надоштанд. Ягон амири манғит ба ободонию бунёдкорӣ, ба пешрафти иқтисодиёт ва илму фарҳанги мамлакат, ба беҳтаршавии аҳволи мардум эътиборе намедод.

Натиҷаи чунин сиёсат буд, ки аморати Бухоро дар аҳди манғитҳо яке аз пасмондатарин, ноободтарин ва қашшоқтарин кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар он ҳанӯз тартибот ва муносибатҳои асримиёнагӣ ҳукмфармо буданд, мардуми аморат дар ҳолати беҳуқуқию бенавоӣ ва бесаводии саросар қарор доштанд.

Баъд аз тафсили ҳамаҷонибаи мақсаду вазифаҳои сиёсат, таърихи давлатдорию сиёсатмадории ниёгони халқи тоҷик муаллиф ба баёну тафсири намудҳои сиёсат ва рукнҳои он мепардозад. Сиёсати ҳар як давлат аз ду бахши асосӣ – **сиёсати хориҷӣ ва сиёсати дохилӣ** иборат аст. **Сиёсати хориҷӣ** фаъолияти давлат ва муносибатҳои онро дар арсаи ҷаҳон муайян мекунад ва ҳар як давлат сиёсати хориҷии худро дар асоси тартибу қонунҳои байналмилалӣ ба амал татбиқ менамояд. **Сиёсати дохилӣ** фаъолияти давлатро дар дохили мамлакат муқаррар мекунад. Сиёсати дохилӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад ва мутобиқан ба якчанд намудҳо тақсим мешавад: сиёсати иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати аграрӣ (оид ба соҳаи кишоварзӣ), сиёсати фарҳангӣ, сиёсати миллӣ, сиёсати ҳарбӣ, сиёсати оид ба

кадрҳо (сиёсати оид ба тарбия, пешбарӣ ва таъини кормандони роҳбарикунандаи соҳаҳои мақомоти давлатӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ, фарҳангӣ ва ҳоказо), сиёсати техникӣ, сиёсати молиявию пулӣ, сиёсати экологӣ (оид ба муҳити зист), сиёсати демографӣ (оид ба таркиб, миқдор ва танзими раванди афзоиши аҳолии мамлакат) ва ғайраҳо.

Ин ду бахши сиёсат - ҳам сиёсати хориҷӣ ва ҳам сиёсати дохилӣ байни худ робитаи ногусастанӣ дошта, баҳри иҷрои мақсади ягона, қабл аз ҳама барои ифода ва ҳифзи манфаатҳои давлат ва аҳолии он равона карда мешаванд. Сиёсати дохилӣ бо вазифаҳо ва хусусиятҳояш самтҳои асосии сиёсати хориҷиро муайян мекунад. Дар навбати худ сиёсати хориҷӣ барои иҷрои вазифаҳои сиёсати дохилӣ аз ҳар ҷиҳат мусоядат менамояд.

Ба ғайр аз ин ду бахши асосии сиёсат боз **сиёсати ҷаҳонӣ** низ вуҷуд дорад. Ин сиёсат вазифаҳои ҳамаи давлатҳои дунёро оид ба ҳалли дастҷамъонаи масъалаҳои (проблемаҳои) умумибашарӣ - пешгирии ҷанги ядроӣ, озуқаворӣ, сӯзишворӣ, захираҳои табиӣ, демографӣ, барҳам додани сатҳи пасти мамлакатҳои ақибмонда, истифодаи коинот ва сарватҳои уқёнуси ҷаҳонӣ баҳри манфиатҳои тамоми инсоният, мубозизаи ҳамдастона алайҳи амалиёти террористӣ ва экстремистӣ ва ғайраҳо. Ҳамаи давлатҳои бузургу хурди ҷаҳон, сарфи назар аз мавқею сатҳи инкишофашон, бояд баҳри иҷрои вазифаҳои сиёсати ҷаҳонӣ, яъне дар ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ, ки Созмони Милали Муттаҳид муайян мекунад, фаъолона ширкат намоянд ва саҳмгузор бошанд.

Муаллифи китоб бо камоли салоҳият ва соҳибназарӣ самтҳои сиёсати хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро мавриди баррасӣ қарор дода, комёбиҳои бебаҳси сиёсати хориҷӣ ва сиёсати дохилиро бо тамоми намудҳояш нишон медиҳад. Ҳамзамон муаллиф баъзе камбудиҳои ҷиддии сиёсати дохилӣ, бахусус намудҳои муҳимми он – сиёсати иқтисодӣ, сиёсати аграрӣ, сиёсати фарҳангӣ (оид ба инкишофи илму фарҳанг ва мактабу маориф), сиёсати оид ба кадрҳо, сиёсати молиявию пулиро хотирнишон мекунад ва барои бартараф кардани камбудиҳо ва ҳалли масъалаҳои душвори мавҷуда

маслиҳату таклифҳои муфид пешниҳод менамояд. Қабл аз ҳама ба иқтисодиёт ва сиёсати иқтисодӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад. Иқтисодиёт бунёди моддии ҷомеа, маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, пешрафт ва ё таназзули ҳар як мамлакат бевосита ба он вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд дар сиёсати иқтисодии худ бо назардошти шароиту имконияти мавҷуда самтҳои асосии рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишварро муайян карда, онро собитқадамона ба ҳаёт татбиқ намояд.

Мусаннифи китоб сабабҳои объективӣ ва субъективии ба миён омадани камбудиҳоро дар сиёсати дохилӣ бо мисолҳои раднопазир баён мекунад. Ба фикри ӯ яке аз сабабҳои асосии ҷой доштани камбудиҳо дар сиёсати иқтисодӣ ва сиёсати аграрию сиёсати фарҳангӣ он аст, ки роҳбарони масъули мақомоти дахлдор ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дастуру нишондодҳои Президенти кишвар ва нақшаҳои дарозмуддату кӯтоҳмуддати ҳукумати ҷумҳуриро дар бобати тадриҷан барқарор кардани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бо техникаи замонавӣ ҷиҳозонидани онҳо, ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои зарури маҳсулоти саноатӣ, зиёд намудани ҳосилнокии пахта ва дигар зироатҳо, дар бобати рушди илму фарҳанг ва ғайраҳо дар вақташ ба иҷро намерасонанд. Роҳбарони мазкур маҳз ба сабаби бесалоҳиятию ноӯҳдабароӣ ва бемасъулиятӣ нақшаю супоришҳои ҳукумати ҷумҳуриро дар амал татбиқ намекунанд ва бо ҳамин ба пешрафти иқтисодиёти кишвар ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии мардум монеъ мешаванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҳукумати ҷумҳурӣ бояд барои иҷрои ҳатмии нақшаю супоришҳои худ тадбирҳои самарабахш биандешад.

Андешаҳои муаллиф дар бораи сиёсати тарбия, пешбарӣ ва таъини кормандони роҳбарикунанда (сиёсати оид ба кадрҳо) ва дигар намудҳои сиёсати дохилӣ низ шоистаи таваҷҷӯҳ мебошанд. Кормандони роҳбарикунандаи дастгоҳҳои давлатию маъмурӣ ва хоҷагию фарҳангӣ дар асл иҷрогарони сиёсат ва нақшаю супоришҳои давлат, ташкилотчиён ва роҳбарони оммаҳои халқ буда, дар таҳкими давлатдории миллӣ, дар ҳалли муҳимтарин масоили иқтисодию хоҷагӣ ва фарҳангии кишвар

накши асосӣ мебозанд. Аз ин рӯ, сиёсати оқилона ва некбинонаи тарбия, пешбарӣ ва таъини кормандони роҳбарикунанда барои ҳар як давлату кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар сиёсати пешбарӣ ва таъини кормандони роҳбарикунанда қабл аз ҳама сифатҳои зарурии онҳо - қобилияти кордонию ташкилотчигӣ, поктинатию садоқатмандӣ ба халқу Ватан, ҳисси масъулиятшиносӣ ва меҳанпарастиро ба эътибор гирифтан лозим аст. Дар ин сиёсат ба ҳеҷ ваҷҳ ба маҳалгароию ошнобозӣ, ришвахӯрию тамаллуқкорӣ ва хешутаборчигӣ роҳ додан мумкин нест, зеро чунин рафтор на фақат боиси сусту корношоям гардидани идораи мамлакат ва тартиботу низом дар ҷомеа, балки боиси паст рафтани сатҳи иқтисодиёту фарҳанг ва шаъну эътибори давлат ҳам мешавад. Мо аз таҷрибаи таърихӣ медонем, ки дар давраҳои мухталиф маҳз ба сабаби ба вазифаҳои пурмасъулият таъин шудани шахсони нолоиқу носанҷида, нотавону фориғбол, худкому бесадоқат ва хиёнатгару бадният давлатҳои муқтадир сусту фасод гардида, рӯ ба инқироз ниҳодаанд.

Бо назардошти ҳамаи ин муаллиф таъкид менамояд, ки кормандони роҳбарикунанда, бахусус кормандони волорутба бояд дар рӯҳияи хоксорию фурӯтанӣ, поквиҷдонию садоқатмандӣ, ростқавлию фидокорӣ, ғамхору хизматгори халқ будан тарбия ёбанд. Онҳо ҳамеша дар бораи ободонии кишвар ва беҳбуди рӯзгори халқи хеш ғамхорӣ кунанд, ҳеҷ гоҳ манфиатҳои худро ба мадди аввал нагузоранд, ба васвасаи қасрсозию молҷамъкунӣ наафтанд, ба таърифу ситоиши носазои шаҳсияташон роҳ надиҳанд. Эшон ҳамеша бояд гуфтаҳои Мавлавии Балхиро дар хотир дошта бошанд:

*Мол аз ҳама монду аз ту ҳам хоҳад монд,*
*Он беҳ, ки ба ҷои мол некӣ монад.*

Дар бобҳои чорум, панҷум ва шашуми китоб масъалаҳои давлатдорӣ ва ҳаёти сиёсии ҷомеа - Ватан ва сиёсат, халқ ва сиёсат, дин ва сиёсат баррасӣ шудаанд. Ҳеҷ як Ватан, ҳеҷ як халқ бе давлат ва ҳеҷ як давлат бе сиёсат арзи вуҷуд ва

фаъолият карда наметавонанд. Сиёсати оқилонаю фаъолияти пурфайзи давлатдорони соҳибхирад, корномаҳои шоистаи онҳо аслан аз меҳри меҳану халқи хеш ибтидо мегиранд. Дар китоб манзараҳо ва табиати дилрабои Тоҷикистони мо, боигариҳои он, хислатҳои наҷиби халқи заковатманду заҳматқарин, бунёдкору мушкилнописанди тоҷик батафсил тасвир ёфтаанд. Маҳз меҳри ҳамин Ватану ҳамин Халқ самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунанд. Маҳз меҳри ҳамин Ватану ҳамин Халқ буд, ки дар кишвари мо ақлу идроки солим дастболо шуданду Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид ва мардуми ҷумҳурӣ ба ҳаёти осоиштаи созандагию ободкорӣ иқдом гузоштанд.

Дар китоб доир ба сиёсат ва дин, давлат ва дин фикру андешаҳои зиёде баён ёфтаанд. Ҳамагон медонанд, ки аз замонҳои қадим муносибати мутақобилаи давлат ва дин, сиёсат ва дин яке аз масъалаҳои муҳим ва дорои аҳамияти ҳалкунанда ба ҳисоб мерафт. Ҳамеша байни давлатҳо ва динҳо мубориза ва баҳсу талошҳо сурат мегирифтанд. Он давлатҳо ва сиёсатмадороне, ки аз рӯи ақлу заковат бо дини ҳукмрон муросою мадоро мекарданд, дар мамлакати худ осоишу созандагиро таъмин менамуданд. Ва давлатдороне, ки аз ӯҳдаи ин кор намебаромаданд, дар мамлакати мо ҳамеша байни давлат ва дин муборизаи оштинопазир идома меёфт ва ин аксар вақтҳо бар зарари халқу кишвар ба анҷом мерасид. Масалан, амири волохирад Исмоили Сомонӣ дар қаламрави давлати худ мақоми дини исломро хеле баланд бардошт, дар қатори девонҳои дигар Девони қозиётро низ таъсис дод, ки ба он Шайхулислом (Саррӯҳонӣ) сарварӣ мекард ва он, ба гуфти академик Б.Ғафуров, «дар Давлати Сомониён мавқеи бузург дошт». Исмоили Сомонӣ тамоми корҳои риояи оинҳои дини ислом, шариат, таълиму тадрис, тарбияи маънавии аҳолии мамлакатро ба ӯҳдаи Шайхулислом вогузор карда буд. Ҳатто баъзе фармону дастурҳои амир бе фатвои ӯ ба иҷро намерасиданд. Вале амири оқил аз Шайхулислом хоҳиш намуд, ки ба корҳои давлату сиёсат дахолат накунад, зеро сиёсат ва мулкдорӣ вазифаи давлат ва маъмурони он мебошад. Маҳз ба сабаби он ки Шайхулислом ва диндорон ба корҳои давлат

дахолат намекарданд, Давлати Сомониён ба чунин қудрату тавоноӣ ноил гардид.

Муаллиф дар бораи давлати дунявӣ, муносибати он ба дин фикру андешаҳои зиёде ба миён мегузорад, ки аксари онҳо шоистаи таваҷҷӯҳанд. Вале баъзе мулоҳизаҳои ӯ доир ба мақоми муфиду таъсири файзбахши дини ислом дар ҷомеаи мамлакатҳои мусалмонӣ қобили қабул нестанд. Мо аз таърихи гузаштаи мамлакатҳои мусалмонӣ ва аз таърихи муосир ҳам медонем, ки пешвоёни бадкешу бадnияти дини ислом ва рӯҳониёни иртиҷоъпараст дар пешрафти мамлакатҳои худ, бахусус дар рушди илму фарҳанг ва афкори пешқадам нақши хеле номатлубу манфӣ бозидаанд. Ҳол он ки вазифаҳои асосии ҳар як дин ва диндорон бояд аз тарбия аъзои ҷомеа дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, поктинатию некрафторӣ, ростқавлию ҳалолкорӣ, заҳматқаринию созандагӣ, дӯстию рафоқат, дастгирии фитодагону ятимон ва ҳоказо иборат бошанд. Сиёсатбозию фитнаангезӣ ва исёнбардорӣ дар асл кори динҳо ва сарварони онҳо нест. Дар кадом мамлакате, ки диндорон барои ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси давлати динӣ саъю талош карда бошанд, дар он ҷо ҷангу ҷанҷол ва хунрезӣ ба вуқӯъ пайвастаанд. Мисоли равшани ин Тоҷикистони мо мебошад, ки дар он ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта чунин талошу кашмакашҳо рӯй дода буданд. Оқибати пурфоҷиаи ин кашмакашҳо ба ҳамагон маълуманд.

Бояд гуфт, ки дар китоб ба масъалаҳои муносибати байни давлат ва дин, сиёсат ва дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистони кунунӣ эътибори махсус дода мешавад. Сохтори сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусияти давлат ва вазифаҳои он, инчунин мақоми дин (дини ислом) дар ҷомеаи мо дар Конститутсияи (Сарқонуни) ҷумҳурӣ муайян карда шудаанд. Дар моддаи якуми Сарқонун омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад». Лозим ба ёдоварист, ки давлати дунявии Тоҷикистон давлати ғайридинӣ, яъне давлати аз дин ҷудо маҳсуб мешавад. Ин ба ҳеҷ ваҷҳ давлати зиддидинӣ нест, маънои зиддидинӣ надорад. Моҳияту мақсади давлати дунявӣ он аст, ки давлат ба корҳои дин дахолат

намекунаду дин ба корҳои давлат. Моҳияти давлати динӣ бошад, тамоман хилофи давлати дунявист. Давлати динӣ фаъолият ва сиёсати худро дар асоси қоидаю қонунҳо ва таълимоти дини ҳукмрон ба роҳ мемонад. Дар мамлакате, ки давлати динӣ таъсис меёбад, сарварони дин инони давлатдориро ба дасти худ мегиранд, давлат ва сиёсат тобеи дин мебошанд.

Бояд таъкид кард, ки давлати дунявӣ аз дин рӯ наметобад, балки ҳамеша байни он ва сарварони дин муносибату робитаҳои тарафайн вуҷуд доранду онҳо дар бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ҳамкорӣ мекунанд. Масалан, давлати дунявии Тоҷикистон ва пешвоёни дину уламои мамлакат дар бобати бунёдкорию ободонӣ, пешрафти ҷомеа ва тарбияи маънавии мардум ҳамеша ҳамкорӣ мекунанду ҳамраъй мебошанд.

Дар боби ҳаштуми китоб раванди баргузоршавии чандин маъракаҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвир расидааст. Дар солҳои охир дар Тоҷикистон ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи (Сарқонуни) нав қабул гардид, дар мамлакат ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуд. Интихоботи Президенти ҷумҳурӣ дар асосҳои алтернативӣ, интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ бо ширкати аҳзоби гуногуни сиёсӣ, яъне интихоботи парламенти бисёрҳизбӣ, интихоботи Маҷлис миллӣ ва маҷлисҳои маҳаллии намояндагони халқ дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон иқдомоти муҳим ба ҳисоб мераванд. Дар ин боб муаллиф роҷеъ ба ҳашт ҷасорати меҳанпарваронаи Президент Э.Раҳмонов баҳри сулҳу салоҳ дар ҷумҳурӣ, баҳри ободонӣ ва шаъну эътибори он андешаронӣ кардааст.

Хулоса, ҳамаи масъалаҳое, ки дар асари калонҳаҷму фарогири профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд, аз бисёр ҷиҳат дуруст ва ҳақбинона баррасӣ шудаанд. Баробари ин бояд тазаккур дод, ки дар ин китоб, чун дар дигар асарҳои илмию оммавӣ, баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Ба андешаи мо дар китоб нақлу ҳикояҳои тӯлонии бемавқеъ ва дилгиркунанда ва такрору бозгӯиҳои ноҷою нолозим ба чашм мерасанд. Бо камоли диққат таҳриру ихтисор кардани онҳо китобро боз ҳам хонданию дилнишинтар

хоҳанд кард. Дигар ин ки дар китоб андешаҳои мантиқан хилофи якдигар низ дучор меоянд. Масалан, дар саҳифаҳои 63-66-и китоб арбобони давлатию ҳизбӣ Абдулло Раҳимбоев, Абдулқодир Муҳиддинов ва дигарон ҳамчун роҳбарони ноустувору ватанфурӯш ва муҷриёни ғояҳои пурзарари туркгароӣ, ҳамчун тоҷиконе, ки ифтихори миллӣ ва шуури миллӣ надоранд, мазаммату сарзаниш карда мешаванд. Аммо дар саҳифаҳои 421-448 Абдулло Раҳимбоев ба сифати арбоби барҷастаи давлатии волохираду соҳибтадбир, ҷасуру ғамхор ва ватанпарвари халқи тоҷик таърифу тавсиф карда мешавад. Мафҳум аст, ки дар асари илмию оммавӣ ба чунин дуфикрию думаъноӣ роҳ додан кори номатлуб аст, зеро ин боиси паст шудани қимати асар мегардад.

Умедворем, ки муаллифи нуктасанҷ дар нашрҳои ояндаи асари худ ин маслиҳатҳои некхоҳонаи моро ба эътибор хоҳад гирифт.

Дар охир бояд таъкид кард, ки камбудию норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти илмию амалӣ ва пандомӯзии асари «Сиёсатномаи асри XXI»-ро паст намекунанд. Ин асар дар ҳақиқат пандномаи муфидест оид ба оину қонунҳои сиёсату сиёсатмадорӣ ва давлату давлатдорӣ. Ин китобро барҳақ идомаи асарҳои машҳури ҳикматомези ниёгонамон – «Сиёсатнома»-и Абӯалӣ Ҳасан Низомулмулки Тӯсӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаонии Кайковус, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа Насриддини Тӯсӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-и Аҳмади Дониш ва дигарон номидан мумкин аст. Аз ин рӯ, асари профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» шоистаи табрикоту таҳният ва сазовори сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои олии давлатӣ мебошад.

***Феврал-маи соли 2004***

# АСАРИ АРЗАНДАИ АСР
## *(Ба ҷои тақриз)*

**Соли 2003 Нашриёти давлати ба номи Раҳим Ҷалили Хуҷандшаҳр асари олими намоёни тоҷик профессор Карим (Маҳмадкарим) Абдуловро таҳти унвони «Сиёсатномаи асри XXI» интишор намуда, дастраси мардум гардонд.**

Муаллифи мӯҳтарам китобашро бо соядасти хаттотӣ ва суханҳои самимонаи илҳомбахш ба камина низ тақдим дошт.

Қаблан бояд бигӯям, ки бо профессор Каримҷон Абдулов ғоибона шиносоӣ доштам, нигоришоти шавқовари ӯро дар матбуоти давлатӣ бо шавқу ҳавас мехондам, ҳаловат мебурдам, мухлисаш будаму мондам.

Вохӯрӣ ва иртиботи бевоситаи ман бо ин марди хоксору пуркору пурбор ҳамагӣ 2-3 сол собиқа дорад. Баъди шинос шудан бо ин асари бузургҳаҷм (анқариб 1000 саҳифа) ва пурмӯҳтавои ба намуд орову зебо, ба мазмун балеғу шево тақриз навиштанро барои худ ҳам қарзу ҳам фазл, ҳам фахру ҳам фараҳ дониста, хома ба даст гирифтам. Вале азбаски ба ин китоб тақризи олимони мутахассис – докторони улуми таърих профессорон С.Абдуллоев ва Ғ.Ҳайдаров дар саҳифаҳои аввали (5-12) худи ҳамин асар бо унвони «Номаи хирадмандон» зикр ёфта, муаллифон дар асоси мутолааи пурра ва таҳлилу тадқиқи амиқу ҳарҷониба баҳои сазовор додаанд. Ғайр аз ин, моҳи декабри соли 2003 бахшида ба ин асар конфаронси махсуси илмӣ – амалӣ доир гардида, дар он олимони варзидаи соҳаҳои гуногуни илми ҷумҳурӣ профессорон М.Бобохонов, И.Келдиев, Х.Муҳаббатов, М.Муллоаҳмадов ва дигарон маърӯзаву баромадҳо карда, баҳои баланд доданд. Ҳамчунин дар ҷаридаи «Паёми Душанбе» 9 июли соли равон мақола – тақризи муфассали профессор, таърихшиноси маъруф И.К.Келдиев чоп шуд, ба каминаи на сиёсатмадору на сиёсатшинос, на таърихнигору на таърихшинос, балки як фарди хештаншиносу меҳандӯсти кӯҳансол аз аҳли тиб пажӯҳидан ва ба қалам додани масоилу муаммоҳои мухталифи дар китоб баррасӣ шуда, ягон фикри бикр, сухани тару тоза, рақаму далоили «обнорасида» изофа намудан корест басо сангин. Ба

замми гуфтаҳои боло муаллифи асар, ки яке аз донишмандони нуктасанҷи бархурдор аз соҳаҳои мухталифи илму ирфон ва нотиқи оташсухану ҳақиқатгӯй, мунаққиду марди бебок, мунодии ҷаррор, марди одамдӯсту қадршинос, шахси солҳои зиёде дар деги сиёсат пухтаву дар оташи сиёсат гудохташуда асари хешро ончунон бо маҳорати баланди услубӣ, бо забони зебои тоҷикӣ ва бо сифати хуби нашриётӣ бидуни каму костиҳои ҷиддӣ иншо ва аз риштаи таҳрир гузаронида ба табъ расонидааст, ки зери танқиди сахт қарор додани он бароям амрест муҳол.

Оре «Сиёсатномаи асри XXI» маҳсули заҳмати чандсолаи донишманд буда, дар он масоили мухталифи сиёсатшиносӣ, минҷумла чӣ будани худи мафҳуми «СИЁСАТ», рукнҳои асосии он, давлат ва сиёсат, халқ ва сиёсат, ватан ва сиёсат, дин ва сиёсат ва ҳоказо баррасӣ шудааст.

Дар боби нахустини китоб, ки «Сиёсат чист?» ном дорад, муаллиф мафҳуми сиёсат, таърих ва моҳияти онро чунин изҳор доштааст: «Таҷрибаи таърихӣ гувоҳ аст, ки дар ҳамаи давру замонҳо ҳамон давлат ободу зебо ва муқтадир мегардад, ки мардумаш нозукиҳои сиёсатро дуруст дарк кунанд. Зеро таърих ва таҷриба собит месозад, ки кӯчактарин иштибоҳ дар мавриди фаҳмиши ҳақиқии сиёсат ва муносибат бо он сабаби инқирози давлат мегардад» (с.40). Пас дар оини давлатдорӣ дарки моҳияти асосии сиёсат ва татбиқи дурусти он барои пешрафти ҳамаҷонибаи давлат мусоядат менамояд. Аз ин хотир, - менависад муаллиф, лозим меояд, ки ҳар фарди ҷомеа нозукиҳои сиёсатро дуруст дарк кунад… Мутолааи китоби Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» бори дигар моро ба дарди халқу миллати худ, бурду бохти давлатдорӣ, ташаккули фарҳанги қадимаи хеш дар ҳамаи давру замонҳо расонида, водор месозад, ки дар заминаи эҳсоси ҳолатҳои ибратангези таърихи давлат ва мамлакати худ хулосаҳои даркорӣ барорем» (с.41).

Хонанда ҳис мекунад, ки китоб натиҷаи мушоҳада, омӯзиш, таҷриба, пажӯҳиши муаллиф буда, бо назардошти илму амали сиёсатшиносии муосир таълиф шудааст. Бо чунин ороиши хуб то ҳол китобе доир ба мавзӯи сиёсат, ба фикрам нашр нагардидааст. Ҳамчунин эҳсос мешавад, ки муаллиф масъалаҳои мураккабу

мубрам ва доғи имрӯзу дирӯзи сиёсиро шайъона (объективона), бидуни сиёсатбозиву замонасозӣ, бе инфиоли манфӣ, бе тарсу ҳарос, ҷасурона, одилона, софдилона, оқилона, олимона амиқу дақиқ ва ҳартарафа таҳлил намуда, хулоса бардошта нигоштааст. Китоб аз санаду бурҳонҳои марғуб саршор аст.

Маълум аст, ки бузургони ниёгони халқи тоҷик дар навиштаҷоти хеш дар хусуси ростӣ ва дурустӣ, некӣ ва накӯкорӣ, адлу инсоф ва беозорӣ, эҳсон ва мурувват, дӯстию рафоқат, ҳифзи обрӯ ва мавқеи инсонӣ панду ҳикмат ва насиҳатҳои зиёде аз худ боқӣ гузоштаанд. Каримҷон Абдулов дар китоби худ аз ин дурдонаҳо, мақолу зарбулмасалҳо, ҳадисҳои Муҳаммади пайғамбар, қиссаю ривоятҳои Қуръони шариф фаровон, ба маврид ва моҳирона истифода бурда, фикру андешаҳо ва таклифу дархостҳои хешро дар ҳалли ин ё он қазия тақвият дода, тибқи мақоли машҳури «Ростгӯиро ҳамеша роҳат дар пеш аст» амал кардааст.

Профессор Абдулов дар бораи ҳодисаҳои мудҳишу нангини солҳои навадум, ки дар таърихи тоҷикони қарни бисту як фоҷиаи миллат ба шумор меравад, бо ҳасрату ғамгинӣ, бо аламу сӯзи дил мегӯяд, ки дар ин солҳои наҳс миқдори ба ҳалокат расидагон нисбат ба солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ду баробар зиёд буд. Ин фоҷиаи миллат буд, ки таҳти шиорҳои пуч ва назарфиребонаи демократия, дунявият, башардӯстӣ, ҳифзи ҳуқуқ, иҷтимоӣ ва ғайра, дӯстӣ, рафоқат, адлу инсоф, ҳалолкорӣ, поквиҷдонӣ ва дигар хислатҳои гандаю ҷиноӣ, чун фиребгариву ҳаннотӣ, дурӯғгӯӣ, гапфурӯшиву ваъдабозӣ, қаллобиву қаззобӣ, иғвогариву дасисабозӣ, duздиву ғоратгарӣ, бесарусомонӣ, фисқу фуҷур, ҳаромкорӣ ва ғайраву ҳоказо супурданд. Қонуншиканиву ҷинояткорӣ авҷ гирифт, қудрати давлатдорӣ коҳиш ёфт, заиф гардид. Ин ҷанги шаҳрвандии бародаркуш, ки бо хиёнату амалиёти душманони ағлаб дохилии миллат ба вуқӯъ пайваста ва оқибатҳои бадтарин оварда расонда, халқу миллати тоҷикро дар байни оламиён беобрӯ сохт, бояд барои мо танбеҳ ва сабақи фаромӯшнашаванда гардад.

Як бахши китоби Каримҷон Абдулов ба интихоботи гузаштаи соли 2000 бахшида шуда, дар он муаллиф фикру анде-

шаҳои хешро оид ба саҳву хатоҳои дар раванди интихобот рӯй дода ошкор баён намуда, барои минбаъд роҳ нададан ба онҳо дархостҳои мушаххас манзур доштааст.

Камина таваҷҷӯҳи хешро ба як масъалаи бисёр нозуки баҳсталаб, ки муаллифи «Сиёсатнома» ба миён гузошта, бобати он андешаронӣ кардааст, ҷалб намудам. Ин масъала – баҳо додан ба фаъолияти шахсиятҳои намоёни таърихӣ ва воқеаҳои солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Дар ин хусус муаллиф бо олими шинохта, муаррихи ҳақиқатҷӯ ва ҳакгӯ профессор Имомназар Келдиев ҳамфикр шуда, нигоштааст: «Мутаассифона, бархе аз олимон, адибон ва сиёсатмадорони солҳои 60 ва замони мо (асри бистум) зимни таҳлилу баҳодиҳӣ ва хулосабарорӣ нисбати арбобони ҳизбию давлатии солҳои 20 - 40-уми асри бист баъзан аз сарҳади инсофи эътидол мегузаранд. Илова бар ин, эшон мафкураи ҷавононро бо афкори зараровари маҳалгароӣ ва миллатчигӣ ва бадбинии мардуми ғайритоҷик заҳролуд мекунанд» (с.419-420). Ва ҳамчунин мисол ба тасдиқи гуфтаҳои худ китоби Раҳим Масов «Тоҷикон: таърихи бо мӯҳри комилан махфӣ»-ро номбар кардааст. Гуфтаҳои Каримҷон Абдуловро ҷонибдорӣ намуда, изофа мекунам, ки ҳамин олими инқилобии таърих (ба ақидаи худаш ва чанде аз ҳаводораш) Раҳим Масов ҳанӯз соли 1991 китобе бо номи «Таърихи табартақсим» интишор кард ва аввалин шуда ба як амали носавоб – сарзаниши як зумра арбобони намоёни ҳизбӣ ва давлатии халқи тоҷик, ки дар айни камолот солҳои 1937-38 бо «гуноҳи» миллатчии буржуазӣ маҳбус шуда, ба қатл расидаанд ва ё бе ному нишон гаштаанд, шурӯъ карда рӯҳу равони эшонро азоб дод. Аз ҷумлаи онон Раҳим Масов бахусус ба фарзанди шоиста ва ифтихорманди содиқи тоҷик Абдулло Раҳимбоев «мушт ба гиребон шуда», ҳамаи гунаҳҳои замони «табартақсим»-ро ба сари ӯ бор кард ва номи неки ин марди фарзона ва барҷастаи миллати тоҷикро бо ҳар гуна роҳу равишҳои ношоиста, ҳатто бо дурӯғу тӯҳматҳо доғдор сохта, нафақат майнаи ҷавонон, балки зиёиёну роҳбарони ҷумҳуриро гиҷ ва масмум кард.

Алқисса, аз ҳамаи нигоришоти ба мавзӯи таърихи тақсимоти ҳудуди миллӣ бахшидашудаи ҷаноби Раҳим Масов бӯи

маҳалгароӣ ба машом расида, дилҳоро беҳузур месозад. (Дар бораи ин китоби Раҳим Масов мақолаи алоҳида навишта, дар он ба гуфтаҳои худ далелҳо меоварам. М.Р.).

Бо камоли таассуф бояд гуфт, ки ин иқдоми нохуби Раҳим Масов тайи 10-15 соли охир густариш ёфта, анқариб ба ҳукми анъана даромадааст. Ба назар мерасад, ки бархе аз уламову удабо ва аҳли зиёи тоҷик ифтихори миллиро пушти по зада (намедонам, бо чӣ мақсад бошад) ба сари намояндагони беҳтарин ва номбардорони шодравони халқи тоҷик мушт бардошта хатоҳои ночизи буда ё нобудаи эшонро филвор нишон дода, номи неки онҳоро доғдор месозанд: яке ба сӯи Айнӣ, дигаре ба ҷониби Турсунзода, сеюме ба тарафи Лоиқ, чоруме ба унвони Ғафуров ва дигарон санги маломат меғурронад ва агар ҳай-ҳай нагӯему пешгирӣ ва маҳкум накунем ин тоифа касон, аз эҳтимол дур нест, ки аз гиребони Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синою Хайём, Саъдию Ҳофиз ва дигар аҷдодони оламшумули мо низ гирифта, турбати эшонро бод дода, равонашонро азоб медиҳанд. Чунин амалиёт ба решаи ваҳдати миллӣ ва ифтихори таърихии халқи тоҷик пойтеша мезанад!

Аз хатоҳои техникии ба назар расидаи «Сиёсатнома» бояд инҳоро қайд намуд: 1) Абдулло Раҳимбоев дар Тоҷикистон Раиси Совети комиссарони халқӣ буд, на роҳбари Кумитаи ҳизби коммунистии Тоҷикистон (с.421); 2) Забони тоҷикӣ на соли 1932, балки соли 1933 забони давлатӣ эълон карда шуд (с.421).

Ҳаққо, дар ибтидои асри наву оғози ҳазораи нав ба табъ расидани китоби профессор Карим Абдулов АСАРИ АРЗАН-ДАИ АСР буда, омӯхтани он дониши таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва забони хонандаро ғанӣ мегардонад.

***М.Я.РАСУЛӢ,***
***донишманди тиб.***

# СИЁСАТНОМАИ АСРИ XXI

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-и профессор Карим Абдулов воқеан яке аз асарҳои бузургҳаҷми донишманди маъруфи кишвар аст, ки бо фарогирии мавзуоти хеш қобили таваҷҷӯҳ ва мавриди назарҳост.

Зимни номаи хирадмандон пешгуфтори С.Абдуллоев ва Ғ.Ҳайдаров оғоз гардидани асар ишора бар он аст, ки муаллиф ба муҳимтарину муқаддастарин унсури муайянкунандаи ҳастӣ – хирад такя месозад. Чунин муносибат намудани муаллифи асар заминаҳои суннатӣ ва ватанӣ доштанашро ҳам аз чакидаҳои заҳматқарини бузургтарин, бузургтарин афроди қаламкаши зинданом, бахусус Шайҳуррарис Ибни Синову Ҳакимон Фирдавсӣ, Низомиву Умари Хайём, Носири Хисрав ва дигарон, ки баҳраҳо аз хирад бардоштаанд, ба ҳукми даромадсухан саҳифагардон мегардад. Дар ин маврид басандааст бигӯем, ки барҳақ оғози «Шоҳнома» шоҳиди сиддиқи ин байт аст ва Ҳакими Аҷам чӣ басо шево фармуд:

*Хирад беҳтар аз ҳар чӣ эзид-т дод,*
*Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.*
*Хирад раҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳарду сарой…*
*Хирад чашми ҷон аст чун бингарӣ,*
*Ту бе чашм мадон ҷаҳон биспарӣ,*
*Нахуст офариниш хирадро шинос,*
*Нигаҳбони ҷон асту они сипос.*
*Ҳамеша хирадро ту дастур дор,*
*Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор.*

Ҳаким Умари Хайём меафзояд:

*Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,*
*Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.*
*Ин доираи ҷаҳон чун ангуштарест,*
*Бе ҳеҷ шакке нақши нигинаш моем.*

Ба ин манзур чун амиқан ва дақиқан ба мӯҳтавои асар назар андозем, мебинем, ки асари бузургҳаҷми Карим Абдулов бо фарогирии самти сиёсатшиносиии хеш асарест сермаводу пурмӯҳтаво. Аз ин нигоҳ китоби мазкур фарогири маводҳои таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ ва умуман давлату давлатшиносӣ буда, гоҳо аз ин доира ҳама фарозтар чашмандозӣ мекунад. Ба назари ин ҷониб чунон мерасад, ки чашмандозӣ ба муаллиф басо паҳндоман буда, дар чорчӯбаи танҳо сиёсатшиносӣ қарор намегирад, балки мутолиаи он имкони васеъ дошту диди фарохи муаллифро дар атрофи сиёсату аркони он, муносибату робитаҳои ин илм бо илму фарҳанг, афроду адён, халқу миллат ва дигар мушкилоти қарни сипарӣ гардидаи XX ва асри ҷадиди XXI то андозае, ки муаллиф имкони воқеӣ доштааст, таҷассум менамояд.

Таъкиди муаллиф: «Истиқлолият давлатдории навини тоҷикро ба вуҷуд овард. Аммо ин на дар ҷои холӣ, балки дар заминаи таҷрибаҳои даҳсолаи давраи шӯравӣ, ки марҳилаи аввали истиқлолияти Тоҷикистон буд, ба вуҷуд омадааст. Дафъатан бояд таъкид намуд, ки кишвари мо дар қарни XX ду маротиба соҳибистиқлол гардид: бори аввал соли 1924 бо ташкили Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон, ки (сиёсатмадорон он соҳибихтиёриро нисбӣ мегӯянд) ва баъдан соли 1991 истиқлолияти томи давлати Тоҷикистон аст, ки он сохтори сиёсии Тоҷикистонро тағйир дод, воқеан дуруст аст. Дуруст бар ин ваҷҳ аст, ки кишвари мо зиёда аз 70 сол душодуши ҷумҳуриҳои дигар, ки дар мавриди кунунӣ Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ унвон дошта, дар он рӯзгорон яке аз ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ қаламдод мегардид. Албатта соҳибихтиёриро дар он сурат нисбӣ донистан мумкин аст, ки роҳбарияти сиёсии кишвар пешбурди кори давлатдорӣ, имкони комилан мустақилона анҷом додани вазифа барояшон имконнопазир буд. Аз ин нигоҳ ҷумҳурии азизи мо, чунон ки Президент Э.Ш.Раҳмонов худ таъкид намуданд, дар ҷумлаи ҷумҳуриҳои тайёркунандаҳои маҳсулоти хом муаррифӣ мегардид ва умдатан дар дататсияи давлати абарқудрати сайёра - давлати Шӯравӣ қарор дошт. Ва боз ҷанги шаҳрвандӣ онро тамоман

хароб намуд. Албатта зиндагии мардум дар сатҳи миёнаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарор дошт, ки онро метавон неъмати Яздон баррасӣ намуд. Вале бо ин ҳама дастовардҳо, ки шояд аксари мардум ба шикастану рехтан ва маҳв намудани чунин давлати абарқудрат ҳатто дар хобашон ғунҷиш надошт, бубинед, ки амалан аз миён рафт. Ин гуна аз миён рафтани чунин империя ба як замони кӯтоҳ аз имкон берун аст, ки а) нодида гирифтани ҳаводис; б) сари вақт пешгирӣ накардани таҳаввулоти умумидунявӣ; в) муносибати бепарвоёна варзидан нисбати моҷарои умумии воридмегардидаи давлатҳо, бахусус давлатҳои Аврупо; г) ба ҳисоб нагирифтани тағйиру таҳаввули фикрӣ; д) саҳлангории мақомоти ҳизбиву давлатӣ нисбати тобеони хеш; ва аз ҳама муҳим е) такя намудан ба ахбори дурӯғини тобеони чоп. Ба суфуфи ҳизби абарқудрат бештар ворид гардидани афроди ғаразнок шикаст андар шикастро силсилабандӣ кард.

Дар баробари шикасти азиме, ки миллату давлати азизи мо аз сар гузаронид, афроди дурандеше чун профессор Карим Абдулов баҳри равшанӣ бахшидан ба бисёр масоили ҳаётан муҳим даст ба ифшои олами дарунӣ зада, як идда масоили заруриии ҳаётан муҳими ҷомеадориро рӯи коғаз оварданд.

Ҷиҳати арзишноки асар ба назари ин ҷониб чунон менамояд, ки он дар ҳамин шаклу таркибе, ки тарҳрезӣ гардидааст, намунаи хуби гуногунандешии афроди соҳибзавқро таҷассум намудааст.

Ингуна рӯҳияро дар пешгуфтори мӯҳтарам академик М. Шакурӣ метавон дид, ки навиштаанд: «Банда ҳаргиз намехоҳам Каримҷон Абдуловро аз марксизм берун кашам. Не, ҳаргиз! Фақат ҳаминро таъкид карданиам, ки дар ҷаҳонбинии ӯ носозгорие ҳаст ва онро ба тарзе эзоҳ додан лозим аст».

Ёдовар мешавем, ки зери як ҷилд роҳ ёфтани ду тарзи диди назар: яке андешаҳои муаллифу дигаре баёни мухтасари муқарриз академик М.Шакурӣ, ки дар пешгуфтори асар омадааст, моро аз гуногунандешиву плюларизми сиёсӣ, ки маҳаки умдаи ҷомеаи демократии шаҳрвандӣ дар рӯзгори кунунии мо маҳсуб мегардад, огаҳӣ медиҳад. Ба назари мо ба ин гуна асари калонҳаҷм танҳо роҳ ёфтани чунин пешгуфтор танҳо аз соҳибҷуръатӣ, хоксорӣ,

меҳнаткариниву софдилии олимонаи муаллиф гувоҳӣ медиҳад, ки бигзор хонанда худ қазоват намояд.

Бояд қайд намуд, ки илми сиёсатшиносӣ шохаи мустаҳками илмии давлати соҳибистиқлол аст. Дар ин замина тамоми суханрониҳову паёмҳои таърихии сарвари кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов аксаран ба тарафҳои аёну ноаёни ин илм равона гардидаанд, ки омӯзиши онҳо мардумро ба бедории сиёсӣ, дарки замони нав, рушду нумӯи давлату давлатсозӣ, дурнамои роҳу усули ҷомеадорӣ, муносибатҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ ва даҳҳо чунин мушкилотро фарогир мебошанд. Агар ба таърихи ин илм камтар воқиф мегардиданд ва ҳатто дар ҷамъи курсҳои махсуси семинарҳо он роҳ намеёфт, зеро таърихи ҳизби абарқудрат яккатозу иқтисоди сиёсӣ ва коммунизми илмӣ аксари мавзӯъҳои ин илмро барг-баргу шохча-шохча чун моли меросӣ миёни хеш тақсим менамуданд.

Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби муаллифони пешгуфтор профессорон шодравон С.Абдуллоеву Ғ.Ҳайдаров аст, ки таъкид намудаанд: «…дар замони шӯравӣ на танҳо истиқлолияти Тоҷикистон, балки мустақилияти ҷумҳуриҳои дигари бародарӣ низ нисбӣ буд. Ин нисбият тақозо намекард, ки ҳар ҷумҳурӣ сиёсати худро дошта бошад. Пас, чун илми махсус зуҳур кардану тараққӣ ёфтани илми сиёсатшиносӣ зарурат надошт, зеро тамоми самтҳои сиёсати берунӣ ва дохилии ҷумҳуриҳои бародар аз марказ муайян карда мешуд. Сиёсати ягонаи шӯравӣ имкон намедод, ки илми мазкур дар ҷумҳуриҳо ривоҷ ёбад…»

Аз ин нигоҳ, баробари ба истиқлол расидани ҷумҳуриамон аввалин рукни муайянкунандаи ҷомеаи илми сиёсатшиносӣ ба вуқӯъ пайваст, ки акнун дар аксари мактабҳои олии мамлакат ҳамчун курси таълимӣ омӯхта мешавад.

Мақоми Низомулмулк чунон арҷманд будааст, ки ҳатто шоҳзодагон дар рикобаш пиёда мерафтаанду шахсияташро гиромӣ медоштанд. Саволе пеш меояд, ки чунин азамати шахсияти садри аъзами Оли Салҷуқия аз куҷо сар зада бошад? Посухи ин чуну чароро аз тарзи зиндагиномаи садри аъзам - муаллифи «Сиёсатнома» месазад дарёфт, ки мегӯяд: «Зиндагии баққолон ва бозориён аз ман хубтар аст. Аз он ки эшон шомгоҳон дар ҳалқаи

зану фарзандон нон мехӯранд, ки муддати мудидест ба ман даст надода».

Ин андешаи вазири салҷуқиён, ки султон Маликшоҳ ба қалами худаш навишта, эътироф намудааст, ки

*Туро хуш аст, туро ҳар касе ба ҷои ман аст,*
*Маро бадтар он рӯз, ки ҳеҷ кас ба ҷои ту нест.*

Китоби Карим Абдулов аз нигоҳи ҷаҳонбинии имрӯза аз муҳимтарин арзишҳои давлатшиносии кунунӣ, аз зиндагиномаи ашхоси мухталифи гуногунмартаба ва аз сабақандӯзии фардиятҳои зиёд баҳс мекунад.

Ёдовар мегардем, ки муаллиф дар ибрози андешаҳои хеш навкор нест, балки ӯ шахсиятест, комилан соҳибтаҷрибаву рӯзгордида ва аз шебу фарози зиндагӣ воқифу огоҳ андӯхта.

Ӯ касест, ки бо истеъдоди ҷомеаписанди хеш ҳанӯз мавриди донишҷӯиву муаллимиаш ҳамчун «ректори хурд»-и донишгоҳ маъруфиятеро соҳиб гашта буд. Яъне азбаски Карим Абдулов аксари зинаҳои роҳбарикунандаро ҷиддӣ тай намуда, бисёр шахсиятҳоро аз наздик медонад, мисолҳои зикрмекардааш ҳама амаливу ҳастӣ ва сабақандӯз ба вуқӯъ пайвастаанд.

Қиммати арзишманди асар дар он зуҳур менамояд, ки муаллиф дар ифшои проблемаҳои иброз намудаи хеш аксаран дар муқоиса онҳоро корбаст менамояд. Баҳри боэътимоди далели меовардааш такя ба пораҳои назмиву насрии классикона ва зиндагиномаи афроди саршинос мезанад. Ин гуна муносибат намудани муаллиф агар аз як тараф асарашро хонданибоб гардонад, аз ҷониби дигар дар зеҳнияти шахс далоили зуҳургардоида накш мебандад ва аз тарафи дигар маводи он хотирмон ба вуқӯъ мепайвандад.

Гузашта аз ин, ба вуҷуд омадани чунин асари бузургҳаҷм ҳамовозии як тан зиёиро перомуни пешниҳоди сарвари давлат, ки таъкид менамояд: «Ба муаррихону сиёсатшиносон ва адибони нуктасанҷ лозим меояд, ки заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва фарҳангии истиқлолияти миллӣ ва давлатдории навини моро ҳамаҷониба омӯзанд, сабабҳои истиқлолиятро ба

мамлакатҳои дуру наздик муқоиса намоянд, ба ҳодисаҳои рӯйдода ва сатҳи ихтилофиятҳои дохилии ҷумҳурӣ ва бархурди манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат дар тақсими бозори ҷаҳонии ибтидои асри XXI баҳо диҳанд» ба бор омаданаш айни муддаост. Итминони комил дорам, ки омӯзиши «Сиёсатномаи асри XXI» ба бисёр масоили рӯзгори мардум, ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии одамон, муносибати давлат ва сиёсати он дар ин самт, навпардозиҳои давлатдории навин то андозае рушанӣ меандозад, ки дар кушодани муаммоҳо кӯмак хоҳад кард.

Ҳамин тавр муаллиф ин асари бузургҳаҷмро, ки маҳсули андешаронизҳои сисолаи хеш медонад, огоҳона ба ҳафт боб тарҳрезӣ менамояд. Ба назар чунон мерасад, ки бобҳои асар ҳар кадом дар ҷавҳари ҷонашон худ бахши ҷудогонае ҳастанд, вале амиқан, дақиқан ба мӯҳтавои онҳо сар фурӯ барем, мебинем, ки ҳам давлат ва ҳам Ватан ва ҳам халқу дину интихоботи сиёсат ба ҳам мепечанд. Яъне муаллиф аз шарҳу тафсири истилоҳи сиёсат оғоз карда, домансухани ин рисолаи бузургро ба як эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир интиҳо бахшидааст, ки мегӯяд: «То рӯзе, ки зинда ҳастам ва Маздо подшоҳиро ба ман армуғон мекунад, кеш ва боварҳои мардумонеро ман подшоҳи онҳо ҳастам, гиромӣ бидорам ва нагузорам, ки фармонфармоён ва зердастони ман кешу оин ва дину равиши мардумони дигарро паст бидоранд ва ё онҳоро биёзоранд.

Ман, ки имрӯз афсари подшоҳиро бар сар ниҳодаам, то рӯзе, ки зинда ҳастам ва Маздо подшоҳиро ба ман арзонӣ карда, ҳаргиз фармонравоии худро ба ҳеҷ мардумоне ба зӯр таҳвил накунам ва дар подшоҳии ман ҳар миллат озод аст, ки маро ба шоҳии худ бипазирад ё напазирад ва ҳар гоҳ нахоҳад маро подшоҳи Бобул ва кишварҳои робеъан ҳастам, нахоҳам гузошт, ки касе ба дигаре ситам кунад ва агар касе нотавон буд ва бар ӯ ситаме рафт, ман аз вай дифоъ хоҳам кард ва ҳаққи ӯро гирифта ва баъд пас хоҳам дод ва ситамкоронро ба кайфар хоҳам расонд…

Ман эълон мекунам, ки ҳар кас озод аст, ҳар дину оинро, ки майл дорад, баргузинад ва дар ҳар ҷо ки мехоҳад сукунат намояд

ва ба ҳар гуна, ки мӯътақид аст, ибодат кунад ва мӯътақид ибодат кунад ва мӯътакидоти худро ба ҷо оварад ва ҳар касбу кореро, ки мехоҳад, интихоб намояд, танҳо ба шарте, ки ҳаққи касеро поймол нанамояд ва зиёне ба ҳуқуқи дигарон ворид насозад». Бори дигар моро ба кундаҳои тобноки ниёгони давлатдоронамон, ки ба ҳукми муаллим давлат ва ё нахустсиёсатмадори башарият маъруфияти азимеро касб намудааст, ошно месозад.

Ҳамин тавр «Сиёсатномаи асри XXI» чӣ аз нигоҳи зоҳир асари бузургҳаҷм (940 саҳ.) ва чӣ аз ҷиҳати ботинӣ фарогири маъхазҳову андешаронниҳои мантиқосони муаллиф мебошад, ки аз зери ин ҷониб ангуштнамост. Бад-ин маънӣ, асари мазкур дар шинохту маърифати илми сиёсати кунунӣ дурнамои диди дастнахурдаи муаллифро зимни сафҳа-сафҳаҳо, пора-пораҳо ба ҳаводорону дӯстдорон ва муштоқони ин илм пешкаш медорад, ки як гӯшаи роҳи навини давлатсозии миллиямонро мунаввар мегардонад. Аз ин нигоҳ китоби мазкур дастури чашмраси сиёсатшиносӣ буда, мутолиаи он ҷавонони хушзеҳни пешакардаи ин маслакро дар партави роҳи худогоҳиву башардӯстӣ тарбият менамояд. Кормандони аркони умури давлатиро дар роҳи давлатсозии миллӣ ҳидоят менамояд. Мардумро аз сиёсати пешгирифтаи сарвари давлат огаҳӣ медиҳад. Ва дар охир асари мазкурро шоиста бар он мебинам, ки ба мукофоти давлатӣ - ҷоизаи ба номи Сино пешниҳод гардад.

***Қурбон ВОСЕЪ,***
***Академики Академияи улуми иҷтимоӣ-педагогии Русия, профессор.***

# ДАСТУРИ ИЛМӢ ОИД БА ИЛМИ «СИЁСАТШИНОСӢ»

Ташаккули тафаккури сиёсии ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳими айём ва вазифаи муҳими илми «Сиёсатшиносӣ» мебошад. Ҳоло давлати ҷавони соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар давраи тақдирсоз – бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ қарор дорад, зиракии сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки аз омӯхтани таҷрибаи ҳаёт ва сиёсат ташаккул меёбад, аҳамияти махсус пайдо кардааст.

Китоби мазкур мутобиқи назария ва амалияи илми сиёсатшиносии муосир таълиф шуда, дар он рукнҳо ва паҳлуҳои пурпечутоби илми сиёсат, бахусус масъалаҳои фаҳмиши илми сиёсат, равобиту ҳамбастагиҳои сиёсат бо илму фарҳанг, давлат ва сиёсат, халқ ва сиёсат, дин в сиёсат, нақши инсонҳо, чеҳраҳои намоёни сиёсӣ ва фарҳангӣ дар таъриху сиёсати давлату мамлакатҳо бо далелҳои эътимодбахш таҳлил шудаанд.

Дар фасли алоҳидаи китоб - «Рукнҳои асосии сиёсат» муаллиф ҳамчун олими варзидаи соҳаи молия роҷеъ ба рукнҳои сиёсат ва омилҳои пешбарандаи онҳо сухан ронда, сабаби асосии пайдо шудани камбудиҳоро дар соҳаи молия, бонк, саноат, энергетика ва коркарди сарватҳои зеризаминӣ, ҳамкориҳои иқтисоди хориҷӣ, туризм, соҳибкорӣ дар нарасидани кадрҳои соҳибихтисос ва ташкилотчӣ мебинад (саҳ.130).

Муаллифи нуктасанҷ бо такя ба баромади раиси Ҳукумат Э.Ш.Раҳмонов сабабҳои пастравии қурби пули миллиро возеҳу равшан шарҳ дода, бо мақсади дар сатҳи давлатӣ амалӣ намудани талаботи замон, бахри беҳдошти баландшавии қурби пули миллӣ як қатор тадбирҳои судбахшро пешниҳод намудааст, ки ҷолиби таваҷҷӯҳанд (саҳ.171).

Муаллифи борикбин дар фасли «Давлат ва сиёсат» дуруст таъкид менамояд, ки мафҳумоти «сиёсат» ва «давлат» ҳар ду як мазмун, як вазифа, як мароми мақом доранд. Дар ин фасл муаллиф кӯшидааст, ки меҳвари бисёр рукнҳои давлатдориро бо такя ба осори ниёгонамон: «Авесто», «Шоҳнома», «Марзбоннома», «Бахтиёрпошо», «Сиёсатнома», «Қобуснома», бахусус «Сиёсатномаи»-и Низомулмулк, «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа

Насриддини Тӯсӣ, «Захират-ул-мулк»-и Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, «Кимёи саодат»-и Ғазолӣ, «Рисола дар назми тамаддун ва тамбовун»-и Аҳмади Дониш ва даҳҳо дигар асарҳои гаронбаҳо роҷеъ ба сиёсати давлатдорӣ, рушду камол, пешрафт ва бурду бохти давлатҳои мухталиф омӯхта бо шаклу усулҳои давлатдории муосири тоҷик муқоиса намояд.

Чунин асарҳо, таъкид мекунад муаллиф, натиҷаи фаъолияти амалии намояндагони табақаи болоии давлатӣ буда, айнияти замони хешро ифода мекунанд. Донистани хулосаҳои ҳар асар баҳри такмил додани ҳамаи рукнҳои давлатдорӣ пеш аз ҳама рукни сиёсии он мавқеи ҳалкунанда дорад.

Таълиф шудани китоби олим, файласуф ва сиёсатшиноси номвари тоҷик Каримҷон Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» дар ҳаёти илмию фарҳанги кишвари мо падидаи фараҳбахш маҳсуб мешавад.

Ин китоби бузургҳаҷм ва пурмуҳтаво, ки дар заминаи маъхазҳои хаттӣ, маводу мадорики фаровон, манобеъҳои рангини даврони гузашта ва муосир, хотираҳо ва мисолу далелҳои эътимодбахш матраҳ шудааст, дар қиёс бо асарҳои пешини муаллиф аз лиҳози доманаи таҳқиқ муҳтавои фарогирии матлабҳо ва истинод ба осорҳои донишмандони барҷаста имтиёз дорад.

Дар иртибот ба ин масъала Президенти кишвар Э.Ш. Раҳмонов дар китоби пурмуҳтавои худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» бамаврид таъкид намудааст: «Аз ин рӯ, ба ин муаррихону сиёсатшиносон ва адибони нуктасанҷ лозим меояд, ки заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва фарҳангии истиқлолияти миллӣ ва давлатдории навини моро ҳамаҷониба омӯзанд, сабақҳои истиқлолиятро дуру наздик муқоиса намоянд».

— Дар ҳамаи давру замон,- менависад муаллиф, - пешрафти давлат ва шаклу усулҳои давлатдорӣ аз ҳокимон, шоҳон, сарварон ва атрофиёни онҳо вобастагии зич доштанд. Давлатдори доною нуктасанҷ, сиёсатмадори оташинсухан, фидоии миллат, дорандаи дониши казоии фалсафаи дунявию илоҳӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва монанди инҳо метавонад давлаташро ба мурод расонад.

— Ҳамон давлатдоре, ки ба ҳаёти ҷомеаи хеш, - идома медиҳад муаллиф, - аз лиҳози фалсафаи дунявию илоҳӣ назар мекунад, бо хоксориаш имтиёз дорад, дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ аз корубор, зиндагии мардум воқиф аст, ғами онҳоро мехӯрад, дар ҳамаи ҳолатҳои душвори ҳаёт бо онҳост, ифтихори халқу миллаташ мегардад.

Дар иртибот бо ҳамин масъала дар фасли «Интихобот ва сиёсат» роҷеъ ба ҷасорати Президенти ҷумҳурӣ Э.Ш.Раҳмонов сухан рафтааст.

Дар китоб фасли «Дин ва сиёсат» мавқеи хоса дорад. Муаллиф роҷеъ ба таърихи динҳои мухталифи ҷаҳонӣ ва шохаҳои он маълумоти мухтасар дода, кӯшидааст, ки мавқеи динро дар бурду бохти инсоният, дунявияту илоҳияти он, таъсири рӯҳоният дар пешрафти таърих ва аксуламали онро зимни далелҳои мӯътамад баррасӣ ва натиҷабарорӣ намояд. Дар ин фасл тарафҳои мазҳабият, инкишофи он дар ҳамаи давру замонҳо хуб таҳлил шудааст. Бахусус дар бораи ҷараёни басо пурқудрати дини Ислом - Исмоилия маълумоти мукаммал дода шудааст.

Хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба мақоми дин дар ҷомеа ҷолиби таваҷҷӯҳанд. - Аз ҳама муҳимаш он, ки менависад муаллиф, - ҷомеа бо инкишоф ва пешрафти босуръати маънавии худ падидаҳои динро дигар карда натавонист, баръакс дар бисёр давлатҳо шуури динӣ мақоми хоса пайдо кард, пурқувват шуд, обутоб ва инкишоф ёфт. Аз тарафи дигар, илм беҳтарин арзишҳои диниро омӯхта, аз рӯи он амал мекунад. Хусусан масоили ахлоқ, дониш, дӯстӣ, рафоқат, осудагӣ, худдорӣ, боҳамоӣ ва амсоли инҳо дар пешрафти ҷомеаи инсонӣ чун падидаҳои объективӣ ворид шуданд ва то имрӯзу ҳама рӯз амал мекунанд. Пешрафти илмию техникӣ, кашфиётҳои бузурги назариявию амалӣ дар соҳаҳои атом, коинот, энергетика ва даҳҳо дигар бунёдкориҳо на фақат сабаби барҳамхӯрии дин нагардидаанд, балки барои пешрафти ҳақиқати эътиқоди динӣ кӯмак расониданд (саҳ.504).

Шарҳу тавзеҳи пурраи китоби гаронмояи илмии «Сиёсатномаи асри XXI» аз ғунҷоиши як мақола берун аст. Умед дорем, ки хонандагони арҷманд ақоид ва андешаҳои худро оиди китоби мазкур пурратару возеҳтар иброз хоҳанд дошт.

Китоби серғунҷоишу пурмуҳтавои профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» аз умқи назар хулосабардориҳои илмию фалсафӣ дар сиёсатшиносии тоҷик саҳифаи тоза буда, интишор гардидани он барои доираи васеи хонандагон, ба вижа сиёсатмадорон, давлатдорон, олимон, донишҷӯён ва мутахассисони илми сиёсатшиносӣ ҳамчун дастури илмӣ армуғони шоиста шуд.

***Ғафур ҲАЙДАРОВ, профессор,***
***корманди шоистаи илм ва***
***техникаи Тоҷикистон***

***Ҳабибулло ТОАТОВ, дотсент,***
***декани факултаи таърихи ДДХ***
***ба номи академик Б.Ғафуров***

# НОМАИ БЕҒАРАЗ АЗ СИЁСАТ

Дар даҳ соли истиқлолият илми сиёсатшиносӣ чанд чақрим аз ҳаёти воқеии ҷомеа қафо монд. Холигии маънавии ҷомеаро нашрияҳои ҳарзагӯй ва ёддоштҳои ашхоси мансабрафта пур кард. Аз ҳама беш насли наврас ва ҷавон зарари ҷиддӣ дид. Дар даврони истиқлолият аз илми ҷомеашиносии собиқа даст кашиду мунтазири тадриси сиёсати нав шуд. Асарҳои марбути сиёсат ва ҷомеашиносӣ хеле кам интишор мешуданд. Дар илми ҷомеашиносӣ сукут ҳукмрон шуд.

Бо ҳидояти Президент пас аз мулоқот бо зиёиёни кишвар соли 2001 ҷунбиш эҳсос гардид. Чоп шудани силсилаи мақолаҳои профессорон Талбак Назаров, Ҳомид Пӯлодов, Сафаралӣ Кенҷаев ба сиёсатшиносии нави ҷомеа асос гузошт. Ва инак, дар илми ҷомеашиносии мо баъди тадқиқоти пурарзиш аз ҷониби профессор Карим Абдулов таҳаввулот қуллан ҷиддӣ рух дод. Китоби «Сиёсатномаи асри XXI,» (нашриёти ба номи Р.Ҷалил, Хуҷанд, 2003) пажуҳиши оммафаҳм барои тамоми тафаккурҳои нав маҳсуб мешавад. Муаллиф дар ибтидои китоб хирадмандона таъкид намудааст: «Ҳар сиёсатмадоре, ки таърих, пайдоиш, инкишоф, таназзули давлати ниёгони хешро донад, ғурури миллиаш баланд бошад, ватани хешро дӯст дорад, анъанаю суннатҳои миллаташро ҳимоя кунад, нутқи бурро, мантиқи оҳанӣ, даъватҳои шӯълавар дошта бошад, метавонад, қофиласолори халқи хеш гардад. Доштани чунин фазилат гарави асосӣ ва ҳалкунанда барои шахсест, ки худро сиёсатмадор ё худ сиёсатдон меҳисобад. Исмоили Сомонӣ, Пётр 1, Ленин, Черчил, Рузвелт, Ҳумайнӣ, Фидел Кастро, Эмомалӣ Раҳмонов ва даҳҳо, балки садҳо роҳбарон ба шахсияти рӯшан ва суханҳои шӯълавари худ мардумро ба худ кашиданд. Хулоса, донишу амали олии хело муҳим хоси сиёсатмадор аст».

Маҳз барои сиёсатмадор маҷмӯи иттилооти ҷомеа дар шакли таҳлил ва хулосабарориҳо силоҳи муҳим аст. Ба таърихи қарни гузашта назар андозем, қариб ҳамаи абармардони сиёсат набзи ҳаёти сиёсии ҷомеаро бо таҳлилу хулосаҳо чен

мекарданд. Қурби беҳамтои асар дар бахши ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад. Муаллиф дар асоси иттилоот таъриху ташаккули сулҳи тоҷиконро беғараз тадқиқ намудааст. Ихтилофшинос ва ризоияти ҷомеа бахши асосии илми сиёсатшиносӣ бошад ҳам, дар замони шӯравӣ он аз саҳифаҳои китобҳои фалсафа ва сиёсатшиносӣ дур монда буд. Профессор Карим Абдулов чи навъе, ки аз бобҳои алоҳидаи китоб ба назар мерасад, худ шоҳиди оғози ихтилофҳо ва таркишҳои фалокатбор дар ҷомеа буд. Хулосаҳои мантиқии муаллиф дар пажуҳиши раванди сулҳ дастоварди хуби илмӣ маҳсуб мегарданд. Ӯ бо истифодаи маводҳои дақиқ бархӯрди сиёсатмадорони Ӯзбекистон, СММ, САҲА, Русияро ба раванди сулҳ таҳлил намудааст. Мутаассифона, чунин табақабандӣ, хулосабарорӣ ба китобҳои дарсӣ то ҳанӯз ҳам ворид нагардидааст. Муаллиф барои тақвияти ҳамзистии минтақавӣ ҳафт пешниҳоди мушаххас иброз доштааст, ки баъдан дар як қатор протоколҳои маъмули Шӯрои Ассамблеяи генералӣ дар мавриди инкишофи сулҳ дар Шарқи наздик ва Афғонистон инъикос ёфтаанд.

Ташаккули командаи сиёсӣ баҳри идораи давлатӣ дар Ғарб кайҳо чун фунуни ҷомеашиносӣ маъруф аст. Агар ба таърихи Амрико ва Британия назар кунем, пайдоиш ва ташаккули тими сиёсӣ дар давлатдорӣ саҳми муносиб гузоштааст. Табиист, ки сарвари ин ё он давлат танҳо давлатро идора намекунад. Ӯ кабинети вазирон, мушовирон ва шохаҳои ҳукуматро таъсис медиҳад. Ва барои пеш бурдани сиёсати хеш тими сиёсӣ ташкил мекунад. Дар Ғарб ин таҷриба ба монеаҳо дучор намешавад. Зеро ҳангоми интихоби тими сарвар ба сифатҳои кори кадрҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Аммо дар шароити Осиёи Марказӣ дарди маҳалгароӣ дар интихобот монеаҳои ҷиддӣ пеш меорад. Масалан, ба Жак Шерак касе эрод нагирифт, ки навад фисади тими ӯ дар давраи ҳукмрониаш аз доираи муқаррабонии хеш иборат буд. Ё худ имрӯз Владимир Путин қариб ҳафтод фисад тими сиёсиашро аз доираи Петербург ва наздиконаш таъсис додааст. Агар ба чунин таҷриба такя намоем, мо ҳеҷ гоҳ ба

маҳалгароӣ рӯ ба рӯ намешавем. Аз ин рӯ, пешниҳоди профессор дар ин бахш хеле ҳам ҷолиб мебошад.

Дар мақолаҳои пароканда ҷомеашиносон дар мавриди равобити Тоҷикистон иттиллооти васеъ гирд овардаанд. Дар ин хусус тадқиқоти пурарзиши Талбак Назаров ва дипломат Рашид Олимовро қайд кардан зарур аст. Вале таҳлили чуқури равобити Тоҷикистон дар «Сиёсатномаи асри XXI» падидаи нав аст. Олим дар чиҳил пешниҳоди мушаххас самтҳои ҳамкории дурнамои Тоҷикистонро табақабандӣ намудааст. Бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон дар ибтидои истиқлолият баъди даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба Ғарб он қадар мақбул набуд. Илова бар ин расонаҳои иттилоотӣ воқеаҳои Тоҷикистонро ғаразнок ба манфиати саҳмиядорони геополитикӣ тасвир менамуданд. Чунин тасвири ғаразнок ва тӯҳматангез як қатор мамлакатҳои Ғарбро аз Тоҷикистон дур партофт. Маҳз дар дохили кишвар низ гурӯҳе ҳаст аз ҷомеашиносону ашхоси аз мансабрафта, ки манфиати шахсиашонро аз ифтихори миллӣ болотар гузоштанд. Профессор Карим Абдулов барҳақ қайд мекунад, ки бо назардошти як қатор омилҳои ба ҳам алоқаманд: ҷуғрофӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, тараққиёт ва ғайраҳо ба шакли умумӣ чаҳор минтақаи геополитикиро ҷудо метавон кард. Ҳар яки онҳо тахтаи шоҳмотро таҷассум мекунанд. «Ман ин метафораи профессор Бзежинскийро, ки дар мавриди тасвири геополитикаи Евразия аз он истифода карда буд, ба кор бурдам, ки дар майдонҳояш Тоҷикистон бо дигар давлатҳои дуру наздик алоқаи зич дорад, вале баробари он манфиатҳои миллӣ ва афзалиятноки хешро нигоҳ медорад».

Нигоҳ доштани афзалияти манфиатҳои миллӣ ба Тоҷикистон имкон бахшид, ки мавқеи сиёсии хешро дар Шарқ мустаҳкам нигоҳ дорад. Ба тадриз мамолики Шарқ иқдомҳои Президентро дастгирӣ менамоянд. Олими сиёсатшинос моҳияти дурнамои иқдомҳои сиёсии Президентро бо хулосаҳои дақиқ кушодааст. Тафсирҳои беғараз ва воқеӣ аз ҷониби Абдулов нерӯи сиёсии Тоҷикистонро ба ҷаҳон муаррифӣ менамояд.

Яке аз бахшҳои муҳими «Сиёсатномаи асри XXI» ин боби «Давлат ва дин» мебошад. Мутаассифона, дар 70 сол сиёсати даҳргари Иттиҳоди Шӯрави дин аз давлат ҷудо эълон шуда бошанд ҳам, дар муборизаи шадид ба ҳам набард мебурданд. Худи муаллиф иштирокчии фаъоли яке аз ин сангарҳо буд. Ва аз таҷрибаи набарди идеологӣ байни давлату дин китобҳо таҳия намудааст. Аз иштибоҳоти хеш хулоса бароварда дар «Сиёсатномаи асри XXI» онро пурра ислоҳ намудааст. Ин кашфиёти олим ӯро дар назди таърих сафед менамояд. Дин чун афкори ҷомеа бахши муҳими сиёсӣ аст. Мамолики Ғарб маҳз аз ин бим байни дину давлат марзи оҳанин гузоштаанд. Олими нуктасанҷ Карим Абдулов хеле мушикофона ҳамкорӣ ва ҳамзистии давлату динро тадқиқ намудааст. Бо далелҳои шавқовар иштибоҳоти диндоронро дар солҳои 90-ум нишон додааст. Набояд фаромӯш кард, ки ислом дар замони шӯравӣ зарбаҳои фалокатовар гирифт. Ва то андозае дастовардҳои пурарзишашро аз даст дод. Ва дар солҳои аввали истиқлолият барои озодии ислом як навъ мубориза мерафт. Олим дарк намудааст, ки бо мақсади ба даст овардани қудрати роҳбарӣ намояндагони дин кӯшишҳо ба харҷ додаанд.

Мутаассифона, дар ин бахш профессор ҳангоми тадқиқи шохаҳои ислом дар баробари пажуҳиши пурарзиш ба иштибоҳ низ роҳ додааст. Наҳзати исмоилия чун шохаи ислом дар таърихи тамаддуни Шарқ саҳми бузург дорад. Ин ҷунбиш баъдан ба фирқаи алоҳида табдил ёфта, Осиёи сағиру кабирро фаро гирифт. Дар аввали асри XX ҷараёни исмоилияи шиаи ислом ба яке аз ҷунбишҳои башарӣ табдил ёфт. Мутаассифона, муаллиф ба чанд тадқиқотҳои ғаразноки олимони Ғарб Аркон, Дерол, Иванов, Вегелман, Фарҳод Дафтарӣ такя намуда, ҷараёни исмоилияро ба иғво айбдор мекунад. Воқеан, имрӯз исмоилиёни шиаи исломи ҷаҳон чун ҳомиёни ислом дар мамолики мутамаддин маъруф мебошанд.Ва дар се қарни охир исмоилиёни ҷаҳон ба ягон амали ҷангҷӯ даст назадаанд. Маҳз бо иқдоми сарварони исмоилиён Имом Султон Муҳаммадшоҳ, Оғохон III ва Мавлоно Шоҳ Карим ал - Ҳусайнӣ, Оғохон IV дар 57 мамолики дунё шабакаҳои

тандурустию маориф, иқтисод созмон додаанд. Албатта ин камбудии ҷузъи қурби ин бобро коста намегардонад.

Дар як тафсири хурд комилан ҷой додани арзишҳои беҳамтои ин шоҳкорӣ имконнопазир аст. Танҳо ҳаминашро қайд намудан бамаврид аст, ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI» дастури пурбаҳо барои ҷомеашиносон ва сиёсатмадорон мебошад. Барҳақ профессор Қурбон Восиев онро мӯъҷизаи маънавии қарн номидааст.

***К.МАМАДВАФОЕВ,***
***Ш.ҚУРБОНОВ,***
***М.ПАЙШАНБИЕВ,***
***А.МУКАРРАМОВ.***
***ш. Хоруг.***

## АСАРЕ ЗИНДАГИОМӮЗ

Вақте ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI» навиштаи профессор Карим Абдуловро аз як дӯсти тоҷик гирифтам, бо оғози мутолиаи як сафари зеҳнӣ ҳам ба Тоҷикистони азиз намудам. Диёре, ки худро ба далоили мухталиф аз он бегона, ки ҳеҷ дур намедонам, ҷудо аз ин ки ба ҷузъиёти баҳсҳо ва меҳварҳои гуфтории ғунҷонидашуда дар китоби профессор Карим Абдулов ба диққат бипардозам. Хушҳолам аз ин, ки барои тармими фарҳанг, тақвияти нигариши иҷтимоии мардум ва қадаме дар ҷиҳати илтиҳоми захмҳои баҷомонда аз қалб бардошта мешавад. Талоши профессор Карим Абдулов ва соири соҳибназарон дар радифи эшон ҷудо аз ақоиди сиёсие, ки доранд, заминасозӣ як гуфтумони миллӣ байни тоҷикон ва доду ситади формалӣ бо соҳибназарони минтақаӣ мебошад.

Назар ба алоқаи хосе, ки худам дар ҳавзаи адабиёти кӯҳани Порс дорам, лозим аст, ки таҳсин кунам салиқаи муаллифро бар ин, ки дар мабоҳиси мухталиф шоҳиди мисолҳое аз сурудаи шоирони қадим ва ҷадидро ба зебоӣ овардаанд, ки дар тафҳими матлаб кӯмаки шоёне ҳаст. Албатта, бо мурури ин аср фикр мекунам, ҷойи як унвонбандӣ ва феҳристи мушаххас холӣ бошад. Ва равшан аст, ки дар он сурат хонандаи асар бо сарфи замони камтаре метавонист аз он баҳраи беҳинеро бибарад.

Нуқтаи дигар ин, ки ин асар бо забони форсӣ чоп шуда, талоши дигарест дар тақвияти хати форсӣ дар Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон.

Ва дар поён инро илова кунам, ки нақли қавли соҳибназарон, ақоиди сиёсии мухталиф ҳам кори судманде аст, ки хонандагони дақиқ ва нуктасанҷро ба доварӣ металабад.

Бахусус, ин ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон бо ҳаводисе, ки пушти сар гузошта андешаҳои зиёдеро таҳрик мекунад, то авзои худро дар ҳадди тавон таҳлил намоянд.

Ба ҳар ҳол хушҳол ҳастам, ки бо мурури ин асар бар иттилотам афзуда шуд.

***Сайид Насири Аҳмад. Муҷоб,***
***журналисти афғон,***
***10.02.1383 ҳиҷрии шамсӣ***

# МУҲОКИМАИ СУДБАХШ

Дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маҷлиси шиносоӣ бо китоби профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» баргузор шуд. Раиси Иттифоқи нависандагон М.Бахтӣ ҷамъомадро кушода, аввал Карим Абдуловро ба муносибати узви Иттифоқи нависандагон шуданаш табрик гуфт, сипас суханро ба таърихшиносии машҳури тоҷик Мансур Бобохонов дошт.

— Ман дар Донишгоҳи славянӣ аз «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» дарс мегӯям, - гуфт Мансур Бобохонов. - Ба шогирдонам аз ин фан дар мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла «Авесто», «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, асари барҷастаи мутафаккири асри XI-XII Мансури Муборакшоҳ ва дигарон корҳои курсӣ месупорам. Онҳо фарзандони миллатҳои гуногунанд ва бо ин китобҳо шинос шуда бисёр ба завқ, самимона ташаккур мегӯянд, ки онҳоро ба навиштани чунин рисолаҳо водоштаам. Аз ин рӯ, пеш аз шиносоӣ бо «Сиёсатномаи асри XXI» бисёр мехостам, ки аз китобҳои дар боло номбурда ҳикояҳо оварда шуда бошад. Хушбахтона, чунин аст. Аз ҷумла, дар боби «Сиёсат чист?» аз «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ин ҳикоятро нақл мекунад: «Бузургмеҳрро пурсиданд: - Сабаб чи буд, ки подшоҳии Оли Сосон ва имрӯз барои ӯ тадбир ва хираду дониши ту дар ҷаҳон вазире нест? Гуфт: - Сабаб ду чиз буд: Яке он ки Оли Сосон корҳои бузургро ба кордорони хурду нодон гузошта буданд ва дигар аҳли донишу хирадро харидорӣ накардаанд ва кор ба занону кӯдакон гузоштанд ва ин ҳардуро хираду дониш набошад. Ва ҳар гоҳе кор ба занону кӯдакон афтад, бидон ки подшоҳӣ аз он бихоҳад шуд. К.Абдулов аз ин ҳикоят чунин хулосаи дуруст мебарорад: «Оре, ин ҳукми таърих аст, дар тамоми давру замонҳо исбот шудааст, ки агар шоҳ беҳтарин сиёсатмадорон, ашрофони писандида, донандагони умури дунявию маънавӣ ва таърихи тамаддуни умумиҷаҳониро гирд оварда бошанд, бешакку шубҳа давлат обод мешавад ва мардум сиёсати онро мепазиранд. Вақте ки соҳибдавлат малакаи кофии сиёсатмадорӣ надорад, ба атрофиёни бефаҳм гӯш мекунад ва ба ошнобозӣ, маҳалгароӣ роҳ медиҳад, давлати ӯ ҳатман дер ё зуд ба шикаст дучор мешавад».

Дар китоб муаллиф аз асари академик Р.Масов «Таърихи тоҷикон бо мӯҳри комилан сиррӣ», ки дар бораи амалиёти

Файзулло Хоҷаев, Абдулло Раҳимов, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдурауф Фитрат, Абдураҳим Ҳоҷибоев зимни тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна қариб ду саҳифа иқтибос оварда онҳоро чун «сиёсатмадорони миллатфурӯш, бахри мансабу шӯҳрат, Ватану миллати худро рӯи рост фурӯхтанд» айбдор намуда аст, менависад: «баъди ин китобро хондан кас ба хулосае меояд, ки душмани ин миллати «тоҷдор» ватанфурӯшони тоҷик будаанд… Боварии кас намеояд, ки арбобони ҳамон давра, ки аз модари тоҷик ба дунё омада, дар шаҳру деҳаҳои тоҷикнишин ба воя расида, сиёсатмадорони давраи баъдиинқилобӣ шуданд, худро ӯзбек хонанд.

…Банда ҳамчун олим ва сиёсатмадор он қаламкашонро ки дар бораи чунин ватанфурӯшон, хиёнаткорони миллат асарҳо навишта, ҳақиқатро ошкоро нагуфтаанд, ҳаргиз намебахшам ва фикр мекунам ки ягон фарди тоҷик низ таҳрифкориро нахоҳад бахшид». - Дар иқтибоси боло, ки суханони муаллифи «Сиёсатномаи асри XXI» мебошад, - гуфт Мансур Бобохонов, - сухан дар бораи ду нуктаи муҳим меравад: яке фаъолияти арбобони тоҷик, ки дар замони тақдирсоз - ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон «хиёнат» карданд. Нуқтаи дуюм дар бораи олимоне мебошад, ки дар бораи ин ҳама «ҳақиқатро ошкоро нагуфтаанд».

Дар бораи нуктаи аввал ҳаминро гуфтаниам, ки баъзеҳо дар ин масъалаи хеле мураккаб бештар ба эҳсос дода мешаванд. Вазъияти он вақтро, воқеъаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX-ро, ки пантуркизм ба вуҷуд омад ва ривоҷ ёфт, ҳаматарафа надида, ҳукми қатъӣ мебароранд. Яъне онҳоеро, ки номбар шуданд, хоин, ватану миллатфурӯш мегӯянд. Ба ақидаи ман ҳам фаъолияти онҳоро дар ин масъала маҳкум кардан даркор, вале тамғаи «хоин, миллатфурӯш» ва ғайра норавост. Дар мисоли Абдуқодир Муҳиддинов фикри худро асоснок карданиам. Падари ӯ миллионер буд. Ба ҳамаатон маълум, ки дар нашри «Бухорои шариф», ки мо имрӯз иди матбуоти тоҷикро ба он нисбат медиҳем, ӯ фаъолона иштирок кардааст. Худи Абдуқодир Муҳиддинов, тавре ки ҳуҷҷатҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ҳаёти худро ба хатар гузошта дар ҷунбишҳои озодихоҳӣ ва

инқилобӣ фаъолона ширкат варзидааст. Дертар ба хатои худ сидқан иқрор шуд, барои манфиати тоҷикон талош кард ва ғайра. Ӯ дар он солҳо зери таъсири ҷараёни пантуркистӣ, ки хеле чуқур реша давонда буд, монд. Он вақт барои аксарияти зиёиён ба забони туркӣ сухан гуфтан, як навъ зуҳуроти донишу маданият ба ҳисоб мерафт, чуноне дар Россия дар асри XIX ҳарф задан ба забони франсавӣ.

Нуктаи дуюм, - сухани худро давом дод М.Бобохонов, - дар ин ҷо К.Абдулов ягон муаллифро, ки шахсони дар боло номбаршударо дидаю дониста маҳкум накардааст, нишон намедиҳад. Муаллифоне, ки дар бораи Абдулло Раҳимбоев ва дигарон мақолаю китоб навиштаанд, ба солҳои давраи шӯравӣ рост меояд. Он вақт ҳуҷҷатҳое ки баъдтар Р.Масов истифода кардааст, махфӣ буд ва олимон дар бораи онҳо маълумот надоштанд. Аз ин ҷиҳат суханҳои хеле сахти муаллиф беадрес мебошад.

Дар ҳар ду нукта аз рӯи ҳақиқат, бо мулоҳиза сухан гуфтан беҳтар аст. Он ҷое ки шумо мегӯед «барои аксарияти зиёиёни он давра ба забони туркӣ сухан гуфтан, як навъ зуҳуроти донишу маданият ба ҳисоб мерафт», ғалат аст, - эрод гирифт ба нотиқ Нависандаи халқии Тоҷикистон Урун Кӯҳзод, - дар ҳеҷ давр чунин набуд. – Бояд гӯем, ки «Сиёсатномаи асри XXI»-и К.Абдулов яке аз китобҳои бaарҷ ҳам аз нигоҳи маънӣ ва мавод аст, - гуфт профессор Имомназар Келдиев. – Китоб дар асоси бисёр асарҳои илмии дунёи қадим ва мутафаккирони замони гузаштаи мо навишта шудааст. Муаллиф мекӯшад, хулосаҳо барорад ва барои сиёсати имрӯза пешниҳодҳо мегузорад.

Сиёсат се бахш дорад: а) сиёсати дохилӣ, б) сиёсати берунӣ, в) сиёсати ҷаҳонӣ. Муаллиф тарафдори сиёсати ободгар аст, ки барои таҳкими миллат хизмат мекунад. Мақсади муаллиф нишон додани сиёсати хирадмандона аст.

Дар мавриди баҳси боло, ки сари хоин ва ғайра номидан ёраномидани он арбобони сиёсии охири асри XIX ва аввали асри XX рафт, гуфтаниам ки ман тарафдори Мансур Бобохонов ҳастам. Бояд гуфт, ки он олимони ин арбобонро «хиёнаткор» хонда, аз ҳуҷҷатҳо ва стенограммаҳо фақат қисми барои мақ-

садашон мувофиқро истифода кардаанд, вале аз он ҷо ҳамон қисми суханронии он арбобонро, ки ба манфиати халқи тоҷик аст, нагирифта, бадашро, ки гуфтед некашро ҳам бигӯед, он гоҳ асар воқеан илмӣ мешавад. Ҳуҷҷатҳо мегӯянд, ки маҷлиси ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳузури И.В.Сталин гузаштааст. Сталин ҳисоботи комиссияро шунидааст. Тарафдорон бисёр буданд. Вале Сталин баъди ҳамаро шунидан, хулоса кардааст, ки ҳоло дар Осиёи Миёна ҷангҳои зиёд рафтан дорад, намедонам, ки ин ҷангҳо бо чи меанҷомад, бинобар ин масъалаи ташкили ҷумҳурии алоҳидаи Тоҷикистонро ба баъд мегузорем. Бо ҳамин масъала хобонда мешавад.

Дар мавриди такмили минбаъдаи «Сиёсатномаи асри XXI» гуфтаниам, ки сари масъалаҳои нозук баргаштан лозим меояд. Масалан, дар мавриди дин, - гуфт И.Келдиев, - дар бораи дини қадимаи худамон Маздаясно ва паямбар Зардушт махсус бояд истода гузашт. Гавҳари тамоми динҳои дигар аз дини Маздаясно гирифта шудааст ва бисёр ҳикматҳои бузург дар Авесто омада ва ба роҳи нек, ростӣ, меҳнатдӯстиву табиатдӯстӣ ва мисли инҳо ҳидоятҳо мекунанд.

— Мо набояд муваффақиятҳои 70 соли шӯравиро нодида бигирем. Муаллифи «Сиёсатномаи асри XXI» дуруст мегӯяд, ки мо ба он солҳо баҳои ғалат надиҳем, - гуфт дар суханрониаш профессор Муҳаббатов. Узви вобастаи АИ М.Муллоаҳмадов вобаста ба андешаҳои К.Абдулов оид ба мавқеи фарҳанг ва маънавиёт дар ин асар сухан кард. Сипас Ҳ.Дӯстзода, В.Воҳидов ва нависанда Муҳаммадзамони Солеҳ дар сифати китоб бо эҳсос гап заданд. Дар охир профессор К.Абдулов ба ҷумлаи маърӯзачиён ва суханронҳо сипоси зиёд гуфт, махсусан ба маслиҳатҳои хубе, ки пеш ниҳоданд. Ва хабар расонд, ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI» ба хатти форсӣ дар Эрон чоп ва ба 150 китобхонаи маҳаллаҳои форсинишини ҷаҳон нусхаҳо фиристода шуд, дар Тошканд ба забони англисӣ ва дар Росия ба забони русӣ дар арафаи чоп аст. Қисми дуюми китоб, ки беш аз 40 ҷузъро дар бар гирифтааст, ба чоп омодааст.

***Зиё АБДУЛЛО***

# БАХШИ ДУВВУМ

# МУАРРИФӢ ДАР ИТТИҲОДИЯИ НАВИСАНДАГОН

**Рӯзи 3-декабри соли 2003-ум бахшида ба муаррифии китоби тозаэҷоди доктори илмҳои таърих, профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» бо иштироки адибон, файласуфон, сиёсатмадорон ва аҳли зиёиёни кишвар дар Иттиҳодия нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ барпо шуд.**

**Сухани ифтитоҳии раиси Иттиҳодияи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон нависанда Меҳмон Бахтӣ.**

Имрӯз бародари азизи мо Карим Абдулов сабабгор шуданд, ки дар ин ҷо ҷамъ шавем ва дар атрофи китоби «Сиёсатномаи асри XXI», ки ба қалами эшон тааллуқ дорад, фикру ақидаҳоямонро иброз дорем. Дар ин китоб К.Абдулов заҳматҳои фаровон кашидаанд, ки имрӯз пешкаши ҳамаамон гардидааст. Чаро мо ин конфронси илмиро маҳз дар бинои Иттифоқи нависандагон даъват намудем? Як ҷиҳати рамзӣ дорад. Ду рӯз пеш аз ин дар раёсати Иттиҳодияи нависандагон Карим Абдуловро ба узвияти Иттиҳодияи нависандагон якдилона қабул кардем. Ва ба ин муносибат шуморо аз номи тамоми кормандони Иттиҳодияи нависандагон ва аз номи ҳозирин табрику таҳният гуфта, ба шумо умри дароз, ризқи фароз, хонаи обод ва дар корҳои эҷодиатон муваффақиятҳои беназир таманно дорам. Ва боз орзумандам, ки ба монанди китобҳои дигаратон асарҳои пурмӯҳтаво ва хонданибоб баҳри мо иншо намоед.

Акнун шурӯъ менамоем ба гузаронидани кори конфронс ва рӯзномаи он чунин аст:

**1. Маърӯзаи профессор Қурбон Восиев доир ба мавзӯи аҳамияти илмию сиёсии «Сиёсатномаи асри XXI».**

**2. Маърӯзаи профессор М.Бобохонов «Мақоми китоби «Сиёсатномаи асри XXI» дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи мо».**

**3. Роҷеъ ба мавзӯи «Сиёсати хирадмандона - омили муҳимтарини пешрафти ҷомеа ва таҳкими давлатдории миллӣ» профессор Имомоназар Келдиев маърӯза мекунад.**

**4. «Сиёсатномаи асри XXI» – ҳамчун дастури муҳими таълимӣ барои донишҷӯён. Абдусалом Муҳаббатов доир ба ин мавзӯъ сухан мекунад.**

**5. Перомуни мавзӯи «Арзиши фарҳангии «Сиёсатномаи асри XXI»» олими шинохта М. Муллоаҳмадов баромад мекунад.**

Баъд аз ин дар атрофи баромаду маърӯзаҳои рафиқон метавонед баҳсу мунозира, саволу ҷавоб ташкил намуда, ҳатто ба тарзи хаттӣ фикру мулоҳизаҳоятонро пешниҳод кунед.

*Ҳозирини мӯҳтарам, дар ин конфронс азбаски бо баъзе сабабҳо профессор Қурбон Восеъ дер карда истодаанд, суханро ба профессор М.Бобохонов медиҳем.*

**Профессор М.Бобохонов:**

Мо имрӯз дар муаррифии китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-и профессор Карим Абдулов ҳузур дорем. Пеш аз он ки доир ба ин китоб ибрози ақида кунам, бояд дар бораи Карим Абдулов фикрҳоямро гӯям. Ҳама рафиқоне, ки дар ин ҷо нишастаанд ва ҳатто дар ҷумҳур ҳама ин шахсро мешиносанд. Ман бо Каримҷон аз солҳои донишҷӯӣ шинос ҳастам. Солҳое, ки Каримҷон дар Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон (ҳамон вақт Университети Давлатии ба номи В.И.Ленин буд) муаллим буданд, эшонро ҳама устодону донишҷӯён «ректори хурд» мегуфтанд. Барои чӣ Каримҷонро «ректори хурд» номида буданд? Барои он ки ин мард дар ҳақиқат оқилу доно, ҳушёру зирак, кордону тавоно, дар баробари ин ростқавлу инсондӯст ва ба ёру дӯстон ғамхору дилсӯз буданд ва ҳастанд. Китоби «Тӯдакаши миллат», ки ба қалами Карим Абдулов тааллуқ дорад ва дар ҳамин конфронс ба ман тақдим шуд, ростқавливу инсондӯстӣ ва ба рафоқат содиқ будани муаллифро нишон медиҳад. Муаллиф дар бораи ҳаёту фаъолияти академик Солеҳ Раҷабов бисёр суханҳои ҷолиб гуфтаанд. Меҳрубонӣ ва дӯстии Каримҷонро ман ҳам аз ҳамон солҳои донишҷӯӣ то ба имрӯз дар худ эҳсос мекунам. Ман ҳамаи китобҳои эшонро мутолиа кардаам. Дар шаҳру навоҳии кишварамон барои муаррифии ин китобҳо конфронсҳои илмӣ барпо шуданд ва ман яке аз ширкаткунандагони ин конфронсҳо будам. Акнун ду-се сухан дар бораи китоби «Сиёсатномаи асри

XXI» мегӯям. Ин китоб дар ҳақиқат ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати мазмун бисёр воло ва пурмӯҳтаво мебошад. Ман мехоҳам дар бораи як масъала, ки дар рӯзнома қайд шудааст, истода гузарам. Дар Донишгоҳи славянӣ аз таърихи тоҷикони ҷаҳон дарс мегӯям. Шогирдони мо реферат менависанд. Ба шогирдонам, ки аз миллатҳои мухталифанд, чунин маслиҳатҳо медиҳам, ки дар бораи Авесто, оини Зардуштӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва китоби «Ҳарбу зарб»-и ба наздикӣ ба табъ расидаи профессор Самиев реферат нависанд. Дар ин асарҳо сиёсат ва тарзи идоракунии давлат хуб нишон дода шудааст. Ва шогирдон бо шавқу завқи беандоза реферат менависанд. Ҳамзамон китоби «Сиёсатномаи асри XXI» ба монанди ин китобҳо барои рефератнависӣ ба шогирдону донишҷӯёне, ки илми сиёсатшиносӣ мехонанд, кӯмак мерасонад. Ин китоб дар асоси асарҳои сиёсатмадорони қадим, асри миёнаи Юнону Рим, мамлакатҳои Осиёю Аврупо ва Ҳиндустон, аз ҳама муҳимаш ин аст, ки дар асоси китобҳои ниёгони мо иншо гардидааст. Воқеан, мехостам, як чизро ба самъи шумо расонам. Дар китоби Карим Абдулов дар боби «Сиёсат чист?» аз ҷумла, аз «Сиёсатнома»-и Низомулмулк як порча ҳикояеро меоранд, ки ба назари ман хеле ҷолиб аст. Иқтибос меорам.

Дар бораи нуктаи аввал ҳаминро гуфтаниам, ки баъзеҳо дар ин масъалаи хеле мураккаб бештар ба эҳсос дода мешаванд. Вазъияти он вақтро, воқеъаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX-ро, ки пантуркизм ба вуҷуд омад ва ривоҷ ёфт, ҳаматарафа насанҷида, ҳукми қатъӣ мебароранд. Яъне онҳоеро, ки номбар шуданд, хоин, ватану миллатфурӯш мегӯянд. Ба ақидаи ман ҳам фаъолияти онҳоро дар ин масъала маҳкум кардан даркор, вале тамғаи «хоин, миллатфурӯш» ва ғайра норавост. Дар мисоли Абдуқодир Муҳиддинов фикри худро асоснок карданиам. Падари ӯ миллионер буд. Ба ҳамаатон маълум, ки дар нашри «Бухорои шариф», ки мо имрӯз иди матбуоти тоҷикро ба он нисбат медиҳем, ӯ фаъолона иштирок кардааст. Худи Абдуқодир Муҳиддинов, тавре ки ҳуҷҷатҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ҳаёти худро ба хатар гузошта дар ҷунбишҳои озодихоҳӣ ва инқилобӣ фаъолона ширкат варзидааст. Дертар ба хатои худ

сидқан иқрор шуд, барои манфиати тоҷикон талош кард ва ғайра. Ӯ дар он солҳо зери таъсири ҷараёни пантуркистӣ, ки хеле чуқур реша давонда буд, монд. Он вақт барои аксарияти зиёиён ба забони туркӣ сухан гуфтан, як навъ зуҳуроти донишу маданият ба ҳисоб мерафт, чуноне дар Россия дар асри XIX ҳарф задан ба забони франсавӣ.

«Бузургмеҳрро пурсиданд: - Сабаб чи буд, ки подшоҳии Оли Сосон барҳам хӯрд, ҳарчанд ту тадбиргари он будӣ ва имрӯз ба ройу тадбир ва хираду дониши ту дар ҷаҳон назире нест? Гуфт: - Сабаб ду чиз буд: яке он ки Оли Сосон корҳои бузург ба кордорони хурду нодон гузошта буданд ва дигар - аҳли донишу хирадро харидорӣ накарданд ва корҳо ба занону кӯдакон гузоштанд ва ин ҳардуро хираду дониш набошад. Ва ҳар гоҳ, ки кор ба зану кӯдакон афтад, бидон ки подшоҳӣ аз он бихоҳад шуд (Дар саҳифаи 62). Хулосаи муаллиф аз ҳамин гуфтаи Низомулмулк чунин бармеояд: «Оре, ин ҳукми таърих аст, дар тамоми давру замонҳо исбот шудааст, ки агар дар гирди шоҳ беҳтарин сиёсатмадорон, ашрофони писандида, донандагони улуми дунявию маънавӣ ва таърихи тамаддуни умумиҷаҳонӣ гирд омада бошанд, бе шакку шубҳа давлат ободд мешавад ва мардум сиёсати онро мепазирад. Вақте ки соҳибдавлат малакаи кофии сиёсатмадорӣ надорад, ба атрофиёни бефаҳм гӯш мекунад ва ба ошнобозӣ ва маҳалгароӣ роҳ медиҳад, давлати ӯ ҳатман дер ё барвақт ба шикаст дучор мешавад». «Сиёсатномаи асри XXI» –и Каримҷон Абдулов дар пайравии асарҳои сиёсии олимони пештара ва аз ҳама муҳимаш он, ки аз нигоҳи ҳақиқати имрӯзаи таърихи халқи тоҷик эҷод шудааст. Дар боби «Фалсафа ва сиёсат» фалсафа ва сиёсатмадории тоҷиконро дар мисолҳои хеле оддӣ ва пандомезу ҳикматомез инъикос кардааст. Яъне вохӯрии Мирзо Турсунзода бо шоҳи Эрон, меҳмонпарастии Бобоҷон Ғафуров, Турсун Ӯлҷабоев, Ҷаббор Расулов ва дигарон равшан ва возеҳ иншо шудааст. Дар ҳамин боб масъалаи фалсафаи сиёсат аз ҳар ҷиҳат пурра инъикос ёфтааст. Банда Каримҷон Абдуловро бо ин китобе, ки ҳақиқати имрӯза ва дар оянда дардхӯрди ҷомеа аст, аз тахти дил табрик мегӯям. Мехоҳам, дар ин лаҳзаҳо, диққати шуморо ба як нуқта ҷалб кунам. Дар китоби «Сиёсатномаи асри

XXI» муаллиф аз китоби академик Р.Масов бо номи «Таърихи тоҷикон бо мӯҳри комилан сиррӣ» дар бораи якчанд шахсони давлатдорони тоҷики солҳои аввали асри XX, минҷумла Файзулло Хоҷаев, Абдулло Раҳимбоев, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдурауф Фитрат дар ду саҳифа иқтибос овардaнд, ки чунин аст: «... чун сиёсатмадорони миллатфурӯш бахри мансабу шӯҳрат ватану миллатро рӯирост фурӯхтанд...». Баъди ин китобро хонда кас ба хулосае меояд, ки душмани ин миллати тоҷдор ватанфурӯшони тоҷик буданд. Боз муаллиф гуфтааст: «Боварии кас намеояд, ки арбобони ҳамон давра, ки аз модари тоҷик дар шаҳру деҳаҳои тоҷикнишин ба дунё омада, сиёсатмадорони давраи баъдиинқилобӣ шуданд, худро ӯзбак хонданд. Банда ҳамчун олим, сиёсатмадор қаламкашонеро, ки дар бораи чунин ватанфурӯшон, хиёнаткорони миллат асарҳо навишта, ҳақиқатро ошкор нагуфтанд, ҳаргиз намебахшам ва фикр мекунам, ки ягон марди тоҷик низ таҳрифкориро нахоҳад бахшид». Дар иқтибоси боло, ки суханҳои муаллифи китоби «Сиёсатномаи асри XXI» мебошанд, сухан дар бораи ду нуктаи муҳим меравад, якум дар бораи Файзулло Хоҷаев, А.Раҳимбоев ва дигарон мебошад, ки хиёнат кардаанд. Нуқтаи дуюм: сухан дар бораи олимоне меравад, ки ҳамин ҳақиқатро ошкор нагуфтанд. Ман дар бораи нуқтаи аввал гуфтаниям, ки баъзе ашхос дар ҳамин масъала аз нигоҳи имрӯза ба онҳо баҳо медиҳанд, албатта, онҳоро хоин, ватанфурӯш гуфтан зарур буд? Ба фикри ман ин нодуруст аст ва камбудии онҳоро эътироф кардан ва гуфтан зарур, лекин онҳоро миллатфурӯш, ватанфурӯш ва хоин гуфтан нодуруст аст. Боиси таассуф аст, ки муаррихони мо имрӯз дар Тоҷикистон бо эҳсос дар бораи гузаштагони мо сухан меронанд ва ҳатто лаънату дашном ҳам мехонанд. Бояд дар ин бора аз дигар миллатҳо таҷриба андӯзем. Ин суханҳои ман ҳаргиз маънои ошкор кардан ё чашм пӯшиданро надорад, аммо мардумро ба ҳаяҷону шӯр овардан, ва бо ҳам душман кардан, ин рафтори начандон хуб аст. Масалан, Абдуқодир Муҳиддинов ва дигаронро душмани миллат мегӯем. Якум, ки падари ҳамин шахс миллионери калони ҳамон давра буд, яъне Мансуров Муҳиддин чунин шахсе буд, ки дар нашр шудани рӯзномаи нахустини тоҷик «Бухорои Шариф»

хизмати шоиста кардааст. Имрӯз мо рӯзи матбуоти тоҷикро бо рӯзи нахуст нашр шудани ҳамин рӯзнома ҷашн мегирем. Дуюм, дар бораи ҳаёту фаъолияти А.Муҳиддинов маълумоти кофӣ надорем. Ҳамин одам инқилобчӣ буда, аз ҷавонӣ дар инқилобҳо, дар ҷунбишҳои халқӣ иштирок кардааст. Ва ман дар даст ҳуҷҷате аз бойгонии КМ ҲКИШ (ЦК КПСС) дорам. Ҳамон давра махсус ба Осиёи Миёна хат менависанд, ки баҳри хондан Муҳиддиновро ба шаҳри Маскав фиристонанд, зеро дар ҳамон давра ҳамин шахс одами босавод дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна, алалхусус, аз тоҷикон хело ва хело кам буданд. А.Муҳиддинов баҳри хондан ба шаҳри Маскав рафт, дар инқилоб фаъолона иштирок кард. Ба ғайр аз ин худаш иқрор шуд ва гуфт, ки «ман саҳв кардам» ва баъд аз ин хатогиҳояш ба рушди Тоҷикистон хизмат кард, пас чаро мо боз ӯро хоин мешуморем? Суханҳои банда он маъноро надорад, ки хатогиҳои А.Муҳиддинов ва дигаронро рӯйпӯш кунем. Албатта гуфтан зарур аст, лекин онҳоро хоин, ватанфурӯш ва хиёнаткор гуфтан аз рӯи адолат нест. Баъзеҳо мегӯянд, ки ман ҳеҷ гоҳ бахшида наметавонам, намедонам муаррихоне, ки дар замони мо, яъне имрӯз дар бораи ҳамин шахсон китоб нависанду онҳоро пинҳон дошта бошанд. Бародар вазъият тамоман дигар аст. Профессор И.Келдиев дар бораи Абдулло Раҳимбоев ва дигарҳо китоб навиштанд, офарин ба ин одам. Вақте ки профессор И.Келдиев ва академик Р.Масов китоб навиштанд, дар ҳамон солҳо бойгониҳо кушода буд. Дар замони шӯравӣ барои дидани бойгониҳо иҷозат набуд. Агар иҷозат мебуд, И. Келдиев ҳарду тарафи масъаларо инъикос мекарданд. Имрӯз мегӯянд, ки намебахшам, ман намедонам киро мегӯянд. Агар И.Келдиевро дар назар дошта бошанд, китоби ин шахс дар замони Шӯравӣ чоп шуда буд. Дар ҳузури шумо мехостам як чизро гӯям. Мо дар бораи «пантуркизм» кам медонем, яъне «пантуркизм» кай пайдо шуд? Моҳияти синфии «пантуркизм» ва моҳияти сиёсии онро намедонем. Мутаассифона, яке аз хатогиҳои асосии мо дар ҳамин аст. Оё мо метавонем бигӯем, ки Каримҷон Абдулов ҳуқуқ дорад, ки ба китоби худ «Сиёсатномаи асри XXI» ном гузорад? Ҳамагӣ 3 сол аст, ки дар асри XXI зиндагӣ дорем ва ҳоло 97 соли дигар дар пеш аст, аммо мо имрӯз мегӯем, ки ин китоби асри XXI

аст. Ман баъд аз шиносоӣ бо ин китоб ба чунин хулоса омадам, ки муаллиф ҳуқуқи пурра дорад, ки ба асари худ чунин номро монад, зеро бисёр мафҳумҳои муҳими инсонӣ, фалсафӣ ва ғайра, ки имрӯз мо онро муқаддас медонем, ин мафҳумҳо дар тамоми 97 соли боқимонда чунин мемонанд. Барои ҳамин ҳам китоби К.Абдулов ба ҳамин ном мувофиқат мекунад.

Китобҳои Каримҷон Абдулов сол аз сол пухтатар ва ҷолибтар мегарданд ва китобе, ки имрӯз мо дар бораи он сухан гуфта истодаем, исботи ҳамин гуфтаҳои ман аст. Инро ба инобат гирифта, ман аз Каримҷон як хоҳиш дорам: «Бародари азиз, шумо ҳамин корро карда метавонед. Як «наказ» ба шумо ҳамин рӯз. Дар Маскав соли 2001 як китоби бисёр аҷоиби Роберт Бринг аз забони англисӣ ба забони русӣ тарҷума шудааст. Ба ҳамин китоб ман шинос шудам, бисёр аҷоиб, аз таърихи давраҳои қадим нақл мекунад. Каримҷон, мо мехоҳем як бор ҳамин китобро хонед, ман узр мехоҳам, агар нахонда бошед, мумкин пеш аз мо хонда бошед. Ҳамин китоб ба монанди китоби «Сиёсатномаи асри XXI» калонҳаҷм ва форматаш ҳам калон. Ҳамин китобро вақте варақ мезанед, мебинед, ки аз ду тараф ҳошияҳо дорад ва ҳошияҳояш ин як мазмуни алоҳида ва худи матни китоб як ҷаҳони дигар аст. Дар ҳамин китоб мисолҳои фаровон, яъне аз Юнони қадим, аз Эрони қадим, аз давраҳои сулолаҳои пештараи ҷаҳонӣ меорад, ки бисёр ҷолиби диққат аст. Ин китоб ва ҳамчунин китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-и К.Абдулов барои сиёсатмадорони имрӯза зарур ҳастанд ва ман умедворам, ки асари «Сиёсатномаи асри XXI» ба хонандагон, хусусан ба амалдорон хизмати хубе карда метавонад. Ташаккур.

*Меҳмон Бахтӣ: Ташаккури зиёд ба профессор Б.Бобохонов, ки як гузориши пурарзише карданд. Ба хотири китобҳои К.Абдулов, ки ба бародари бузурги мо, шодравон Лоиқ бо номи «Лоиқи миллат» ва ҳам китобе, ки дар бораи устод М.Турсунзода навиштаанд, аз ҳамин лиҳоз ҳамаи паҳлуҳои эҷодиёти ин касро ба назар гирифта, ба узви Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон дохил кардем.*

*Муҳимтарин пешрафти ҷомеа ва таҳкими давлатдории миллӣ. Роҷеъ ба ин мавзӯъ яке аз дӯстони наздики Карим Абдулов, профессор Имомназар Келдиев маърӯза мекунанд.*

**Профессор Имомназар Келдиев:**

Дар ин гузориши мухтасаре, ки ман ин ҷо бояд ба самъи шумоён расонам, дар бораи як китоби ҳаҷман калон ва аз ҷиҳати мазмун хеле пурмӯҳтаво ба таври мукаммал сухан рондан аз имкон берун аст. Ман ин китобро оҳиста-оҳиста варақ задам, вале бо баъзе сабабҳои маълум гузориши пурра дода наметавонам, аз шумо маъзарат мехоҳам. Дар ҳақиқат асари нави профессор Карим Абдулов, ки «Сиёсатномаи асри XXI» ном дорад, яке аз китобҳои хеле пурарзиш, ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад. 1) Аҳамияти илмии ин асар аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси омӯзиши бисёр асарҳои илмии сиёсат аз давраҳои Юнону Рими қадим сар карда то давраи ҳозира ҳамаҷониба таҳлилу ба мавқеи мубоҳиса қарор дода ва кӯшиш мекунад, ки баъзе андешаҳои худро дар ин бора баён кунад. 2) Аҳамияти амалии ин асар аз он иборат аст, ки дар китоб аз ҳаёту фаъолияти бисёр мутафаккирони бузурги замони гузашта аз Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, А.Ҷомӣ, Хусрави Деҳлавию Форобӣ ва ҳамчунин аз Низомулмулк ва дигарон иқтибосҳо овардааст, дар асоси ҳамин гуфтаҳо муаллиф кӯшиш мекунад, ки хулосаҳои амалӣ барорад. Барои беҳтар кардани сиёсатдорӣ ва давлатдории имрӯза таклифҳо пешниҳод кардааст. Дар асар сухан дар бораи сиёсат, яъне сиёсат ва усули сиёсатдорӣ меравад. Чуноне, ки ҳамаи шумоён медонед, сиёсат усули санъати идоракунии давлат мебошад. Сиёсатмадор ё давлатдор бояд ин санъатро ба дараҷаи олӣ дониста, ҳамзамон дар асоси таҳлили иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва илму фарҳанги ҷомеа сиёсати дохилӣ ва сиёсати берунии давлатро муайян кунад. Ин сиёсатро бо дасту дили пок ва нияти нек, бо масъулияти бузург дар назди халқу ватанаш ба амал барорад. Сиёсат асосан аз се бахш иборат аст:

1. Сиёсати дохилӣ. 2. Сиёсати берунӣ. 3. Сиёсати ҷаҳонӣ. Сиёсати ҷаҳонӣ сиёсате ба масъалаҳои умумиҷаҳонӣ вобастаанд. Ҳама давлатҳои ҷаҳон новобаста аз мавқеашон ба ин сиёсат ҳамроҳ шуда, барои татбиқи ин сиёсат кӯмак мерасонанд.

Мақсади китоб аз чӣ иборат аст? Мақсади асосии китоб аз он иборат аст, ки аз оғоз то анҷом муаллиф мехоҳад таъкид

кунад, ки танҳо сиёсати хирадмандона, сиёсати одилона, сиёсати фуқаропарварона метавонад боиси пешравии ҷомеа шавад. Агар сиёсат фақат барои манфиати халқу Ватан, рушди тамоми ҷабҳаҳои мамлакат ва таҳкими давлати миллӣ равона шуда бошад, ҳамин сиёсатро метавон сиёсати хирадмандона гуфт. Фарз кардем, ки дар ҷомеа фақат сиёсатбозӣ, сиёсати ғаразкорона, худкомона, худбинона, дурӯғу авомфиребона бошад, ин гуна сиёсат боиси харобшавии кишвар, иқтисодиёт, бенавошавии халқ, аз Ватан дур шудани мардум ва рӯ ба таназзул овардани фарҳанг ба тамоми ҷабҳаҳои хоҷагии халқ мегардад. Ин сиёсати ғоратгарона мебошад.

Мақсади асоси муаллиф ҳамин аст, ки сиёсати хирадмандона чист? Бояд ҳар як давлатдор дар ҳамаи давру замон чунин сиёсати хирадмандонаро пеш гирад. Муаллиф аз худи Афлотуну Арасту сар карда то ба бузургони мо мисолҳои фаровоне меорад. Таърих гувоҳ аст, шоҳоне ки ғами халқу Ватанро намехӯрданд, инҳо ҳамеша ба халқу давлати худ хиёнат мекарданд. Мисолҳое, ки муаллиф овардааст, исботи онанд, ки манбаъҳои бисёрро истифода кардааст. Дар бораи шоҳи ноодил ва шоҳи нисбат ба халқ бепарво Саъдии бузург гуфтааст:

*Раёсат ба дасти он касоне хатост,*
*Ки аз дасташон дастҳо бар худост.*

Яъне халқ дуо мекунад, ки ҳар чи зудтар ин сиёсатмадорро худо гирад, ё ин ки Соиби бузург мегӯяд:

*Ҳар ки дар давлат набинад пеши пои хештан,*
*Гар саропо чашм гардад, по ба давлат мезанад.*

Вай имрӯз дар сари давлат, гумон мекунад, ки ҳама чизро назорат мекунад, ҳама чизро медонад, лекин дар асл аз ҷиҳати фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ, манфиати худкомӣ вай по ба халқу Ватани худ мезанад. Мунoқишаҳои сиёсие, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Гурҷистон ба вуқӯъ пайваст, мисоли хеле равшан аст. Дар ин китоб дар бораи сиёсат ва ҷомеа, сиёсат ва инсон, сиёсат ва

дин ва дигар масъалаҳое, ки ба сиёсат марбут мебошанд, сухан меравад. Дар бораи ҳамаи ин масъалаҳо имкон надорем маърӯза кунем, чунки вақт кам аст. Дар китоб муаллиф шохаҳои сиёсатро баръало инъикос кардааст.

Сиёсати дохилӣ боз дар навбати худ ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мешавад: 1) сиёсати иқтисодӣ, 2) сиёсати иҷтимоӣ, 3) сиёсати фарҳангӣ, 4) сиёсати аграрӣ, 5) сиёсати ҳарбӣ, 6) сиёсати миллӣ, 7) сиёсат оид ба кадрҳо. Карим Абдулов перомуни ин масоил суханҳои бисёр хуб гуфтааст. Корҳое, ки барои пеш бурдани соҳаи маорифу фарҳанг равона карда шудааст, ин сиёсати фарҳангӣ мебошад. Ҳамаи чорабиниҳо ва масъалаи ҳукумат, ки барои баланд бардоштани соҳаи кишоварзӣ ба агротехника ва техникаи ҳозиразамон таъмин намудан ва барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии деҳқонон гузаронида мешаванд, ин сиёсати аграрӣ мебошад. Ин гуна мисолҳои ҷолиби диққат бештар дар китоб оварда шудааст. Китоб аҳамияти амалӣ ва пурарзиш дорад. Бо ба назар гирифтани мулоҳизаҳои баъзе рафиқон ин китоб аз дигар нашр мешавад ва такмил меёбад. Дар ин ҷо декани факултаи фалсафаи ДДМТ А.Муҳаббатов ҳузур доранд ва ба шоҳидии ин шахс як хоҳиш дорам, ки «Сиёсатномаи асри XXI»-ро чун дастури таълимӣ баҳри донишҷӯён дар макотиби олӣ ҷорӣ карда шавад. Банда чандин сол дар Донишгоҳи кишоварзӣ ба донишҷӯён аз фанни сиёсатшиносӣ дарс медиҳам ва гуфтаниям, ки мавод аз ҳаёти сиёсиии Тоҷикистон кам дорем. Яъне китоби «Сиёсатномаи асри XXI» ба дарсҳои сиёсатшиносӣ метавонад кӯмак расонад. Ҳамчунин барои донишҷӯён аҳамияти бузург дорад. Дар баробари ҳамаи ҷиҳатҳои хубии китоб мехостам якчанд мулоҳизаҳои танқидиамро ба муаллиф, яъне дӯсти наздикам К.Абдулов иброз дорам, лекин ин танқид кардани ду-се нуқтаро ман зарур медонам. Карим Абдулов дар вақташ материалисти ашадӣ буданд. Ҳамаамон дини исломро эҳтиром мекунем, чунки бе дини ислом ягон фарҳангу тамаддуни моро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Вале аз оинҳои бузурги дини зардуштии худамон сарфи назар кардан хуб нест, ҳол он ки дар бораи Авасто ривоятҳои хуб ҳаст ва яке аз аз динҳои қадимтарин ба

ҳисоб меравад. Волоияти дини зардуштро дар қиёс бо динҳои дигар зикр кардан ба маврид аст. Чунки маҳз дини зардушт аввалин шуда дар таълимоташ баробарҳуқуқии ҳамаи инсонҳоро ҷорӣ намуд. Дар таълимоти ин китоб омадааст, ки худованди карим об, замин ва ҷангал, умуман ҳамаи сарватҳои табииро барои ҳамаи одамон офарида, ҳамзамон одамон аз боигариҳои табиат истифода намуда, ҳамдигарро истисмор накунанд. Ин беҳтарин таълимот аст, вале дигар ҳомиёни дин ин таълимотро ба манфиати худашон қабул карданд.

Масъалаи дигаре, ки ин ҷо мӯҳтарам М.Бобохонов бардоштанд, дар гузашта он шахсоне, ки ба миллату Ватани мо хизмати бузург карданд ва ҳарчанд хатогиҳои ҷиддӣ доштанд. Оре, ин ашхос хатогиҳои ҷиддии нобахшиданӣ доштанд. Вале баъд аз он ки хатогиҳои худро фаҳмиданд, иқрор шуданд, барои ҷуброни ин камбудиҳо ҷони худро баҳри Ватану миллат нисор карданд. Муаллиф дар саҳифаҳои 63-65 аз китоби «Таърихи тоҷикон бо мӯҳри комилан махфӣ»-и академик Раҳим Масов ва дар саҳифаҳои 421-448 дар бораи А.Раҳимбоев мақолаи калони бандаро бо ҳама хатогиҳо ва хизматҳои ӯ пурра иқтибосҳо оварданд. Каримҷон Абдулов бо панҷ пункт хулоса баровარданд. Дар китоб ду мавқеъ, ҳам бад кардани Раҳимбоев ва ҳам таъриф кардани ӯ ҷой дода шудаст. Аҳли ҳозирин, аз шумо маъзарат мехоҳам ва ҳамаи шумоён таърихро хуб медонед, ба муддати панҷ дақиқа вақти пурқимататонро гирифта, ба самъи шумо мерасонам, ки А.Раҳимбоев кӣ буд: Барои чӣ ин корро кард? Гунаҳкори асосӣ кӣ буд? Барои чӣ Тоҷикистон Тоҷикистони аслӣ нашуд? Мо имрӯз мегӯем, ки А.Раҳимбоев, Файзулло Хоҷаев дар ҳамон солҳо нақши асосӣ набозиданд. Инҳо фармонбардор буданд. Ман фикрҳоямро доир ба мақолаи Раҳим Масов ба худаш гуфта будам. Дар ҳамин бобат ман соли 1989 мақолаамро дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп кардам. Ва соли 1999 дар китоби «Ҳақиқати таърих» мақола бо номи «Фарҷоми худшиносӣ» иншо намудам. Дар ҳамин ҷо тамоми сабабҳоро гуфтам. Камбудиҳои Раҳим Масов аз он иборатанд, ки ӯ на ҳамаи ҳуҷҷатҳоро ба даст овардааст. Он ҳуҷҷатҳо ва ҳамон ҳисоботи стенограмии Маҷлисҳои тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи

Миёнаро гирифта бошад ҳам, фақат яктарафа баён кардааст. Дар ин ҷо баромад ва мунокишаҳо оварда шудааст. Намедонам бо кадом сабаб бошад, фақат бо мақсади сиёҳ кардани А.Раҳимбоев, А.Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомов бошад ё ин ки фақат бо мақсади сафедкунии Ширишоҳ Шоҳтемуров, Нусратулло Махсум бошад, беҳтараш ба сарчашмаҳо муроҷиат карда аз ҳамон ҳуҷҷатҳо ва аз дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ факту далел меовард, ана баъд масъала ранги дигар мегирифт. Ман яке аз баромадҳои А.Раҳимбоевро, ки дар анҷумани 1-уми нависандагони Тоҷикистон, ки моҳи маи соли 1934 барпо гардида буд, мисол меорам. Вай дар ҳамин ҷо мегӯяд, ки барои чӣ дар вақташ ҳамин хел ба тарафи туркгароён гаравиду сабаб чӣ буд, ки инҳо худашонро ӯзбак хонданд. Гап дар бораи он аст, ки дар яке аз маҷлисҳои охирини Бюрои сиёсии Комитети Марказӣ вақте ки тамоми комиссияи Осиёи Миёнагӣ тақсимоти ҳудуди миллӣ қарор карданд, ки шаҳри Самарқанд бо ҳафт ноҳияҳояш ва вилояти Сурхондарё бо навоҳиҳояш ба ихтиёри Тоҷикистон дода шавад ва Тоҷикистон республикаи Иттифоқӣ ташкил карда шавад. 26-октябри соли 1924 муншии ҳизби коммунисти умумиттифоқ Иосиф Сталин баъд аз он ки баромади Рудзутак, Чичерин, Раҳимбоев, Султонбек Хоҷанов, Қайгусӣ Отабоевро шунид ва ин шахсон гуфтанд, ки мо чунин қарор кардем, ки Тоҷикистон бо ҳамон вилояту ноҳияҳо ҷумҳурии иттифоқӣ ташкил карда шавад. Лекин И.Сталин ба ин қарор розӣ нашуд. Сталин гуфт, ки дар Бухорои Шарқӣ ва кӯҳистони Туркистон имрӯз ҷанги гражданӣ давом дорад. Вазъияти сиёсӣ дар он ҷо муташанниҷ аст. Бинобар ҳоло дар бораи ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ ташкил кардани Тоҷикистон сухан гуфтан ғайриимкон аст. Пас гуноҳи кӣ будааст? Гуноҳи Раҳимбоев ё Ҳоҷибоев? Қарори комиссияи тақсимоти ҳудуди миллӣ дар дасти И.Сталин буд, тамоми справкаҳо ҳам ҳамчунин. Дар ҳамон ҷо баъд аз И.Сталин академик Бартолд баромад карда, таъкид мекунад, ки халқи асосии Осиёи Миёна миллати тоҷик аст. Мутаассифона Сталин мегӯяд, ки мо ба ин масъала сонитар бармегардем. Ҳозир чи хеле ки гуфтем, фақат Ӯзбекистон ва Туркманистон ҷумҳурии умумиттифоқ мешаванд, ин ҳуҷҷатҳо ҳаст. Мо хизматҳои

Ш.Шоҳтемур ва Н.Махсумро ҳеҷ гоҳ инкор карданӣ нестем. Дар ҳақиқат хизматҳои бузург карданд, лекин Нусратулло Махсум моҳи октябри соли 1924 дар мактуби табрикиаш ба Комитети Марказӣ ташкилёбии республикаи автономии Тоҷикистонро дастгирӣ мекунад, хурсанд мешавад ва табрик мекунад. Дар ин бобат мактуби Шоҳтемур соли 1926 буд. Бинобар он Раҳимбоев гуноҳашро ба гардан гирифт. Абдуқодир Муҳиддинов дар мақолааш соли 1926 бо номи «Тоҷикони Бухоро» гуноҳи худашро ба гардан гирифт. Онҳо гуфтанд, ки мо дар назди халқ гунаҳкорем ва мо бо тамоми қувва кӯшиш мекунем, ки гуноҳҳои худамонро ҷуброн кунем.

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» аз ҳама ҷиҳат асари пурарзиш ва ҷолиби диққат буда, чунин таклиф дорам, ки ҳамин китоб ба ягон мукофот пешбарӣ карда шавад. Чунки ман боварӣ дорам, ки ин асар барои насли имрӯза ва насли оянда, ва ҳамчунин барои беҳтар кардани сиёсати халқу давлати мо хеле аҳамияти муфид дорад.Ташаккур.

*Абдулҳамид Самадов: Сипосгузорем барои маърӯзаатон, мӯҳтарам И.Келдиев. Ташаккур. Албатта, таърихи мо давраҳо ва ҳолатҳои пуртаззод дорад ва ин тадқиқи доимиро мехоҳад. Ҳозир ки давраи озодӣ ҳаст, ҳамон ҳуҷҷатҳоро чоп кардан лозим аст, пас худи ҳамон ҳуҷҷатҳо ҷавоб мешавад.*

*Навбати маърӯза кардан ба профессор А.Муҳаббатов доир ба мавзӯъи «Сиёсатномаи асри XXI» ҳамчун дастури илмию таълимӣ барои донишҷӯён.*

**А. Муҳаббатов:**

Устодон ва ҳозирини мӯҳтарам! Дар ҳаёти фарҳангии мардуми тоҷик як рӯзи нек аст, чунки имрӯз муаррифии китоби «Сиёсатномаи асри XXI» аст. Мебахшед, баъзеҳо намедонанд, ки дар донишгоҳ факултаи фалсафа соли сеюм аст, ки амал мекунад. Ин як навоварии ҷумҳурии мо дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ аст. Чунки то ҳамин вақт мо ин хел факултаи махсус надоштем ва сиёсатшиносону равоншиносону файласуфон, иҷтимоишиносонро махсус тайёр намекардем. Имрӯз вақти он расидааст, ки дар натиҷаи сиёсати бевоситаи

ҳукумати ҷумҳурӣ мардуми мо мустақилона сиёсати дохилӣ ва берунии худро пеш барад, мо ҳатто як гурӯҳи сиёсатшиносонро дорем ва хатми якуми онро ҳамин сол ба анҷом расонидем. Ин албатта падидаи хуб аст, ки мо бо ҷавонон кор мекунем, сиёсатро меомӯзонем, бо онҳо роҳи дурустро маҳз бо воситаи ҳамин хел асарҳои барҷастаи Каримҷон Абдулов ба роҳ мемонем. Барҳақ дар ин асар К.Абдулов қайд мекунад, ки илми сиёсатшиносӣ дар кишвари мо вуҷуд надошт. Мо махсус ин хел факулта надоштем. Маҳз бо шарофати соҳибихтиёрӣ мо чунин мутахассисонро дар ДДМТ тайёр мекунем.

Пеш аз ҳама дар бораи мазмуни китоб гуфтанӣ ҳастам, ки ҳақиқатан тамоми паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии имрӯза ва гузаштаи моро, яъне зиёда аз 80 соли ҳаёти давраи собиқ Шӯравиро дар бар мегирад. Ин ҷо М.Бобохонов як чизро қайд карданд ва дар дилам як хандаи пинҳонӣ омад, ки ҳамин рӯз вақте аз пеши донишҷӯён меомадам, онҳо фаҳмиданд, ки имрӯз муаррифии китоби К.Абдулов мешавад ва пурсиданд, ки барои чӣ муаллиф китобашро «Сиёсатномаи асри XXI» номид? Ман чунин ҷавоб додам, ки муаллиф ҳама паҳлуҳои мусбию манфии ҳаёти сиёсии баъдиинқилобиро таҳлил карда, чунин арзёбӣ кардааст. Яъне аллакай ин китоб диққати донишҷӯёнро ҷалб кардааст, гарчанде ба дасти онҳо нарасида бошад ҳам. Дар ин ҷо И.Келдиев хуб қайд кард, ки сиёсат ин санъати идоракунии давлат мебошад. Барҳақ ин суханро 2500 сол пеш аз ин як мутафаккири барҷастаи Юнони қадим Афлотун низ гуфта буд. Агар сиёсатшиносӣ санъати идоракунии давлат бошад, аз ин лиҳоз бояд мо имрӯз чунин сиёсатро пеш гирем, ки санъати волои давлатдории миллии тоҷикро низ нишон диҳем, гарчанде тоҷикон 1000 сол пеш аз ин давлатдории хешро аз даст дода буданд. Имрӯз имконият шудааст, ки таърихи ниёгони худро чуқур омӯхта, ҳамаҷониба исбот намоем, ки миллати тоҷик давлатдорӣ карда метавонад. Чунин асарҳо ба монанди асарҳои К.Абдулов имконият медиҳанд, ки ҳам давлатдорон ва ҳам вазиру вакилони мо, чӣ хеле ки Низомулмулк дар асари «Сиёсатнома»-аш қайд карда буд, яъне аз ҳамин гуна асарҳо омӯзанд, ибрат гиранд, ҳамзамон таърихи гузаштаамонро дуруст таҳлил карда тавонанд.

Лекин як чизро хоҳиш мекунам, ки набояд мо тамоми таърихи гузаштаи худро инкор карда, онро санги маломат занем. Ман қудрате надорам, ки ба академик М.Шакурӣ баҳс кунам, аммо дар тақризе, ки домулло навиштаанд, чунин омадааст: «Туркон ва инқилоби октябр душмани асосии миллати тоҷик буданд, яъне мақсади онҳо нест кардани миллати тоҷик буд».

Ман дар ин ҷо исбот карданӣ нестам, зеро рафиқҳои пеш аз банда дар маърӯзаашон исбот карданд. Агар мо ин тавр ақидаронӣ кунем, пас мо дар тӯли 70 сол на таърих доштему на фарҳанг. Ман устоди донишгоҳ ҳастам ва ба донишҷӯёни имрӯза сару кор кардан мушкил аст. Бояд ба донишҷӯён ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии таърихи 70-80 соларо фаҳмонда диҳем. Дар он сурат мо ҳақиқати таърихро фаҳмонда дода метавонем. Чунин баҳс нисбати А.Раҳимбоев ва дигарон ҳоло ҳам ба пуррагӣ тамом нашудааст. Дар бисёр мавридҳо ба ин проблема саволу ҷавоб кофта, ба донишҷӯён мегӯем, ки инаш дурусту ваяш нодуруст. Маҳз ҳамин хел мубоҳисаҳои илмӣ моро ҳушдор медиҳад, ки ин гуна масъалаҳоро аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил карда, баҳои объективӣ дода, баъд пешкаши шунавандаи худ кунем. Аз ин лиҳоз гумон мекунам, ки китоби К.Абдулов аз ҷиҳати мазмун бисёр ғанӣ баромадааст. К.Абдулов таърихи 70 солаи миллати тоҷикро хуб таҳлил намуда, исбот намуданд, ки мо фарзанди ҳамон ҷамъият ҳастем. Аҳли нишасти конфронс қариб ҳама фарзандони ҳамон давра ҳастанд. Устод М.Бобохонов дар ҳамон солҳо ба мо дарс мегуфтанд. Ин кас яке аз шахсоне мебошанд, ки фанни таърихро хуб медонанд, пас мо гӯем, ки эшон ба мо дурӯғ гуфтанд, ё ин ки устод И.Келдиевро гӯем, ки шумо нодуруст гуфтед, пас маълум мешавад, ки кори мо дурӯғгӯӣ будааст. Бояд дар ин масъалаҳо боэҳтиёт бошем, дар ҳама давру замон объективияти таърихро гӯем.

Имрӯз зарурият пайдо шудаасту А.Раҳимбоев ва А.Муҳиддиновро душмани халқ эълон кардем. Акнун боз имрӯз зарурият пайдо шудааст, ки осиёбро дигар хел тоб диҳем. Агар ҳаминҳоро дар вақташ дар давраи Шӯравӣ мегуфтем, бисёр хуб мешуд. Раҳмат ба муаллим И.Келдиев, ки дар охири умри ҷомеаи Шӯравӣ роҷеъ ба ин мавзӯъ як мақола навиштанд. Бинобар

ин ман китоби К.Абдуловро ҳаматарафа омӯхта, ба хулосае омадам, ки ин кас ҳақиқати объективиро хуб баррасӣ намудаанд. Ҳатто муаллифро устод М.Шакурӣ гуфтанд, ки марксизм дар хунаш даромадааст, ин марксист боз ҳоҷӣ шудааст. Ҳама дар ҳаминҷо будагиҳо муттафаккир ҳастед, вақте дар бораи покии дил ва лафз мегӯем, дар бораи бебокии инсон ҳарф мезанем, чаро дигар шахсро санги маломат мезанем, ки ту коммунист ҳастӣ? Оё худи ҳамон шахс коммунист набуд? Оё дар ҳамон вақт унвонҳои баландро Комитети Марказӣ пешниҳод намекарданд? Чаро аз ҳамин чизҳо дар вақташ даст накашиданд? Имрӯз бо ҳамин баҳсу мунозираҳоямон сари донишҷӯёнро гаранг карда, онҳоро ба гумроҳӣ мебарем. Плюрализме, ки ҳозир мо мегӯем ба донишҷӯён имкон додааст, ки онҳо фикру ақидаҳояшонро бисёр ҳам ҷасурона пешниҳод кунанд. Кор кардан дар байни донишҷӯёни имрӯза кори осон нест. Якум, донишҷӯи имрӯза гурусна аст, ин донишҷӯе нест, ки чун давраи мо мехондем, то 46 сӯм идрорпулӣ гирад. Донишҷӯи имрӯза 3 сомонӣ мегирад, аз ин тараф вай метавонад бо ҳамин суханаш хулосаҳои дигар барорад. Сиёсати давлати моро метавонад нодуруст шарҳ диҳад. Мо бояд онҳоро ором кунем, роҳ нишон диҳем, бо ҳамин гуна асарҳо тарбия кунем. Дар он сурат метавонем гӯем, ки ин асарҳо барои муҳассилини мо як дастури муҳиме мешаванд. Ман К.Абдуловро солҳои тӯлонӣ мешиносам, фахр мекунам, ки вақте ки мо донишҷӯ будем, ин кас дар ҳамон давра дар донишгоҳ котиби ташкилоти комсомолӣ буданд. Пӯшида нест, ки ман аъзои бюрои комитети комсомолии факултаи таъриху филология будам. Ҳамон вақтҳо М.Бобохонов декани мо буданд. Ҳамин кас дар ҳамон вақтҳо ҷавони зираку чаққон буданд, ба мо дониш меомӯзонданд, тарбия мекарданд. Ман гумон мекунам, ки хизмати К.Абдулов ин хизмати 1-сола ё 5-сола ва 10-сола нест. Мо ҳама вазифа ва фаъолияти эшонро медонем. Ҳозир дар аппарати ҳукумати вилоятии Суғд, пеш аз ин дар Комитети Марказии Тоҷикистон, дар Донишгоҳи Миллӣ, дар куҷое, ки кор накарданд, кӯшиш ба харҷ доданд, ки сухани некро, сухани объективиро ба муштариёни худ пешниҳод кунанд. Бинобар ин китобе, ки имрӯз пешкаши мо шудааст, ин барои мо як боигарӣ

ҳаст. Банда ҳам кам-кам сиёсатшинос ҳастам. Дар бораи илми сиёсатшиносӣ мақолаҳо ва китобчаҳо дорам, лекин баъд аз мутолиаи китоби Карим Абдулов ба хулосаи дигар омадам, яъне чунин ҳисоб мекунам, ки донишам хеле ғанӣ шудааст. Бинобар ин китоб ҳам аз нуқтаи назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари ҳаётӣ, яъне зиндагонии гузашта ва имрӯзаи мо ва ҳам аз ҷиҳати илмӣ асари бебаҳост. Як хоҳиш дорам устоди азиз, донишҷӯёни мо камбағаланд ва қудрат надоранд, ки ин китоби пурарзиши шуморо харидорӣ кунанд. Ман мехостам, ки як роҳи илоҷашро ёфта ҳамин китобро мухтасар ва ба шакли хурдтар чоп карда, дастраси донишҷӯёни имрӯзаи мо мегардондед. Дар охир ба шумо саломатӣ орзумандам. Ташаккур.

*А.Самадов. Аслан асари хуб баҳсу мунозирароро ба вуҷуд меорад. Навбати сухан ба профессор Муллоаҳмадов роҷеъ ба мавзӯи арзишҳои фарҳангии «Сиёсатномаи асри XXI».*

**М.Муллоаҳмадов:**

Чи хеле ки шумо медонед, фарҳанг яке аз рукнҳои асосии ҳастии ҳар як миллату халқият аст ва пешрафти ҷомеа ба рушди фарҳанг вобастагӣ дорад, аз ҷумла сиёсат низ бо фарҳанг алоқаи зич дорад. Яке аз бобҳои ҳамин китоби К.Абдулов «Сиёсат ва фарҳанг» мебошад, ки дар он ҳамин гуна мисолҳо фаровон мебошанд. Дар ин китоб як чиз ҷолиби диққат аст, ки падидаҳои дигари фарҳангӣ ишора шудааст. Вақте ки сухан дар бораи Ӯрунхоҷаев меравад, таъкид мешавад, ки деҳқонзода буд, барои пешрафти кишоварзӣ хидмат кард, лекин ӯ барои пешрафти соҳаи фарҳанг бештар таваҷҷӯҳ мекард, аз ҷумла ҳамин қасри арбобро Ӯрунхоҷаев бо вуҷуди мушкилиҳо ва душвориҳое, ки дар ҳамон солҳо ҷой дошт, бунёд кард ва имрӯз мо медонем, ки ин қаср яке аз иншоотҳои муҳими ҷумҳурии мо мебошад ва дар ҳаёти сиёсии мо ҳам нақши бузург бозидааст. Дар ин асар таъсири фарҳанг дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ равшану возеҳ инъикос шудааст, аз ҷумла вақте сухан дар бораи ба Ватан баргаштани фирориёни тоҷик меравад. Карим Абдулов хеле хуб тасвир кардааст, ки яке аз омилҳои ба Ватан баргашти фирориёни тоҷик, ин илму

фарҳанг мебошад. Дар воқеъ, мардуми тоҷик дар ҳама ҷо ба фарҳанг дилбастагӣ доранд. Дар асар мисол оварда шудааст, ки абёти Маснавии Мавлавӣ, ки баҳри баргаштани фирориён таъсири бузург расонидааст. Албатта, мо ҳамаи гуфторҳои радиои тоҷикро бо номи «Хоки Ватан» ба хотир меорем. Чунки фикр мекунам, ки «Хоки Ватан» барои баргаштани тоҷикон нақши бориз гузоштааст. Мутаассифона, имрӯз мо ин гуфторро фаромӯш кардаем. Вақти он расидааст, ки мо ҳамон маводи «Хоки Ватан»-ро аз нав чоп кунем, чунки барои пойдории сулҳу субот дар кишварамон хизмати калон кардааст. Умуман китоб дар масоили фарҳанг ва сиёсат хеле таваҷҷӯҳи бештаре кардааст. Дар асар ҳама масъалаҳое, ки ба фарҳанг марбут аст, шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Ман мехоҳам, ки дар ин ҷо як нуктаро баён кунам, агар ҳамин китобро ҳар кас хонда бошад, бештар диққат мекунад, ки дар ҳар маврид оиди давлати Сомониён аз оғоз то анҷоми китоб мисол оварда шудааст. Воқеан, имрӯз мо медонем, ки дар сиёсати имрӯзаи давлати мо низ усули давлатдории Сомониён ба кор бурда, ҳамзамон дар хештаншиносӣ ва худшиносии миллии тоҷик хизмати босазое мекунад. Ва қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар ин китоб низ роҷеъ ба ҳамин масъала ишора шудааст. Ба назари ман имрӯз вақти он расидааст, ки мебояд аз ҳамин ифтихорҳои зиёд ҳарчи зудтар ба амал гузарем, яъне ба ифтихори хушку холӣ матлаб ба даст намеояд. Дар ин асар ҳамин мавзӯъ возеҳу равшан инъикос шудааст. Муаллиф дар китобаш шахсияти Исмоили Сомониро барҷаста тасвир намудааст. Бояд мансабдорони имрӯза низ аз мактаби давлатдории Сомониён, ҳатто аз шахсияти онҳо ибрат гиранд. Дар бораи шахсияти Исмоили Сомонӣ ҳамаи мо нағз медонем, ки чи гуна шахс буд ва барои ташаккули фарҳанг чӣ таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир кардааст. Саволе ба миён меояд, ки сабаби омилҳои пешрафти тамаддуни тоҷикон дар асри X чӣ буд? Дар ҳамон замон, албатта яке аз рукнҳои асосии сиёсати давлат таваҷҷӯҳ нисбат ба фарҳанг буд. Бояд имрӯз ин шоистаи дастгирӣ бошад. На танҳо сармоядорон ба фарҳанг коре надоранд, ҳатто вазоратхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ ҳам ба фарҳанг камтар эътибор медиҳанд. Ҳозир ба вазъи китобхонаҳо назар афканед. Дар замони Шӯравӣ дар

Тоҷикистон 4000 китобхона ва даҳҳо мағозаҳои китоб амал мекард. Ҳоло чӣ?.. Мо чандин сармоядорони калон дорем, ҳеҷ касе аз онҳо ба хотираш намерасад, ки кӯмак кунад, то фонди китобхонаҳо зиёд шавад. Дар китоб мисол оварда шудааст, ки чи гуна Ӯрунхоҷаев ба муассисаҳои фарҳангӣ эътибор медод. Ин сабақ шавад ба мансабдорони имрӯза то ки ба рушди фарҳанг таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кунанд. Агар мо иқтисоди пешрафтаи пурқувват дошта бошему асоси фарҳангӣ ва дар баробари ин бо фарҳанг робита надошта бошад, ин гуна иқтисодиёт оқибат надорад ва зуд аз байн хоҳад рафт. Ҳама чиз бояд дар асоси фарҳанг бошад. Дар ин китоб фарҳанг на танҳо ба маънии васеаш, балки ба маънии маҳдудаш ҳам ишора шудааст, ки ин масъалаи одоби муошират мебошад. Ин ҳам яке аз масъалаҳои фарҳанг аст. Дар ин ҷо, дар мисоли устод М.Турсунзода, вақте ки эшон бо шоҳи Эрон вомехӯранд, то чӣ андоза одоби муоширати шарқиро нигоҳ медоранд, хуб инъикос шудааст. Ва ин рафтори шоир барои тағйир ёфтани андешаҳои шоҳи Эрон нисбат ба давлати сотсиалистӣ кӯмак расонидааст. Умуман, китоби Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» бисёр муҳим буда, асари илмию публисистӣ гӯем, хато намекунем. Аз ин рӯ ҷанбаҳои илмӣ дорад. Ман бовар дорам, ки ҳамаи шахсоне, ки ин китобро мутолиа мекунанд, таъсири маънавӣ мерасонад. Мо бояд аз ин китоб сабақ гирем ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати фарҳангӣ тадбирҳои амалӣ андешем. Ман фақат дар охир ҳамин чизро ишора карданӣ ҳастам, ки имрӯз ин китоб бо ҳуруфи форсӣ баргардонда шудааст ва ман бовар дорам, ки дар оянда ба забонҳои дигар ҳам тарҷума мешавад. Ман як хоҳиш дорам. Албатта ин вазифаи бевоситаи ин китоб нест, ки дар бораи анъанаи сиёсатноманависӣ иншо намояд. Дар китоб перомуни ин масоил ишораҳои зиёд ҳаст. Дар гузашта махсус асарҳое буданд, ки ба насиҳати шоҳон бахшида шуда буданд. Аз ҷумла дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус чанд боб ба тарбияи шоҳон ва чӣ кор бояд кунанд, ривоятҳо оварда шудааст ё ин ки дар асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Футуватномаи Султонӣ» ё «Ахлоқи мӯҳсинӣ» пурра ба масъалаи сиёсати давлатдории ҳокимон бахшида шудааст. Ба назари ман хуб мешуд, ки дар

ягон боби алоҳида доир ба ин масъала эътибор дода ва бояд аз ҳамон сиёсати гузаштаҳо чиро имрӯз қабул кунем, агар ба ҳамин масъала таъкид карда мешуд, нуран алонур мешуд. На ҳамаи он чизе ки дар гузашта буд, имрӯз амалӣ шуда истодааст, лекин он чизҳое ҳаст, ки имрӯз бояд дар умури давлатдорӣ онҳоро ба кор барем. Ман тарафдори он ҳастам, ки асар ба яке аз ҷоизаҳои давлатӣ пешниҳод карда шавад.

Ташаккур.

*А.Самадов. Бисёр маърӯзаҳои ҷолиброро дар хусуси асари Карим Абдулов шунидем. Ба хаёли ман сиёсат ва сиёсатмадорӣ ҳунари алоҳида ва санъату истеъдод ҳам мебошад ва он чизҳое, ки мо имрӯз дар он ҷо мегӯем ва ниёзҳоеро пешкаш мекунем ва ҳазор сол беш аз ин гуфта истодаем, шояд пеш аз ин ҳам ҳамин хел буд, яъне дар рӯзгори ҷомеа ин масъала ҳамеша ҳамин хел меистад. Ва дар баъзе мавридҳо заиф мешавад, дар баъзе мавридҳо қувват мегирад. Дар ҳама сурат андешаи олим андешаи сиёсатмадорро худи ҷамъияту вазъият дар кадом сохте, ки бошад, талаб мекунад. Дигар маърӯзаҳои мо ба охир расида, акнун ба музокира мегузарем. Музокира то 5 дақиқа иҷозат дода мешавад. Навбати сухан ба нависанда Муҳаммадзамони Солеҳ дода мешавад.*

**М.Солеҳ:**

Дар оғоз нашр шудани «Сиёсатномаи асри XXI» ба ҳамаи ҷамъияти Тоҷикистон ва ба муаллиф табрик мегӯям. Ин коре ҳаст, ки хеле мушкил, сангин ва ҳатто миёншикан ҳам ҳаст. Он эродҳо ва он чизҳое, ки дар ин ҷо гуфта шуд, айби муаллиф нест, айби илми мост, то ба имрӯз таърихи мо он импоратурҳое, ки мо аз сар гузарондем, онҳо на аз ҷиҳати равонӣ, сиёсӣ, илмӣ ва ахлоқӣ аз ҳеҷ ҷабҳа омӯхта нашудаанд. Барои он ки мо ба ин масъала, ки имрӯз чигил афтодааст, санги маломат ба тарафи А.Раҳимбоев напартоем, барои он ки мо ба ин масъала баҳо диҳем, бояд пеш аз ҳама сарнавишти таърихӣ ва мустаъмараҳои Суғдро, ки нав ташаккул меёфт ва ҷорӣ мешуд, омӯзем. Аз ин тараф то Ҳинду Хитой ва аз он тараф то Шарқи Дур доман кашида буд. Ҳуҷуми арабҳо ин импротурро аз байн бурд, яъне сарнавишти таърихию ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии мустаъмараҳо

чӣ шуд? Ва сарнавишти инҳо дар замони Сомониён ва Салҷуқиён, Темуриён як чизи асосӣ буд, чӣ шуд? Ин масоилро илми таърихи мо бояд аз ин ҷиҳат меомӯхт. Агар мо хоҳем, ки ба охири асри XIX-и таърихи худамон баҳои дуруст диҳем, бояд ақалан мо пош хӯрдани импротури усмониро меомӯхтем, чунки ҳар як пошхӯрдани империяҳо ба худаш ҳазорҳо проблемаҳоро ба вуҷуд меорад. Мо ақалан импротури руси охири асри XIX-ро меомӯхтем. Агар мо саргузашти импротурҳо ва натиҷаи кори онҳоро наомӯзем, тамоми масъалаҳое, ки мо ба он даст мезанем, ҳамин хел чигил мемонад. Барои он ки ҳамин хел нашавад, ҳамаҷиҳата аз аввал омӯхта шавад ва баъд мо бояд ба хулосае биёем, ки барои чӣ дар охири асри XXI ба ин ҳол рӯ ба рӯ шудем. Дар он сурат рӯшан мешавад ва баъд мо метавонем хулосаҳои дуруст барорем. Агар ин заминаҳо мебуд, шояд дар китоби профессор К.Абдулов ин нуқсонҳо ҷой намеёфтанд. Бо вуҷуди он кори хело бузург аст ва ман шуморо табрик мегӯям ва китоби шумо ба ҳама мукофотҳо меарзад. Муборак шавад, профессор К.Абдулов.

**Ҳоким Шарифов:**

Як чизро қайд кунам, ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-и К.Абдулов пурарзиш мебошад. Худатон фикр кунед, сиёсат як чизе мебошад, ки ҳамаи муаммоҳои ҳаёт ба ҳамин алоқаманд аст. Агар дар ҳама соҳоти ҷомеа сиёсати оқилонаро пеш барем, ҷомеа ва давлат рушду нумӯъ мекунад. Дар бораи К.Абдулов ҳаминро гуфтаниам, ки ин кас яке аз одамҳои инсондӯст ва ватанпараст ҳастанд. Мо аз давраҳои донишҷӯӣ ҳамроҳ калон шудем. Чӣ тавре ки ҳамагон медонанд, ба китоби «Сиёсатномаи асри XXI» олимони номдори кишварамон тақриз навиштаанд. Тақризҳоро хондам. Ба андешаи ман тақризҳо моҳияти ин китобро накушодаанд. Бояд моҳияти китобро аниқтар, васеътар ва пурратар мекушоданд. Дар ин ҷо олимон, нависандагон ва аҳли фарҳанг ҳузур доранд ва мехоҳам бигӯям, ки моҳияти китобро хубтар шарҳ диҳанд, хонандагони Тоҷикистон ва бурун аз онро ба ин китоб шинос кунонанд. Ин китоб мавқеи илм ва зиёиёни моро баланд мекунад. Бинед, каллаи К.Абдулов ба монанди каллаи

Аҳмади Дониш аст. Ана ҳамин гуна каллаҳо метавонанд бисёр асарҳои пурэҷоз офаранд. Ҳамаамон бояд ба муаллиф таҳсин гӯем ва боварӣ дорам, ки ин китоб шӯҳрат пайдо мекунад ва барои миллати тоҷик аҳамияти калон дорад. Сипосгузорам.

**Ҳасан Дӯстов:**

Ходими пешбари илмии институти таърихи академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дӯстони азиз! Дар ин ҷо аҳли фазлу хирад ҳузур доранд. Шумо медонед, ки замона дигар гашт, баъзеҳо соҳибсарват шуда, аз паси бунёди қасру кушкҳо, кайфу сафо кардан шуданд, лекин азбаски хираду дониши К.Абдулов боло гирифт, як қасре бунёд кард, ки дар қалби миллат асрҳои аср чун «Сиёсатномаи»-и Низомулмулк боқӣ мемонад. Дар ҳамин шароите, ки пас аз 1000 сол соҳиби давлати миллӣ шудем ва мо бе ҳеҷ мубориза, яъне худованди карим истиқлолиятро ба мо насиб гардонд. Давлати соҳибистиқлоламон, роҳбарони ин давлат ҳоло таҷрибаи кофӣ надоранд, аз ҳамин сабаб ба ҳамин гуна асарҳое, ки сиёсатнома мегӯем ё асарҳое, ки роҳи дурусти давлатдорӣ ва обод кардани миллатро нишон мдиҳанд, ниёзманданд. Аз ин хотир ба назари ман асари пурмӯҳтавои олими шинохтаи мо К.Абдулов бисёр ҳам зарур ва ҳам айни муддаост. Барои давлати ҷавони мо, барои тамоми аҳли зиёиёни кишварамон як асарест, ки дурустии сиёсатро дар асри XXI муайян мекунад. Аз рӯи ин асар фаъолияту амал кунем, иншоолоҳ ба комёбиҳои бузург ноил мешавем. Ташаккур.

**Ваҳҳоб Воҳидов:**

Ҳозирини мӯҳтарам. Банда солҳои тӯлонӣ дар як ҷо бо К.Абдулов дар соҳаҳои гуногуни мақомоти давлатӣ ва комсомолию ҳизбӣ кор кардам ва ғайрату ҳаракат ва савияи дониши эшонро хуб медонам. Бо аҳли оилаи Каримҷон аз ҳамон солҳое, ки дар ташкилотҳои комсомолӣ кор мекардем, шинос будам. Хусусан баъд аз ташкилёбии вилояти Ленинобод, аз рӯзҳои аввалинаш дар як хона ва дар як ҳавлӣ зиндагӣ мекардем ва аз ин рӯ бо ҳам дӯстӣ ва наздикӣ дорем. Асарҳое, ки Карим

Абдулов меофарад, хонандаи аввалаш мо, ҳамсояҳои наздик ҳастем. Фикру ақидаҳоямонро пешниҳод мекунем ва эшон чун дӯст қабул мекунанд. Дар ҳақиқат, ки имрӯз дар муаррифиаш иштирок дорем, банда андешаҳои олимони аз минбар баромадкардаро пурра тарафдорӣ мекунам, чунки сиёсатмадор шудан осон, аммо сиёсати ҳақиқиро ба шаҳрвандон аз таъриху фарҳанги асри Х то ба имрӯз фаҳмондан мушкил аст. Бинобар он ман ба фикру ақидаҳои А.Муҳаббатов розӣ ҳастам. Ин асари Каримҷон бисёртар чоп карда дастраси умум гардонда шавад. Яъне ҷавонон фаҳманд, ки сиёсат ва сиёсатмадорӣ чист? Ман ҳам ҳамсафу ҳамкори Каримҷон, дар ҳақиқат, чунин мешуморам, ки асари ҳақиқии таърих шуд ва оянда мехоҳам, ки ба ягон мукофоти давлатӣ пешниҳод карда шавад. Ташаккур.

*А.Самадов: Дар ин ҷо рафиқон эшонро донишманд гуфтанд, ин рост аст. Он кас барвақт донишманду сиёсатмадор буданд. Дар ҳақиқат китобҳои устод К.Абдулов маҳсули заҳмати зиёди эшон ҳастанд. Орзуманди он ҳастем, ки ҳамеша ҳамин хел неруманд бошанд, барои манфиати ҷомеа асарҳои нав ба нав эҷод кунанд ва ба корҳои эҷодиашон муваффақиятҳои беназир таманно дорем. Акнун сухан ба худи профессор Каримҷон Абдулов.*

**Профессор К. Абдулов:**

Дӯстони азиз, пеш аз ҳама ба Шӯрои ваҳдати миллии Тоҷикистон, ки сарварии онро мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов бар дӯш доранд, ба Иттиҳодияи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сарварии онро яке аз нависандагони бузург, мунаққид ва драматурги тоҷик Меҳмон Бахтӣ бар ӯҳда дорад ва ҳамчунин ба раёсати ҷамъияти «Дониш»-и ҷумҳуриявӣ арзи сипос мекунам, ки барои гузаронидани конфронси илмӣ кӯмаки худро дареғ надоштанд. Боз мехостам пеш аз ҳама ба раёсати Иттиҳодияи нависандагон, ки корҳои хоксоронаи маро ба назар гирифта ба узви Иттиҳодияи нависандагон шомил карданд, ташаккур гӯям. Акнун масъулияти маро ду баробар дар назди ҷомеа зиёд намуданд ва ман саъю талош мекунам, ки аз ин ҳам зиёдтар ба халқу ватанам хизмат кунам. Акнун ду намуд асар менависам,

яке адабӣ, дигаре сиёсӣ. Асарҳои сиёсиамро нишон намедиҳам, асарҳои адабиамро оварда нишон медиҳам, ки боз ягон каму костӣ нашавад ва маро танқид накунанд.

Ба самъи шумоён расониданӣ ҳастам, ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI» дар шаҳри Машҳад бо теъдоди 300 нусха бо ҳуруфи арабӣ чоп шуда, ҳамзамон дар 150 китобхонаҳои калони мамлакатҳои ҷаҳон, ки дар он ҷо форсизабонҳо ҳастанд, паҳн гашт. Ин китоб то охири ҳамин сол дар Тошканд бо забони англисӣ мебарояд ва то моҳи феврали соли 2004 ба забони русӣ нашр мешавад. Ба Абдусалом ваъда медиҳам, ки ҳамин рӯз аз Хуҷанд 10-12-то китоб меояд, пагоҳ бо донишҷӯёни факултаи шумо вохӯрда, ба онҳо тақдим медорам. Шумо гуфтед, ки як китобро бепул додед, ман дар умрам китобамро нафурӯхтаам. Ман ҳамин хел одат дорам, ки ба дӯстонам як умр китобро тақдим мекунам аз ҳисоби ҳаққи қаламам. Ба ҳамаи шумоён ҳазор раҳмат мегӯям. Як чизро ба шумоён гуфтанӣ ҳастам, ки он мушкилиҳои солҳои 90-ро ба ёд оред. Дигар ба сиёсатамон сиёсатбозиро дохил накунем. Ман инро ба сармуҳаррирони ҳафтаномаи «Рӯзи нав» ва «Нерӯи сухан» бо телефон гуфтам ва ба ду мақолаи онҳо ҷавоб гардондам. Мисол меорем, се давлати Наздибалтикаро. Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ демократия гуфта, ҷудо шуданд, яъне дар дохили давлаташон ҷанги шаҳрвандӣ рух надод. Дирӯз дар Ҷумҳурии Гурҷистон вакилони наву кӯҳна ба Шӯрои Олӣ даромада бо роҳи гуфтушунид масъаларо ҳал карданд, ягон шахс осеб надид. Дар кишвари мо дар оғози солҳои 90-ум моҷаро шуд. Моҷароҷӯйҳо гурехтанд, мардуми оддӣ фавтид, боз чӣ мехоҳем? Мусоҳибаи дӯст, бародар ва шогирдам А.Соҳибназаровро дар рӯзномаи «Рӯзи нав» хондам. Эшон 17 рӯз дар сессияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Хуҷанд доир шуд, иштирок карданд. Ягон масъала набуд, ки эшон баромад накарда бошанд. Дар интихоби раис, раёсат ва ҳукумат, дар ҳамааш иштирок карданд. Баъд аз он оши оштӣ шуд, ҳардуямон шиштем, 50 граммӣ ҳам нӯшидем. Ман А.Соҳибназаровро бароварда гусел кардам. Баъд аз 10 сол эшон мегӯянд, ки вай табаддулот буду иҷлосия дар деҳот барпо шуда, деҳотиёнро интихоб намуд. Гёте ҳам дар қишлоқ ба дунё омадаст. Ин гуфтаи эшон

чӣ маънӣ дорад? Бо ин суханҳояшон моро ба куҷо мебаранд, ман намедонам? Ман ба ҳамон сармуҳаррири ҳафтаномаи «Рӯзи нав» гуфтам, ки писарам, ман туро мешиносам, ҳамон солҳо моро бо ҳам ҷанг андохта, худатон ба ким-куҷое гурехта рафтед. Имрӯз президенти кишвар ҳамаамонро муттаҳид карда истодааст, ҳатто тоҷикони ҷаҳонро. Президент гумон кард, ки шумоён хатогиҳои худро фаҳмида, сиёсати имрӯзаи моро дастгирӣ мекунед. Айби инҳо нест, айби ҳамон «дӯстҳо»-е, ки дар Амрико ва Маскав нишаста. Боз мансабталошӣ мекунанд. Хуб, майлаш биё, дар паҳлӯи мо истода кор ва саҳмгузорӣ кун. Марҳамат, номзадиатро пешниҳод кун. Мардум ва демокрия ҳаст. Дар китоби «Сиёсатномаи асри XXI» боби «Демократия ва интихобот»-ро хондед. Чунон ман интихоботамонро танқид кардам, ки худам аз худам наметарсам. Чанд рафиқҳоям гуфтанд, ки К.Абдулов шумо дар кӯча чӣ хел мегардед? Ман ҳамаи инро ба ин хотир мегӯям, ки мо бояд давлатамонро дуруст пеш барем. Дӯстони азиз, вақте ки президент Э.Раҳмонов дар шаҳри Норак, Роғун маърӯза карданд, ифтихори ман ду-се маротиба нисбати давлату давлатдориамон зиёд шуд.

Як дӯсти хеле наздики ман, афсӯс, ки дар ин ҷо ҳузур надорад, мегӯяд, ки мо капитализм месозем. Ин суханро ҳамон одаме бояд гӯяд, ки аз Амрико омадагӣ бошад, ё ин ки падараш душмани халқ бошад. Дар интернатҳои Шӯравӣ хонда академик шудем. Дар ягон гузориши президентамон «мо капитализм месозем» нагуфтаанд. Ва ба ҳамин китобе, ки ман навиштаам, устод хеле тақризи хуб навиштанд. Ҳамаи арзишҳои 70-соли Ҳукумати Шӯро ва идеологияшро бояд давом диҳем. Пеш аз ин мо мегуфтем, ки мо давлати шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ месозем. Шиори ман ин хел аст, ки ҳозир давлати шаклан миллию мазмунан дунявӣ, яъне шаҳрвандӣ бунёд мекунем. Ба маълумотатон мерасонам, ки давоми ҳамин китоб боз 40 ҷузъи чопӣ мешавад бо номи «Ҷомеаи шаҳрвандӣ чист?». Худо хоҳад соли оянда ин китоб омода мешавад ва хеле мавзӯи муҳим аст. Ва дар охир ба ҳамаи шумоён муваффақиятҳо мехоҳам. Орзу дорам, ки Тоҷикистон дигар рӯи ҷангро набинад,

он боигариҳое, ки мо дорем, рӯи об бароянд. Ва саъю талош кунем, ки Тоҷикистон намунаи ибрати ҷаҳониён шавад.

**Дар тарабхонаи «Рахш»**

**Мӯъмин Қаноат:**

Барои ҳамаи мо гуворо ва матлуб аст, ин ҳам бошад ба як сабабе ки ин қадар ёру бародар ва аҳли қаламро ҷамъ овардем ва ин нишаст ба ҳамаи шумоён муборак бошад. Ва сабабаш ҳамин аст, ки имрӯз шиносномаи як китоби Карим Абдулов, ки ба тозагӣ чоп шудааст. Ин бисёр хуб аст. Ман нусхаи аслашро хонда будам баъзе андешаҳои доштаамро гуфта будам. Дар шароити имрӯзаи мо китобҳои проблемаҳои ҷиддидошта кам аст. Асари «Сиёсатномаи асри XXI» асари проблемавӣ буда, ба масъалаҳои мубрами рӯз даст задааст. Дирӯз бародари гиромии мо ба узвияти Иттиҳодияи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд, яъне бо як овоз аъзои раёсат бо тамоми самимият райъ доданд. Карим Абдулов яке аз он чеҳраҳое ҳастанд, ки рӯзноманигор буданд, мақолаҳо ва очеркҳои проблемавию замонавӣ меофариданд ва аз рӯи ҳамон очеркҳо шоистае ҳастанд, ки ба Иттифоқи нависандагон қабул шаванд. Худашон кӯшишу ҳаракат накарданд, билохира ёру бародарон гуфтанд, ки синну солатон ба ҷое расида, биёед акнун хамаи асарҳоятонро аз давраи ҷавонӣ то ба имрӯз ҷамъбасту арзёбӣ кунем ва ба узвият қабул кунем. Ба ин муносибат К.Абдуловро муборакбод мегӯям. Солҳои пеш ҳамаи барномаҳои Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон ё Иттиҳодияи нависандагони Шӯравӣ, ки дар вилояти Ленинобод мегузаштанд, тарроҳии ҳамаи ин барномаҳо бар дӯши К.Абдулов буданд. Меҳмонро пазирой мекарданд, барнома месохтанд, ҳамроҳӣ карда то майдони ҳавоӣ бурда, гусел мекарданд, то касе аз ин ватани кӯҳан ва шаҳри бузург дили озурда ё бори маломат набарад. Мо ба ин хотир чандин маротиба бо ҳам сафар доштем. Дар як сафаре, ки ҷашни 90-солагии Ҳомид Олимҷон, шоири бисёр сарсупурдаи Ӯзбекистон буд, ҳамроҳ мо аз Ленинобод то Тошканд рафтем, маро ба дасти мизбонон супурданд ва диданд, ки вазъи ман хуб аст, баъд баргашта рафтанд. Ин ғамхорӣ ва рафоқату садоқат то ин дараҷа дар бародари мо зиёд аст, ки

инро танҳо дар рӯи коғаз навишта мешавад. Имрӯз дар ҳузури шумо аҳли зиёву қалам ва донишмандони ҷумҳурӣ К.Абдуловро боз як бори дигар муборакбод мегӯям. Барои фарзандонашон, ки бисёр салоҳиятдору тарбиятдида ва ҳунарманду донишманд ҳастанд. Ба онҳо тансиҳатӣ, хонаи обод, рӯзгори нек орзумандам. Дар Тоҷикистон имрӯз ба ҳамин хел чеҳраҳо сахт ниёз дорем, ки барои мо азиз ва мӯътабар ҳастанд. Бори дигар табрик, муборакбод, бародари азизам ва даъват мекунам, ки агар ҷоме дошта бошед, хоҳиш мекунам, ки барои саломатии К.Абдулов бардоред.

**Профессор Қурбон Восеъ:**

Дӯстони азиз, ман аслан маърӯзачии асосӣ будам. Воқеан, устод Гулназар Келдӣ маро ба иштибоҳ андохтанд. Он кас гуфтанд, ки конфронс соати 13.30 сар мешавад. Ман ду-се маротиба маърӯзаро тайёр кардам, хондам, пеши оина рафта машқ кардам, баъд омадам, ки дар ин соат дар назди шумо суханронӣ кунам. Лекин мутаассифона омадам, ки шумо қисмати илмии конфронсро тамом карда, ба қисмати хӯриш шурӯъ намудед. Сухан ба дарозо накашад, воқеан солҳои охир дар паҳлӯи сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар, ки дар паёми худашон борҳо таъкид кардаанд, бояд муаррихон, фозилони мӯҳтарам, файласуфон, иҷтимоишиносон ва адабиётшиносон дар атрофи сиёсати кунунии кишвар андешаҳо иброз доранд. Китоби устод К.Абдулов бо номи «Сиёсатномаи асри XXI» маҳз ба ҳамин самт равона гардидааст. Оғози китоб аз муқаддимаи ду нафар донишманди бисёр саршиноси ҷумҳурӣ аст. Онҳо таъкид мекунанд, ки ин китоб воқеан, фарогири паҳлуҳои сиёсати 70-сола ва имрӯзаи мамлакат мебошад. Фикр мекунам, ки устод К.Абдулов бо самимият дар шинохти сиёсат як самти бисёр муҳими давлати миллӣ ҳаст. Умуман сиёсатшиносиро дар замони Шӯравӣ ба се бахш тақсим мекарданд 1) коммунизми илмӣ, 2) иқтисоди сиёсӣ 3) фалсафа. Имрӯз ҳама гуна давлати миллие, ки ба дунё меояд, бояд ки ҳамин илми сиёсатшиносиро сарманшаи кори худ кунад. Чунки давлат бе сиёсат намешавад. Пас модоме, ки давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон рӯи кор омадааст ва дар

миёни умри азизаш бисёр афтоданҳову бисёр шикастҳоро аз сар гузаронидааст, китоби устод К.Абдулов ба ҳамин маънӣ китоби пурмӯҳтаво ва хонданӣ аст. Ман аз ҳамаи шумо даъват ба амал меорам, ки ин китобро хонед, чунки маводи хеле андарзи илмӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва инсоншиносиро дорад. Фикр мекунам, ки К.Абдулов ба ин сабаб худашро дар миёни аҳли илм бори дигар шиносонид ва таъкид кард, ки ҳамчун олими таърих ва иқтисод, воқеан, китобе навиштааст, ки ҳар як шахсе ки ба сиёсат сарукор дорад, китоби болои мизиаш шавад. Барои К.Абдулов умри дароз мехоҳам, шахсияташон ба худо бахт диҳад. Ҳамеша ақлашон, забонашон, идрокашон ва гуфторашон, кирдорашон ҳамоҳанг барои ҷомеаи мо бошад ва дар паҳлуи сиёсати пешгирифтаи раиси кишвар бошанд.

**Вакили мардумӣ Усмон Назир:**

Дӯстони ниҳоят арҷманд! Мо дар маъракаи бисёр аҷиб ва бисёр наҷиб ҳузур дорем. Ман бояд на дурӯғ гӯяму на аз ҳадди инсонӣ, яъне аз ҳадди ақлу тамизам берун оям. Имрӯз сухан дар мавзӯи китоби «Сиёсатномаи асри XXI» меравад. Ихтисоси ман адабиёти классикии тоҷик аст. Ман дар соҳаи адабиёти классикии форсу тоҷик кор дорам, сарчашмаҳои таърихи адабиёт ва бисёр чизҳоро хондам. Имрӯз ман аз як чиз ифтихор дорам ва маро маддоҳ нагӯед. Ман ҳеҷ вақт ба ягон ходими ҳизбӣ ва роҳбари давлатӣ сухани таърифӣ нагуфтаам. К.Абдулов дар китобаш ҳарфи тоза гуфтаанд. Сарсухани китобро хондам. Як дӯсти соҳибэҳтироми ман марҳум Абдуллоев, рӯҳашон шод бод, китоби он касро хонда тақриз навишта буданд. Ҳайдаров устоди ман мебошанд. Ба бисёр чизе, ки дар сарсухани ин китоб гуфтаанд, розӣ ҳастам. К.Абдулов хамчун инсони мубориз барои офаридани сиёсатномаи миллати тоҷик хизмати бузург карданд. Ба 90 фоизи ақидаҳои ин кас розӣ ҳастам. Ин қадар хизмате карданд, ки бояд китоби ин касро дастури таълимӣ дар макотиби ибтидоӣ, миёна ва олӣ ва ба мақомоти давлатӣ ҳамчун як машъал қабул кард.

**Шоир Гулназар Келдӣ:**

Ҳамчуноне ки мо шоҳид ҳастем, муҷиби ба ҳамоии мо, китоби пурарзиши К.Абдулов мебошад. Устоди гиромиқадри мо М.Бобохонов гуфтанд, ки оё К.Абдулов метавонад ба ин китоби худ «Сиёсатномаи асри XXI» ном гузоранд, ки ҳанӯз се сол гузашт асри XXI-ро. Он кас ба таври мусбат ҷавоб доданд, ки воқеан ба ин ном меарзад. Шояд баъдан китобҳои пурарзиш ба рӯи чоп оянд, лекин муҳимаш он ки ин аввалин китоби асри XXI аст. К.Абдуловро ба ин муваффақият табрик мегӯям. Устоди мо Мӯъмин Қаноат дар замони Шӯравӣ дар сиёсатмадорӣ шахси сеюм буданд ва ҳозир ҳам устоди бузурги мо дар Тоҷикистон дар ҳамон мавқеъ ва ҳатто аз он ҳам болотар ҳастанд. Эшон китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-ро баҳои хуб доданд. Модоме, ки устод М.Қаноат баҳои сазовор доданд, дар ҳақиқат китоби пурарзиш мебошад, мо ҳам ба ин суханҳо содиқ ҳастем. Бори дигар муборак шавад ин кори неки шумо. Дар ин ҷо як инсони шариф бо номи Расулӣ ҳастанд, ки бо хуни дилшавию бо машаққати бехобиҳои ҳар шаби худ, бо ҷустуҷӯҳои беинтиҳои худ луғатнома менависанд. Ин луғатнома дар пояи асарҳои Сино, Форобӣ дар пояи бузургтарин кашфиётҳои илмии имрӯзаи мо дар соҳаи тиб эҷод шудааст. Ман аз домулло Расулӣ хоҳиш мекардам, ки нисбати китоби К.Абдулов як-ду сухан гӯянд.

**Устод Расулӣ:**

Дӯстони азизу гиромӣ, шояд дар ҷамъомад банда ягона шахс аз соҳаи тиб бошам. Шояд аз шумоён ба қадду баст не, ба синну сол камтар болотар бошам. Ин нишаст, албатта барои чӣ доир шуд? Бо шарофати он ки як дӯсти бисёр ба дил наздики мо К.Абдулов як китобе навиштаанд, ки ҷовидона мемонад. Шуморо аз самими қалб, ки ба узви Иттиҳодияи нависандагон қабул шудед, табрику таҳният гуфта, ба корҳои эҷодиатон комёбиҳо таманно дорам. Ҳамаи он таклифу пешниҳодҳое, ки дар ин ҷо карданд, ман розӣ ҳастам. Ҳама арзёбӣ, ки нисбати китоби шумо карданд, кам аст, чунки ҳазор саҳифа эҷод кардан кори осон ва ҳар кас ҳам нест. Китоби К.Абдулов суханҳои пухтаву бурро ва масъалаҳои мубрами рӯзро дар бар мегирад.

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» на танҳо барои сиёсатмадорону донишҷӯён, балки ба ҳама аҳли зиёиёни мамлакат баҳри инкишофи маънавӣ зарур аст. Аз ин лиҳоз зиёиёни худшинос бояд ин китобро мутолиа кунанд. Дар ин ҷо роҷеъ ба мавзӯи тақсимоти ҷумҳуриҳо мунозирае шуд, то ҳозир фикрҳои мухталиф ҳастанд.

Ман як чизро гуфтанӣ ҳастам. А.Раҳимбоев дар ҳамсоягӣ бо мо зиндагӣ мекард ва ман ӯро аз сесолагӣ мешиносам. Бахшида ба 100-солагии А.Раҳимбоев мақола навиштам, дар маҷаллаи Хуҷанд чоп шуд. Раҳимбоев тоҷик буд, тоҷик монд. Дар ҳамон замонҳо, шумоён таърихро нағз медонед, шиноснома ва шаҳодатномаи ҷои таваллуд набуд, пас аз рӯи чӣ миллатро муайян мекарданд. То он даме, ки калимаи маҳалгароӣ аз байн наравад, мо, тоҷикон, роҳамонро ёфта наметавонем. Маҳалгароӣ ин марази миллаткуш мебошад. Ман дар мақолаам Бозор Собирро аз он ҷумла Р.Масовро сахт танқид кардам, ки дар китоби «Табартақсим» Раҳимбоеву дигаронро танқид кардааст, ин саҳв аст. Ман аз Бозор Собир, аз Раҳим Масов наметарсам. Ин ҳақиқат аст, шахсан банда Раҳимбоевро, ҳатто падару модар ва аҳли оилаашро нағзтар мешиносам. Мо бояд фахр кунем, ки А.Раҳимбоеви тоҷик соли 1920 дар се ҷумҳурии Осиёи Миёна сарвар буд. Ва дар охир ба К.Абдулов тансиҳативу саодатмандӣ орзу дорам.

**Гулназар Келдӣ:**

К.Абдуловро боз як бори дигар табрик мегӯям ва як хабари хушро расонданиям, ки писари К.Абдулов, яъне Ҷамшед Абдулов соҳиби мукофоти «Петри Кабир» гаштанд. Дар Тоҷикистон якум президенти кишвар ба ин мукофот сазовор шуда бошад, дуюмин шахс ин Ҷамшед Абдулов мебошад. Дар шиносномаи мукофот навишта шудааст: «Барои густариши муносибатҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Руссия». Мукофоти додашуда шахсӣ ё қавмӣ набуда, мукофоти ҷумҳуриявӣ аст. Аз фурсати муносиб истифода бурда, Ҷамшедҷонро ба ин мукофот табрику таҳният гуфта, ба он кас умри дароз, ризқи фароз ва ҳамчунин хушиҳои зиндагиро таманно дорам.

**Шоир Собир Султон:**

Дӯстони азиз, имрӯз пеш аз ҳама барои як шахси бисёр ҳам маъруфу ҳабиби дилу дидаҳо Каримҷон-ако ҷашн мебошад. Ин кас ба бисёр комёбиҳои аҷибу наҷиб ноил гаштанд. Ин қадар заҳматҳои 40-солаашон рӯи об баромад. Ин қадар китобҳои пурмазмун, китобҳое, ки аз ҳаёти мардуму давлату ҷомеа навиштанд, ман шахсан ба эшон ҳамчун як марди заҳматкаши олами сухан, олами ақлу идрок, соҳиби дили бебок, ризқи фароз, хушбахтӣ, хушрӯзӣ ва хушкомӣ орзу мекунам. Дар бораи эшон ин бегоҳ ва саҳар тавассути радио ва телевизион гузоришу барномаҳо ҳаст, мо ҳамовозӣ мекунем. Ин нишасти мо аз нӯги хамир фатир аст. Ман мехоҳам, ки аз ин анҷуман ҳам дар оянда бахшида ба муаррифии китобҳои А.Абдулов анҷуманҳои калон шавад. Ҳар рӯзашон монанди ид ва тӯй бошад. Як ҳафта пеш ба хонаи устод Бобо Ҳоҷӣ рафтам, ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-ро бо кайфияти саршор мутолиа карда истода буданд. Аз ҳамин сабаб дар ҳамон ҷо ёд кардем, мо ду пири кор ба муаллиф дуои нек додем. Гуфтем, ки ҳар чизе ки дар дил доранд, ба мурод у мақсад расанд. Ба сарманзили мақсуд расидани шумо, ба узвият дохил шудани шумо кайҳо боз бояд ҷомаи амал мепӯшид. Яъне комёбиҳои беҳтар ва бештар барои шумо К.Абдулов як марди хирад, таманно мекунем. Худо ёр шаваду пирҳо мададгор ва дар охир саломатӣ орзумандем.

# МУАРРИФӢ ДАР ФАКУЛТАИ ФАЛСАФАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

*Рӯзи 4-уми декабри соли 2004 доир ба муаррифии китоби тозаэҷоди «Сиёсатномаи асри XXI»-и профессор Карим Абдулов бо иштироки устодон ва донишҷӯён дар факултетеи фалсафаи Донишгоҳи Давлатиии Миллии Тоҷикистон конфронси илмӣ барпо гардид.*

**Сухани ифтитоҳии декани ҳамин факулта А.Муҳаббатов:**

Устодон ва шогирдони мӯҳтарам! Ҳамаи мо доктори илмҳои таърих, профессор К.Абдуловро хуб мешиносем. Ин кас аз замони Шӯравӣ чун корманди ҳизбӣ ва дар чандин мақомотҳои давлатӣ фаъолият карданд. Эшон аз ҳамон солҳо бо меҳанпарастиву меҳнатдӯстӣ, инсонгариву ҷасурӣ дар байни мардум эҳтироми хоса пайдо карданд. Мақсади ҷамъ омадани мо аз он иборат аст, ки перомуни китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-и Карим Абдулов фикру ақидаҳоямонро гуфта, ба донишҷӯён ва устодон фаҳмонем, ки дар китоб кадом масъалаҳои сиёсати ҷомеаи гузашта ва имрӯза инъикос шудааст. Алалхусус, донишҷӯёни факултаи мо, ки оянда сиёсатмадору файласуф мешаванд, бояд китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-ро мутолиа намоянд.

Дар конфронс аз аҳли илм, мушовири вазири иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуваҳҳоб Воҳидов, иқтисодчии бузург Хушвахт Ғафуров, шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ ва нависанда Бахтиёр Муртазоев ширкат доранд. Як чизи дигарро гуфтан ба маврид аст, ки К.Абдулов ба узвияти Иттиҳодияи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд ва эшонро табрик мегӯем. Аъзои Иттиҳодияи нависандагон шудан кори ҳар кас нест. Бинобар ин ман дар бораи асар ҳоло ҳеҷ чиз намегӯям. Мо дар машғулиятҳои семинарӣ, мизи мудаввар, корҳои беруназсинфӣ ба донишҷӯён супориш медиҳем, ки ин китобро хонанд. Дар корҳои курсӣ ва рисолаҳои дипломиашон истифода намоянд. Ба андешаи банда ин асари арзанда аст, ки имрӯз дар бораи он сухан мегӯем.

Ба иҷозаи шумо суханро кӯтоҳ карда, мехоҳам ки меҳмонони дар ин ҷо ҳузурдошта, ки пеш аз ин мо муаррифӣ карда будам, суханро ба онҳо диҳам. Сухан ба муаллифи китоб, профессор Карим Абдулов.

**Профессор К.Абдулов:**

— Дӯстони азиз ва шогирдони мӯҳтарам! Вақте ки ман донишгоҳро хатм кардам, ба устодон муроҷиат карда будам, ки касе муаллим шуд, то охири умраш дар ҳамин ҷо мемонад. Аз ин лиҳоз мо бояд кӯшем, ки ақлу хирад, дониши худро ба шогирдон диҳем ва номи ДДМТ-ро дар байни дигар донишгоҳҳо хуб муаррифӣ кунем. Ва аз дигар мактабҳои олӣ аз ҷиҳати савод боло истем. Вақте ки дар Комитети Марказӣ кор мекардам, рафиқҳо гуфтанд, ки акнун шумо барои ободонии Донишгоҳи техникӣ ба кор меравед. Лаҳзае, ки аз Донишгоҳи миллӣ рафтам, ашк рехтам. Имрӯз хурсанд шудам, ки боз барои вохӯрӣ ба донишгоҳи хатмкардаам меравам. То ҳол ифтихор мекунам, ки хатмкардаи ДДМТ мебошам. Аз ин рӯ ба маълумоти шумо расонданиям, ки донишҷӯ шудан осон, обрӯи донишҷӯиро доштан мушкил аст. Ҳамзамон барои мушарраф шудан ба обрӯ бояд хонед ва кӯшиш кунед. Ин он маъноро дорад, ки дар рафтор, гуфтор, пиндор бояд боло бошед. Агар дар бораи таърихи факулта сухан гӯям, ман се маротиба дар анҷуманҳои ҳизби Коммунисти Тоҷикистон дар баромади котиби аввали Комитети партияи вилоятамон навишта будам, вақти он расидааст, ки дар Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон факултаи фалсафаю сиёсатшиносӣ ва ҳамчунин дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон институти фалсафа ва ҳуқуқ ташкил карда шавад. Шукрона, ки имрӯз ҳамин ду масъала ҳалли худро ёфт. Барои ҳамин мехоҳам, ки шумоён аз дигар донишҷӯёни донишгоҳҳо як сару гардан боло истед. Файласуфу сиёсатшинос ва равоншинос бояд тамоми илмҳои асосиро донад, яъне шумо, ки оянда файласуф ва сиёсатшинос мешавед, маълумоти шумо дар ҳамин аст. Шумо оянда устодони макотиби олии Тоҷикистон, олимони пурмаҳсули Академияи улум, донишкадаҳои соҳавӣ ва ҳамчунин сиёсатмадорониояндаи Тоҷикистон ҳастед. Дар баробари ин шумо фаромӯш накунед,

ки ояндаи факултаи шумо бузург аст. Агар дар бораи китобҳоям сухан гӯям, бо номи «Дар ин дунё» шаш ҷилд китоб дорам. Мумкин савол диҳед, ки барои чӣ ин китобҳоятон «Дар ин дунё» ном доранд. Устод Фазлиддин Муҳаммадиев «Дар он дунё» гуфтанд, ман «Дар ин дунё». Ин ягон иштибоҳ ба китоби устод нест. Ягон номи китоби устодро дар асарҳоям наовардаам, лекин як чизро медонам, ки аз он дунё ягон шахс наомадааст, ки ҳикоя кунад, дар он дунё чӣ гап аст. Аз таърихи дин медонем, лекин дар ин дунё зиндагӣ мекунем, ман номи китобҳоямро «Дар ин дунё» мондам. Ҳафт ҷилд шуд, боз се ҷилди дигар мешавад, ҷамъ бояд даҳ ҷилд шавад. Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» маҳсули кори 33-солаам аст. Пеш аз он ки ин китобро нависам, ба давлатҳои хориҷа, аз қабили Ҳиндустон, Шри-Ланка, давлатҳои Аврупо ва давлатҳои Араб сафар кардам. Ҳамаи сухану ғояҳое, ки банда дорад, ба ақидаи ҳамонҳо дуруст меояд. Барои ҳамин ҳам шаш ҷилди китоби «Дар ин дунё»-ро баъд аз Ҳаҷ омаданам иншо намудам. Шабҳо эҷод мекунам, қариб, ки хоб намеравам, дар пеши болиштам ду магнитофон, агар аз хоб бедор шавам, ҳикоя мекунам, магнитофон навишта мегирад ва чанд шогирд дорам, боз ба коғаз рӯнавис мекунанд. Ин шогирдҳо бо худам кор мекунанд. Ман ҳамчун раиси ҷамъияти «Дониш»-и вилояти Суғд, ҳам мушовири раиси вилояти Суғд, ҳам сармуҳаррири рӯзномаи «Дониш» ҳастам.

Ин китобро ба деканат тӯҳфа мекунам. Донишҷӯёни мӯҳтарам! Ба деканат даромада, ба котиба забонхат дода, китобро ба мӯҳлати муайян гирифта мутолиа кунед ва конспект карда оед. Кай вақте ки лозим шавам, маро даъват кунед, меоям. Омада аз ҳамин китоб худам барои шумоён лексия мехонам. Ба мо муайян аст, ки Афлотун ва Арасту дар замонҳои пеш чӣ гуфта буданд, бояд имрӯз мо бифаҳмем, ки уламои мо, яъне Ғоибов ва Муҳаббатов чӣ мегӯянд. Ман доир ба як чиз ангушти ҳайрат мегазам, чунки ҳамин асарҳои гузаштагонамонро такрор карда истодаем. Бояд мо худамон ягон чиз эҷод кунем, ки баъд аз сари мо дар бораи мо ҳам чизе нависанд. Ман дар ҳамин донишгоҳ кор мекардам, мо ба падару модарони донишҷӯёни беҳтарин мактуб менавиштем, мактубро дар комитети комсомолӣ муҳокима

карда, баъд мефиристодем. Яъне мо ду мактуб менавиштем, яке раҳматнома, дигар мактуби шикоятӣ доир ба бетартибӣ ва бадахлоқии донишҷӯён. Пеш савганди донишҷӯии курси якум буд. Ҳозир ҳамин созмони «Ҷавонон», вале номаш дигар аст. Ин вазифаи ҳамон кумитаи комсомолии пештараро иҷро менамояд.

Баъзе рафиқон мегӯянд, ки мо давлати капиталистӣ месозем. Не, ин фикрашон хато аст. Мо давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ месозем, яъне шаклан миллӣ ва мазмунан дунявӣ. Барои ҳамин аз шумоён, шогирдони азиз, илтиҷо дорам, ки бештар китоб хонед. Вақте ки мо донишҷӯй будем, як ҳамсабақамонро пешакӣ ба ошхона мефиристодем, ки ту рафта навбат гир, то ки зудтар хӯрок хӯрда ба китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ равем. Дигар ҳамсабақамонро ба китобхона мефиристодем, ки ту пеш аз ҳама рафта ҷой гир. Ҳозир қариб 100 ҳазор донишҷӯй, лекин китобхона холӣ. Маълумоти олӣ ва диплом гирифтан осон, аммо савод надошта бошӣ, дар ягон ҷой кор карда наметавонӣ. Сталин маълумоти миёнаи динӣ дошт, Калинин маълумоти олӣ надошт. Шолохов ҳам мактаби олиро тамом накарда буд. Имрӯз мо даъвои файласуф ё сиёсатмадор шуданро дорем. Сиёсатмадор шудан ҳунари ҳар кас нест. Мехоҳам, ки дар оянда шумоён аз мо зиёдтар асарҳо нависед. Дар як ҷамъомади илмӣ доир ба баъзе масъалаҳо баромад кардам, баъзеҳо гуфтанд, ки Карим Абдулов аз худ рафтааст. Низомулмулк дар асри XII-XIII китоби «Сиёсатнома» навишт. Дар он вақт техника набуд, макотиби олӣ набуд. Мо ҳам ворисони ҳамон авлод мебошем. Имрӯз илм рушду нумӯъ карда истодааст. Барои чӣ мо асар эҷод накунем, ё фалонӣ мегӯяд, ки К.Абдулов ба ҳамаи илмҳо даст задааст. Фақат дар бандаки «кӣ» доктор шавему дигар илмҳоро надонем, ба шаъну шарафи мо айб аст. Вақте ки шумо назди деҳқон меравед, вай профессор гуфта савол медиҳад, бояд ҷавоб диҳед. Не, ман дар бандаки «кӣ» рисола ҳимоя кардам гуфта, ба саволаш ҷавоб намедиҳед. Ягон вохӯрӣ мешавад, вай ба шумо дарди дилашро мегӯяд. Не, мавзӯи ман дигар аст, гӯед, ҳамон деҳқон дилаш хунук шуда, хеста баромада меравад, яъне робитаи байни шаҳрванд ва сиёсатмадор канда мешавад. Шахсият дар ҷамъият нақши ҳалкунанда ме-

бозад. Банда факултаи шумоёнро дӯст медорам ва устодонро ҳурмат мекунам. Дар китобам дар саҳифаи аввал овардам, ки сиёсат чист? Барои чӣ ман ин мисолро овардам? Барои он ки ба Зокиров Г., мудири кафедраи сиёсӣ сӯҳбат кардем, дар китобашон «Сиёсат ва дин» навиштаанд. Ман ба он кас гуфтам, ки сиёсат омили субъективӣ ва дин омили объективӣ. Барои ҳамин «Дин ва сиёсат» гӯем дуруст аст. Ва боз дигар проблемаҳо ҳаст. Мисол, журналист савол медиҳад, ки андешаи шумо дар бораи сиёсат. Мо зуд ҷавоб медиҳем. Не, ман сиёсатро намедонам, ба сиёсат кор надорам. Дар вуҷудамон сиёсат ҳаст, рафтору кирдорамон ва хобамон сиёсат ҳаст. Вақте ки аз модар таваллуд мешавем, бо сиёсат ҳамроҳ меоем. Мо ин чизҳоро набояд фаромӯш кунем. Бузургии асар дар он аст, ки хонеду ба ягон андеша оед. Дар ҳолате, ки асарро мехонеду хобатон меояд, ин асар ҷолиби диққат нест. Ин китобро дар рӯҳияи фарҳанг, адабиёт, санъат, сиёсат, иқтисодиёт, риёзиёт, дунявият, илоҳиёт эҷод намудам. Сабаб он ки хонанда зиқ нашавад. Аз шумо илтиҷо дорам, ки вақти холӣ ёфтед, шоирон, олимон ва сиёсатмадоронро даъват кунед, бо онҳо вохӯриҳо гузаронед. Донишҷӯёни азиз, ҳафтаномаҳо дар як ҳафта як маротиба нашр мешаванд, рӯзҳои шанбе ва якшанбе, ба китобхонаҳо рафта, ҳафтанома ва рӯзномаҳоро гирифта хонед, ба худатон захираи илмӣ ҷамъ менамоед ва фонди луғавиатон бой мешавад. Китоб, ҳафтанома нахонем ва ба дарсҳои устодон иштирок накунем, пас аз мо авбош, нашъаманд мебарояд. Баъзе ашхос даъво мекунанд, ки дар ин замона ҷашнгирии баъзе масъалаҳои глобалӣ, аз қабили «Соли оби тоза» эълон шудани соли 2003 ё ин ки ҷашнгирииии масъалаҳои фарҳангӣ дар сатҳи умумиҷаҳонӣ ҳеҷ зарурате надорад. Хуб, ин корҳои бузург, ки ба нафъи ҷомеаамон мебошад, накунему ҳамон маблағро ба манфиати ту истифода намоем?

Чандин ҳазор сол пеш аз ин дар Миср пирамида бунёд карданд. Ҳозир ҳам сирру асрори онро на муаррихон ва на файласуфон ёфтаанд. Ин муҷассама имрӯз рамзи ҷаҳонӣ шуда, то ба ҳол мавҷуд аст. Бинед колхози ба номи Ӯрунхоҷаеви шаҳри Хуҷандро, ки одамон дар солҳои мудҳиши ҳокимияти Шӯро ин қасрро гурусна сохтанд. Имрӯз як рамзи бузурги сохти Шӯравиро

нишон медиҳад. Раиси ҳамон колхоз Ӯрунхоҷаев дар он ҷо қабр шудааст. Имрӯз бояд ба монанди муҷассамаи Исмоили Сомонӣ чандин муҷассамаҳо сохтанамон даркор аст. Соли гузашта 300-солагии шаҳри Санкт-Петертурбро қайд карданд. Дар ин шаҳр қасрҳо ва кӯпрукҳои бошукӯҳу зебо то ба имрӯз обод шуда истодаанд.

Аслиддин Соҳибназаров, ин шахс шогирди ман, бародарам, рафиқам ва дар ҳақиқат фидоии миллат мебошад. Ҳардуямон иштирокчии иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будем. Дирӯз дар рӯзномаи «Рӯзи нав» дидаву дониста мегӯяд, ки вай иҷлосия набуд, вай табаддулот буд. Ҳол он ки 10-солагии иҷлосияро тамоми мардуми кишварамон қайд карданд. Яъне бӯи солҳои 90-ум ба мо омада истодааст. Ҳамчунин барометри имрӯза ва ояндаи Тоҷикистон факултаи шумоён мебошад. Бояд шумо аз курси 1-5 ба тамоми донишҷӯёни факултаҳо насиҳат кунед. Ақлу хирад ва фалсафаи ҳаёти имрӯзаи моро ёд диҳед. Дар охир ба шумо саломатӣ мехоҳам, агар савол бошад, тайёр ҳастам, ки ҷавоб диҳам.

**А.Муҳаббатов.** *Ташаккур, устод. Муаллимон ва шогирдони азиз, агар савол дошта бошед, марҳамат ба муаллифи асар метавонед аз дигар соҳаҳои илм ҳам суол диҳед, чунки ин хел вохӯриҳо тез-тез намешаванд. Имрӯз бахти мо будааст, ки Карим Абдулов имконият пайдо карда, назди мо омадаанд.*

**Донишҷӯи ҳамин факулта Қодиров:**

Устод Карим Абдулов, сабаб чист, ки шумо китобатонро «Сиёсатномаи асри XXI» ном гузоштед?

1) Ба он хотир, ки давлати Советӣ зиёда аз 70 сол умр дид ва чунон рукнҳоеро ба мо додааст, ки ин рукнҳо на танҳо дар асри XXI, балки дар асрҳои оянда ҳам сармашқи фаъолияти ҳаррӯзаи мо мешаванд.

2) Ин ҷо таклифҳо хеле зиёд аст. Як таклиф гузоштаам, ки дар асри XXII минтақаҳои Тоҷикистонро бо роҳҳои зеризаминӣ бо ҳам пайваст мекунад. Ман ҳисоб карда баромадам, ки ҳамин

роҳ 110 км мешудааст. Дар Маккатуллоҳ қариб 150 км роҳи зеризаминӣ аст.

3) Фақат барои имрӯз ҳаёт ба сар набарем, барои ояда, барои асри XXI ва XXII инчунин. Пеш аз ин ба шумо фаҳмонда будам, ки дар ин китоб сухан дар бораи давраи дини зардушт меравад. Аз ин нуқтаи назар ин ёдгорӣ аз асри мо ба асри оянда, ба насли оянда, ки бинанд, хонанд ва фикр кунанд, ки дар асри XX чӣ буд ва муаллиф дар асри XXI ва дар асрҳои пешмеомадагӣ чӣ мехоҳад?

*А.Муҳаббатов:* Боз кӣ савол дорад?

**Маҳмаддавлат Ғоибов** - устоди ҳамин факулта.

— Ҳоло ин китобро нахондаем, зеро ба қарибӣ аз чоп баромад. Мо ҳама устодон ин асарро мехонем ва худи муаллифи китоб чӣ хеле, ки гуфтанд, боз ба ҳамин факулта меоянд, баъд дар ҳамон вақт ҳамин гуна ҷамъомад ташкил карда, перомуни ин асар саволу ҷавоб мекунем.

**А.Муҳаббатов**. *Хуб, майлаш, мо ба фикри шумо розӣ ҳастем. Дар ин ҷо меҳмонон ҳузур доранд. Онҳо бо ин китоб аллакай шинос шуданд. Ман мехоҳам, ки бо ҳар яки инҳо ба мӯҳлати 10 дақиқа сухан диҳам. Сухан ба В.Воҳидов дода мешавад.*

**Ваҳҳоб Воҳидов:**

— Ташаккур. Устодон ва шогирдони мӯҳтарам, пеш аз он ки дар бораи асари бисёр ҳам пурарзиши имрӯзу оянда ва машҳури Карим Абдулов сухан ронем, як-ду сухан дар бораи шахсияти К.Абдулов мегӯям. Пеш аз ҳама дар давраи Шӯравӣ ташкилоти комсомолӣ мавҷуд буд, ки бо ҳам вохӯрда, баъд шиносоӣ пайдо намуда ба ҳамдигар баҳо медоданд. Дар як муддати муайян ман котиби якуми комитети комсомолии шаҳрӣ, Хушбахт Ғафуров котиби якуми комитети комсомолии ноҳияи Фархор ва К.Абдулов котиби якуми комитети комсомолии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон интихоб шуданд. Аз ин рӯ дар ҳама ҷаласаву анҷуманҳо мо бештар ҳамроҳ ширкат доштем. Бинобарон кордонию дониш ва чусту чолокии эшонро аз солҳои ҷавонӣ медонам. Ба хотирам як чиз омад, дар бораи сиёсат-

мандиву қадри сиёсатмандҳо дар ҷаҳон чӣ хел ҳаст. Барои такмили ихтисос тахминан 30 сол пеш аз ин дар шаҳри Маскав дар курси якмоҳаи котибони якуми комитети ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ иштирок карда будам. Дар ҳамон ҷо вазири корҳои дохилии ИҶШС (СССР) доктори фанҳои иқтисодӣ, профессор Шолохов баромад карда гуфт: «Рафиқон, шумо як чизро аз хотир набароред, касе ки котиби комсомолии ноҳиявӣ ва аз он боло шуд, ба вай дар СРУ як парванда (досье), яъне як китоби калон кушода мешавад». Масалан, К.Абдулов соли 1939 дар қишлоқи Сурхкати ноҳияи Мастчоҳ таваллуд шудааст, ки фалон сол то фалон сол дар мақомотҳои ҳизбӣ ва давлатӣ фаъолият кардааст. Аз ҷумла номи ман ва номи Х.Ғафуров ҳам ҳаст.

Бинобар он ман ҳам дар қатори К.Абдулов, Х. Ғафуров ба сиёсати ҳамондавраи ҷавонон дохил шуда, дар гирдоби сиёсатмандӣ солҳои дароз корҳои ҳизбӣ кардам. Яъне Каримҷон солҳои ҷавонӣ ба навиштану баромадҳои пурмазмун шуғл дошт, дар пленумҳои комитети марказии комсомолӣ баромадҳо мекард, серғайрату ҷасур буд. Дуюм, тақдири ҳаёт ҳамин хел шуд, ки моҳи январи соли 1971 вилояти Ленинобод ташкил шуд. Ҳамон вақт ман дар аппарати КМ ВЛКСМ дар шаҳри Маскав фаъолият мекардам, аз он ҷо омада, котиби якуми комитети иҷроияи вилояти Ленинобод шуда кор кардам. К.Абдулов аз шаҳри Душанбе омада, мудири шӯъбаи лекторҳо ва ҷонишини мудири шӯъбаи агитатсия ва пропагандаи комитети вилоятӣ шуданд. Аз ҳамин сабаб дар як хона ва дар як майдонча бо аҳли оилаву фарзандонамон истиқомат мекардем. Дар соли 1986 баробар хона гирифта, боз ба ҳамдигар ҳамсоя шудем. Ман солҳои тӯлонӣ роҳбари соҳаи кишоварзии Тоҷикистон будам, аз ин лиҳоз дар сӯҳбатҳои бисёре ширкат доштам (дар донишгоҳҳо, вилояту ноҳияҳо). Агроном, муҳандис, муаллим, духтур, сохтмончӣ ва дигарон сиёсатмадор шуда наметавонанд. Гарчанде ман номзадиамро дар дигар соҳаи илм ҳимоя карда бошам ҳам, чунин андешам дорам, ки дар баробари илмҳои дақиқ ва кишоварзӣ, имтиҳони илми фалсафаро ҳатман дар макотиби олӣ ба тариқи маҷбурӣ ҷой намоянд. Чун собиқ

коркуни ҳизбӣ, комсомолӣ гуфтаниям, ки пешравии Тоҷикистон аз сиёсатмадорон ва файласуфон вобастагии қавӣ дорад. Вақте ки роҳбари калони соҳаи кишоварзии мамлакат будам, Президент Эмомалӣ Раҳмонов дар ҳамон вақт роҳбари совхоз буданд. Аз ҳамон рӯзе, ки эшон директор шуданд, серғайративу меҳнатдӯстӣ ва чун ҷавони бомаърифат худро нишон доданд ва ба зудӣ мавқеи намоёнро ишғол карданд. Ду сол пеш аз ин дар яке аз маҷлисҳои калон, дар меҳмонхонаи «Авесто» сухан дар бораи роҳбарони хоҷагӣ рафт. Дар он ҷо қариб 2000 нафар иштирок кардем. Президент ба ман муроҷиат карда гуфтанд, ки шумо дар ҳақиқат тасдиқ карда метавонед ва шоҳид ҳам будед, ки соли 1988 сухан дар бораи иҷро накардани нақшаи солонаи роҳбарони хоҷагии ноҳияи Данғара рафт. Хамон вақт Эмомалӣ Раҳмонов ваъда доданд, ки агар мо ду-се маротиба маҳсулоти кишоварзиро дар совхоз иҷро накунем, моро аз вазифа сабукдӯш кунед. Баъд аз як сол ҳамон роҳбари ҷавон истеҳсоли нахӯдро аз 105 ба 308 тонна расонданд. Ва дар баробари ин тамоми проблемаҳои совхозро бартараф карданд. Баъд аз он ба ноҳияи Данғара рафта ба таври хаттӣ пешниҳод карда, гуфтам, ки ба роҳбари ҷавон чӣ даркор? Гуфтанд, ки мошини сабукрав. Баъд аз 10 рӯз мошини сабукрав тақдим кардем. Тақдиру насиб будааст, ки депутати халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 17 рӯз раиси комитети иҷроияи вилояти Кӯлоб, пас аз он раиси Шӯрои Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 1994 ба таври интихобӣ Президенти кишвар шуданд. Яъне оҳиста-оҳиста як сиёсатмадори машҳури ҷавон гардиданд. Ҳашт маротиба аз минбари СММ баромад карда, чандин проблемаҳои глобалии ҷаҳониро ба миён гузоштанд. Вақте ки муҷассамаи калони Исмоили Сомониро бунёд карданд, вазъи иқтисодии мардум нотинҷ буд. Ва чӣ хеле, ки К.Абдулов қайд карданд, дуруст аст, даҳҳо, садҳо нафар рафиқон гуфтанд, ки ҳамин муҷассамаи Исмоили Сомонӣ чӣ лозим аст? Имрӯз тамоми сарварони кишварҳои ҷаҳон пас аз вохӯрӣ бо Президенти мамлакат, рафта ин муҷассамаро зиёрат мекунанд. Сиёсатмадор ин роҳбари аввалини давлат мебошад. Сиёсатмадор вақте ки кори дуруст мебарад, иқтисодиёт рушд мекунад, обрӯ ва эътибори мамлакат баланд мешавад, илму фарҳанг тараққӣ мекунад.

Каримҷон дуруст қайд карданд, ки имрӯз касе ба илму дониш таваҷҷӯҳ кунад, ояндааш бузург мешавад. Оре, дуруст аст, зеро инро таҷрибаи зиндагӣ нишон додааст. Ҳозир аз дигар мутахассисони соҳа роҳбари давлат ва сиёсатмадор шуданашон мумкин, то он вақте ки ба дараҷаи олӣ сиёсати имрӯза ваояндаи мамлакатро бояд донанд. Агар имрӯз файласуфон бо забонҳои русию англисӣ гуфтугӯ кардан ва бо компутер кор карданро омӯзанд, дар оянда мансабҳои хуби давлатиро ишғол менамоянд. Агар шумоён бо фиребу найранг имтиҳон супоред ва гӯед, ки боз пагоҳ худо подшоҳ асту бепарво гардед, ин тамоман бар зарари худатон мешавад. Ашхосе, ки номзади илм, доктор ва академик шуданд, инҳо дар ҳақиқат шабҳои бедорхобӣ кашида, илмомӯзӣ карданд. Ҳоло ҳам ман медонам, ки олимҳои 70-80- сола ба монанди Каримҷон шабу рӯз мехонанд ва эҷод мекунанд. Ба Каримҷон на пул лозим, на сарват, хуллас ҳеҷ чиз лозим нест. Ин одам ба ҳеҷ чиз ҳам мӯҳтоҷ нест, лекин фикр мекунанд, ки вақт рафта истодааст, шабу рӯз менависанд, аммо ба асарҳояшон баъзе касон эрод гирифтаанд. Бар замми ин Каримҷон рӯҳафтода нашуда, боз аз паи эҷодкорӣ шуданд. Пас ҳамон рафтори ҷасурӣ ва нотарсии давраи комсомолӣ мондааст. Ман бовар дорам, ки дар оянда китобҳои шумо дар мавзӯъҳои гуногун бисёр шуда ба хонанда ва ҷомеа манфиатҳои калон меорад. Ба ин эҷодкориҳои тоза дар таърих номи шумо сабт гардид ва аз ин ҳам зиёдтар дар таърих мемонад. Каримҷон дуруст қайд карданд, ки на танҳо гузаштагонамон, балки шахсони зинда ҳам бояд идеал шаванд. Илме, ки аз забони олимони имрӯзаи номдор мегиред, бояд онро дар ҳаёт татбиқ намоед. Барои пешрафти Тоҷикистон мо пирон ҳам саъю талош мекунем, лекин пеш аз ҳама ба шумоён ҷавонон вобастагии зич дорад, яъне ояндаи Тоҷикистон дар дасти шумо мебошад. Дар ҷаҳон ягон давлате нест, ки бо ёрдами дигар давлатҳо пешрафт шуда бошад. Ҳамон давлатҳо танҳо бо кӯшиши худашон ба пешрафти соҳаҳои ҷомеа ноил гаштанд. Ҳамчунин ягон оила ҳам нест, ки бо ёрдами дигар оилаҳо тинҷу осуда шавад. То худатон ҳаракат накунед ва ҳалол меҳнат карда, зиндагиатонро пеш набаред, на ёрдами падару модар, на додару хоҳар фоида намекунад. Ҳамчун собиқ корманди ҳизбию

давлатӣ ва ҳозир каму беш дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисса гузошта истодаам ва аз шумо хоҳиш мекунам, ки бо баҳои аъло хонед. Дар бораи ояндаи Тоҷикистон андеша намоед. Дар ин самт қулла ба қулла фатҳ намуда, ба иқтисодиёти кишвар рушду нумӯъ бахшем. Асарҳои К.Абдулов ин як роҳнамо ба тамоми табақаҳои ҷомеа мебошад.

**А.Муҳаббатов**. *Маърӯза ва насиҳатҳои шумо барои донишҷӯёни мо мояи ифтихор хоҳад шуд. Ваҳҳоб Воҳидов котиби Комитети Марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ҷонишини якуми Раиси Совети Вазирон ва депутати Совети Олии ИҶШС буданд. Мо ин вазифаҳоро дар хоби шаб мебинем ё ба гӯр мебарем. Ба шумо, муаллим, умри дароз, тансиҳатӣ орзумандем.*

*Ҳозир сухан ба нависандаи мумтоз Бахтиёр Муртазоев.*

**Бахтиёр Муртазоев:**

Чӣ хеле ки ҳозир К.Абдулов қайд карданд, банда доир ба рӯзгор ва фаъолияташон китоб иншо кардам, дар ҳақиқат дуруст аст. Ва мехоҳам, ки перомуни ҳамин китоб, ки бо номи «Суғдзод аз Сурхкат» сухан гӯем. Ман ҳам ба монанди дигар рафиқон бо Карим Абдулов ҳамин донишгоҳро хатм намудаам. Гарчанде аз ин кас се сол хурд бошам ҳам, як сол пеш донишгоҳро ба итмом расондам. Эшонро хуб мешиносам, ташкилотчии фаъол буданд, баромадҳои оташин мекарданд ва ҷавононро ба ободкорӣ ва созандагӣ даъват менамуданд. Дӯстии мо ба ҳамдигар аз ҳамон солҳои донишҷӯӣ буд. Аз ин лиҳоз мавридаш омад, ки ман дар бораи Карим Абдулов чизе бояд нависам. Барои навиштани ин китоб банда ҳамаи асарҳои эҷод кардаашонро мутолиа кардам. Аз ҷумлаи камтарин шахсоне шояд ман бошам, ки пурра ҳамаи китобҳояшро хондаам. Гаштаю баргашта ҳамаи асарҳояшонро мутолиа кардам, то ки дар бораи ҳаёту фаъолияташон асари хубе эҷод намоям. Барои ҳамин ҳам ба деҳаи Сурхкати кӯҳистони Мастчоҳ ба зодгоҳи Карим Абдулов рафтам, аз он ҷо дидан кардам. Пеш аз ба донишгоҳ қабул шуданашон техникуми молиявиро бо дипломи аъло хатм намудаанд. Барои ҳамин ҳам ба ин кас пешниҳод карданд, ки ба кадом мактаби олӣ хоҳанд, бе имтиҳон дохил мешаванд, лекин ин кас як сол ба диёрашон рафта

кор карданд. Дар ҳаёти масчоҳиҳо солҳои 50-ум давраи гардишӣ буд, яъне мардумро аз кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин кӯчонданд. Эшон ҳамон вақт рафта ба ҳаёти мардум шинос шуда, дар ҳамон рӯзҳои вазнин ғамшарики халқ буданд. Дар ҳамон солҳо як шахси аҷиб, роҳбари донишманд Насим Салимов дар деҳаи Сурхкат фаъолият мекард. Ба ин одам мардум «Насими тӯдакаш» ном ниҳода буданд. Мардуми кӯҳистони Масчоҳ намехостанд, ки аз диёри аҷдодиашон, яъне аз боғҳо, чашмаҳо, аз ҷои хурраму зебо, ки худашон обод кардаанд, ҷудо шуда ба як чули дар он ҷо ҳеҷ чиз нест раванд. Ва боз медонистанд, ки он ҷо мазорҳо ҳаст, аммо намедонистанд, ки дар ин дашт дар куҷо мазор ҳаст, куҷо рафта зиёрат кунанд.

Ҳамин Насим Салимов якумин шуда кӯчашро бо зану фарзандаш ба дашти Дилварзин фиристод, аммо худаш дар кӯҳистони Масчоҳ монд. Баъд аз ин мардум эътиқод карда, роҳ сӯи дашти Дилварзин мегиранд. Ман фикр мекунам, ки аввалин сиёсатшиносию сиёсатмадорӣ дар дили Каримҷон ҳамон вақт, фаъолияти Насим Салимовро дида пайдо шудааст. Ҳамон солҳо ба эҷод кардан машғул буданд. Хабару лавҳаҳояшон дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп мешуд. Яъне Каримҷон одати навиштанро ягон вақт тарк накардаанд. Дар кумитаи иҷроияи вилоятӣ кори ҳизбӣ мекарданд, ҳамон вақт мудири шӯъбаи пропаганда буданд, ки ин бисёр вазифаи масъулиятнок буд. Ва ҳини адои ин вазифа дар рӯзномаҳо, аз қабили «Правда», «Известия» мақолаҳояшон чоп шудааст. Ҳамаи ҳаминҳо ҷамъ шуда, ҳамин хел шакли китоб шудааст. Дар китоби «Сиёсатномаи асри XXI» муаллиф гуфтаанд, ки маҳсули кори 30-солаашон мебошад. Банда чунин андеша дорам, ки меҳнати тамоми умрашон мебошад. Ҳамин китобро ҳанӯз шакли дасхаташро хонда будам. Дар китоби пурарзиш муаллиф анъанаи сиёсатшиносии классикиамонро давом додаанд. Агар «Гулистон»-и Саъдиро хонед, дар боби сиёсатшиносӣ, яъне доир ба подшоҳон ривоятҳо оварда шудааст. «Сиёсатномаи асри XXI» на танҳо барои асри XXI эҷод шудааст, балки барои асрҳои оянда ҳам қиматашро гум нахоҳад кард. Ин китоб бояд сари мизи роҳбарон, вазирон, устодон ва донишҷӯён, ҳамаи олимону

дӯстдорони сиёсату фарҳанг бошад. Чунин андеша дорам, ки ин асар ҳамеша дар истифода хоҳад шуд.

Дӯстони азиз, дар шароити имрӯза як мақола навиштан душвор ва фикру ақидаҳои худро дар шакли як китоби мукаммал ҷамъ кардану ба хонанда пешниҳод кардан меҳнати ниҳоят зиёдро талаб мекунад. Дирӯз дар Иттиҳодияи нависандагон муаррифиии ҳамин китоб доир шуд ва якчанд рафиқон пешниҳод карданд, ки ба мукофоти ҷумҳурияви ба номи Абӯалӣ ибни Сино сазовор аст. Ман ҳам мӯътақид ҳастам, ки ин асар ба ҳар гуна мукофотҳои олии ҷумҳурӣ сазовор аст. Дар охир ба ҳамаи шумо хонаободӣ мехоҳам. Ташаккур.

**А.Муҳаббатов**: *Мо ҳам ба шумо саломатӣ таманно намуда, ба корҳои эҷодиатон комёбиҳои беназир орзумандем. Чӣ хеле ки дар боло зикр шуда, дар конфронс яке аз иқтисодчии бузурги мо Хушбахт Ғафуров иштирок доранд. Ҳозир сухан ба ин кас дода мешавад.*

**Хушбахт Ғафуров:**

— Шогирдони азиз, донишҷӯ шудан дар ҳаёти одам як бор меояд. Мо ҳам медонем, ки шумоён идрорпулӣ (стипендия) намегиред, аксарияти шумоён хобгоҳ надоред. Имрӯз нақлиёт кам аст, ки ба шумо хизмати хуб расонад. Бархе аз шумоён ҳангоми дарс дар берун сайругашт мекунед, ки имрӯз ба мо аён шуд. Алоқаи зич байни шумоён ва устодон нест. Шояд робитаҳо бошад, лекин кам аст. Бештари шумоён ба воситаи пул дохил мешавед. Мактаби олӣ бояд дар Тоҷикистон бепул бошад. Дар тамоми Аврупо донишҷӯён бепул мехонанд, дониши хуб мегиранд ва бо хобгоҳҳои замонавӣ таъмин мебошанд. Бо иҷозаи шумо, якчанд проблемаҳое, ки Карим Абдулов пешниҳод карданд, гуфта гузарам. Дар ҳақиқат солҳои охир шоир, олим, нависанда бисёр шуда истодааст. Касе шеър эҷод карда наметавонад, шеърҳояш чоп мешаванд. Мо олимҳоро ягон кас аз саҳифаи таърих дур намекунад, лекин ҳамин чизҳо ҳис карда мешавад, шумо бояд ин тавр фикр накунед. Дар ҳақиқат мо меҳнат ва эҷод мекунем.

Дар бораи асари «Сиёсатномаи асри XXI» шогирд бисёр саволи хуб доданд. Агар сиёсатро аз ҳаёт дур монем, ин тамоман саҳв аст. Сиёсат – ватан, халқ ва дигар тарафҳои зиндагиро дар бар мегирад. Шумо фикр накунед, ки танҳо барои сарвару вазир шудан сиёсат зарур аст, барои ҳамаи табақаҳои ҷомеа сиёсат даркор аст ва бояд ба ин диққати махсус диҳем. Барои ҳамин ифтихор кунем, ки К.Абдулов ба ҳамаи мо як китоби хуб навишта пешниҳод кардаанд. Вобаста ба ин китоб чанд проблемаҳо мавҷуданд. Дар ҳақиқат масъалаҳои мубрами рӯз бардошта шудааст. Ҳозир барои мо 100 проблема не, як проблема ҳаст, яъне бояд Тоҷикистони нав созем. Барои ин донишҷӯ нағз хонад, муаллим дарси хуб диҳад, духтур нағз кор кунад ва ғайра. Мебахшед, то кай мо маводи хӯрокаро аз хориҷи кишвар меорем.

Барои ҳамин мақсади гузоштаи К.Абдулов аз он иборат аст, ки сиёсат пояи устувори давлату давлатдорӣ гардад. Барои ҳамин ҳама маърифати баланд ва дониши хуб гиранд. Дар баробари ин бояд якдигарро ҳурмат кунем. Имрӯзҳо мо як одати бемаврид дорем, ки мардумро ба маҳалҳо ҷудо мекунем. Бояд ин одатро аз худ дур намоем. Ҳамаи маҳалҳои кишвар ҷамъ шуда ба рушди мамлакатамон сабабгор шаванд.

К.Абдулов доир ба сохтмони қишлоқҳои нав як проблемаи хуб бардоштанд. Дар ҳақиқат ватани мо кӯҳсор аст, мо бояд ҳамин хел қишлоқҳоро созем, ки ҷояшро дидаву дониста ва ҳар як ваҷаб заминро ба назар гирем. Аҷоиб фикри хуб аст.

Муаллиф дар масъалаи бахилӣ бисёр проблемаи бузург бардоштаанд. Бале дуруст, агар бинем, ки олим ба муваффақиятҳои калон ноил шуд, аллакай фикрамон дигар мешавад. Ин нодуруст аст. Мо бояд дар оғӯши якдигар бошем, ёрдам расонем. Ман ният дорам, ки китобро пурра мутолиа карда, дар яке аз рӯзномаҳои кишвар нисбати ин асар тақризи олимона нависам. Шахсан ман ба номи шумо фахр мекунам, ки ман бо шумо дӯст мебошам. Шумо серҳосил ва ҳосилнокии меҳнати шумо нисбат ба ҳамаи мо баланд аст. Ба шумо умри дароз, вақти хуш таманно дорам.

**А.Муҳаббатов**: *Сухани хотимавӣ ба Шоири халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ дода мешавад.*

**Гулназар Келдӣ:**

— Шогирдони азиз, ҳангоме ки аввалин бор ба дарси сиёсатшиносӣ даромадед, устодон ба шумо рӯйхати адабиётҳоро доданд, яъне рӯйхати китобҳои олимони дунёро. Азбаски ҳамаи онҳо илмӣ ҳастанд, бисёр душвор аст ва ҳар як олим сиёсатро ба таври фаҳмиши худ таҳлил кардааст. Устодони шумо кӯшиш мекунанд, ки ҳамаи онҳоро соддатар карда ба шумо фаҳмонанд. Агар «Сиёсатномаи асри XXI»-и К.Абдуловро хонед, ҳамин гапҳо бисёр соддаю оммафаҳм ва зинда гуфта шудааст. Дар ин китоб ривоятҳо, иқтибосҳо ба мисли «ҳезумкаш ва мор» баҳри пурмӯҳтаво шудани асар аз эҷодиёти халқ оварда шудааст. Дар ин ҷо як чизро гӯям, ки дар ин китоб ҳикояҳои эҷодкардаи худи муаллиф низ дида мешаванд. Ҳамзамон қувваи нависандагии эшонро нишон медиҳад. Боз хотираҳо дар бораи роҳбарони ҳизбии мо, дар бораи раисони колхозҳо ҳам, дар бораи адибони машҳури мо бисёр хотираҳои нағз ҳаст. Хуллас, бисёр китоби шавқовар ва хонданист. Ман ба шумо рӯйхати адабиётҳоро барои он гуфтам, ки ҳар кас сиёсатро ба таври худаш маънидод мекунад. Барои шоирҳо ҳам сиёсат чизи дигар аст, яъне баҳри онҳо ин муҳаббат аст. Шумо ҳамдигарро дӯст доред, ҳамдигарро эҳтиром кунед. Оилаҳои зеботарин бунёд кунед. Вақте оилаҳои зеботарину мустаҳкам пайдо шавад, давлат ҳам мустаҳкам мешавад. Ба ҳамин хотир ман дар охир ба шумоён як шеъри ишқӣ мехонам.

*Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош,*
*Гӯши шаб кар кардаам ман аз худо гуфтан.*
*То туро талбидаам аз лаҳзаҳои будану рафтан,*
*Бонги поҳои туро чидам зи ғавғои хиёбонҳо.*
*Ҷилваи шодобу ҳуснатро рабудам аз нигоҳи*
*масти майдонҳо.*
*Атри номатро кашидам аз димоғи масти бӯстонҳо,*
*Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.*

*Чашми гаммозаи равзанҳо фаромӯш бод,*
*Мазҳаби ошиққуши занҳо фаромӯш бод,*
*Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.*
*Рӯ ба мо кун, пӯшт бар найранги дунё кун,*
*Ғунчаҳои бӯсаҳоятро шукуфо кун,*
*Шармро дар парда расво кун,*
*Мурдану эҳё шуданҳои маро акнун тамошо кун.*
*Дар нафасҳои ту сад девону газал ошӯб мехоҳад,*
*Сад чаман огӯш дар огӯши ту огӯш мехоҳад,*
*Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.*
*Фасли огоз аст тирамоҳ дур асту оҳи*
*печ-печони сафедорон,*
*Ҷой намегирад ҷудоӣ миёни дӯстдорон,*
*Мон шакархобе ба бехобӣ даромезад.*
*Ташнагӣ бо чашмаи обе даромезад,*
*Шаҳри гармое ба Варзобе даромезад,*
*Лаҳзае бо лаҳзаи ман бош.*

**А.Муҳаббатов:** *Мо хоҳони онем, ки ҳамеша суханҳои шумо чун шамшери бурро гӯё бошанд. Орзуҳои зиёд мекунем, ки доим гули сари сабади маъракаҳои мо бошед.*

*Пеш аз ҳама ба меҳмонони маърӯзакарда ташаккур мегӯям ва ба профессор Карим Абдулов муваффақиятҳои нави илмӣ, эҷодӣ таманно дорам. Миллат бо фарҳангаш шинохта мешавад ва дар ин ҷабҳа саҳми шумо бузург аст. Мехоҳем зуд-зуд меҳмони факултаи мо бошанд. Ба шумо тансиҳатӣ ва хонаи обод орзу дорам. Ташаккур ба ҳамаатон. Бо ҳамин конфронсро пӯшида эълон мекунам.*

# МУАРРИФӢ ДАР КИТОБХОНАИ БА НОМИ ТОШХӮҶА АСИРӢ

### шаҳри Хуҷанд.

***Конференцияи илмиву амалӣ бахшида ба китоби профессор К.Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI».***

## АНДЕШАҲО ДАР АВРОҚИ НОМАҲОИ ПУРЭҲСОСИ СИЁСАТ

Зиёиёни мамлакат баъди мулоқотҳо бо Президенти ҷумҳурӣ фаъолияти эҷодӣ, тадқиқотиашонро суръати тоза бахшиданд. Аз ҷумла, бахши улуми башарӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Ман аз пуркорӣ, ҳақиқатнигорӣ ва тадқиқоти профессор Карим Абдулов аз айёми ҷавонӣ шинос ҳастам. Ҳанӯз ҳини донишҷӯӣ дар маҳфилҳои илмӣ чун сарвар ва олими ҷавон шӯҳрат пайдо карда буд. Ҳатто дар донишгоҳ ӯро «малий ректор» мегуфтанд. Дар лабораторияи илмӣ-эҷодии профессор Карим Абдулов мақоми асосиро таҳлил ва арзёбии хотираҳо, мулоқотҳо ташкил медиҳад. Ин ашёи хоми илмӣ басо ҳам муҳим аст. Аз таҷрибаи худам боварӣ ҳосил кардам, ки дар тадқиқоти таърихи Тоҷикистон асоси муваффақияти ман сӯҳбатҳо, мулоқотҳо бо Турсун Ӯлҷабоев, академик Б.Ғафуров, Муҳаммад Осимӣ, Солеҳ Раҷабов, Зариф Раҷабов, Литвинский, Брагинский, Ранов, Мақсуд Шукуров, Баҳоваддинов ташкил медиҳад. Ҳоло ҳам ҳангоми таҳлили баъзе масоили таърихи муосири Тоҷикистон ман аз ин хотираҳо иқтибос меорам. Ба профессор Абдулов низ муяссар гардид, ки дар доираҳои бонуфузи илмӣ ширкат варзида, ақидаҳои мухталифро зимни хотираҳо таҳлил намояд. Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» публисистикаи илмӣ-таълимӣ маҳсуб гардида, равандҳои ҷомеашиносиро тадқиқ намудааст. Олим бахшҳои асосии ҷомеашиносиро дар асоси далелҳои мӯътамад мавриди пажӯҳиш қарор додааст. То андозае барои муаррихони солҳои оянда маводҳои фаровони илмӣ таҳия намудааст. Хусусан, дар бахши оғози истиқлолияти Тоҷикистон, даргириҳои давраи гузариш профессор чун шоҳиди бевосита маводи пурарзиш гирд

овардааст. Бо мурури замон таърих ба ин порчаҳо, лаҳзаҳо ниёзи бештаре пайдо мекунад. Бо вуҷуди ин ки дар ин мавзӯъ даҳҳо мақолаву китобҳо интишор гардиданд, таҳлилҳои воқеъназари профессор Карим Абдулов моли пурарзиши таърихӣ мебошанд. Ман дар тадқиқи профессор Абдулов беғаразиро кашф намудам Дар ин бора ҳангоми муаррифии китоби «Иҷлосияи тақдирсоз» низ изҳори ақида кардам. Бисёр касон имрӯз медонанд, ки профессор Абдулов чун ходими сиёсӣ дар ташкили нахустин интихоботи умумимардумии Президенти Тоҷикистон заҳматҳои зиёде кашиданд. Кӯшиш ба харҷ дод, ки дастгоҳи пурқуввати Президент Раҳмон Набиев ташкил гардад. Фишору таъқиботи зиёде дид. Ҳамон вақт бисёр зиёиён ва ходимони ҳизбӣ-давлатӣ аз мубориза канораҷӯӣ мекарданд. Профессор Абдулов бо роҳҳои мухталиф дар ваҳдати миллӣ саҳм мегузошт. Ман дар назар дорам, ки мақолаҳо ва мактубҳои беғарази ӯ нисбати сиёсати рӯз нашр шуданд.

Имрӯз илми ҷомеашиносӣ бо иқдоми бевоситаи Президенти мамлакат инкишоф меёбад. Пайваста ба ин кори мушкил ҷавонон низ ҷалб мешаванд. Аз ин рӯ, қобили қабул мебуд, ки чунин асарҳои ҷомеашиносии олимон Карим Абдулов, Қурбон Восеъ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоев, Ҳомид Пӯлодов чун васоити таълимӣ ба барномаи дарсии макотиби олӣ дохил шаванд. Инро бори аввал ман таъкид намекунам. Дар ҳамаи маҳфилҳо, сӯҳбатҳо ман зарурияти ин кори хайрро таъкид менамоям. Худи шакли робита бо хонанда, яъне муаррифии асарҳо низ бо кӯшиши профессор Карим Абдулов ривоҷ гирифт. Воқеан имрӯз теъдоди нашри китобҳо кам аст. На ҳар як хонанда иқтидори пайдо намудани китобро дорад. Аз ин рӯ, муаррифии асарҳо беҳтарин гуфтугӯи озоди эҷодкор ва хонанда мебошад.

***А. ШАРИФОВ,***
***мудири шӯъбаи ҳукумати***
***вилояти Суғд.***

# ХИРАД ДАР СИЁСАТ

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI», ки ба қалами олими маъруф, доктори илмҳои таърих, профессор Карим Абдулов тааллуқ дорад, аз беҳтарин асарҳои таърихист, ки бо ғановати мавзӯъ ва мӯҳтавояш диққати хонандаро ба худ ҷалб месозад. Ин китоби бузургҳаҷму пурмазмун беҳтарин дастоварди муаллиф аст, ки дар тӯли зиндагиаш ҳодисаҳо, талхиву шириниҳо, ҷангу ҷидол, сулҳу оштии миллиро бо чашмони худ мушоҳида карда, ба навиштани чунин як асар иқдом намудааст. Дар ин китоб хонандаи нуктасанҷ як ҷаҳон маънӣ бардошта, вазъи кишвар ва сиёсати пешгирифтаи ҳукумат дар солҳои аввали истиқлолият пеши назар меояд.

Вақте ки китобро варақ мезанам, таърихи миллати бузурги мо пеши чашмонам ҷилвагар мешавад. Аз соли 1989 сар карда, бедории миллӣ ва ҳаракати озодихоҳӣ дар Осиёи Марказӣ эҳсос мешуд. Митингу ҷамъомадҳои оммавӣ, ки барои мардуми советӣ чизҳои бегона ҳисоб мешуданд, авҷ гирифтанд.

Маҳз, воқеоти солҳои 1989-2000-ум дар асар инъикоси амиқи худро пайдо кардаанд. Муаллиф дар байни обу оташ, он солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандиро паси сар намуда, хотираҳои худро аз он рӯзҳои наҳс рӯи коғаз меорад.

Воқеаҳо аз интихоботи Раиси ҷумҳур, интихоботи намояндагон ба Шӯрои Олӣ, муборизаҳои сиёсӣ шурӯъ шуда, хеле амиқ таҳлил шудаанд. Муаллиф чун донандаи хуби таърихи тоҷикон аз ҳодисаву воқеаҳои гузашта мисолҳо оварда, моро хушдор медиҳад, ки аз гузашта сабақ андӯзед, то гумроҳ ва пой дар гил намонед. Ҷангу ҷидолҳои шаҳрвандӣ, харобиҳо, куштору ғорат асорати гӯшношуниде ба кишвар ворид сохт. Маҳз ин ҷанг, сабабҳои он хеле ҳақиқатнигорона аз тарафи муаллиф таҳлил шуданд.

Профессор Карим Абдулов оштии миллиро тараннум намуда, нақши Сарвари давлат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ва роҳбари ҳайати мухолифин Саид Абдуллоҳи Нуриро дар таҳкими сулҳу оштӣ таъкид намудааст.

Албатта, душвориҳо хеле зиёд буданд. Душманони миллат пайи нобудии давлати тоҷикон ҳама чораҳоро меандешиданд.

Хушбахтона, онҳо ба ҳадафҳои муғризона ва душманонаи худ нарасиданд. Хуршеди сулху ваҳдат нурафшон шуд, абри сияҳи ҷангу ҷидол пароканда гардид. Офтоби сулҳ осмони мусаффоро бахри тоҷикон эҳдо намуд. Маҳз ҳамин ҳодисаҳо, сулҳи бениҳоят душвор ба даст омада, вохӯрии ҳайатҳо дар Маскав, Теҳрон, Мазори Шариф, Алмаато хеле воқеъназирона баррасӣ шудаанд.

«Сиёсатномаи асри XXI» асарест, ки ба шаҳрвандон сиёсат, роҳҳои дуруст ҳал кардани қазияҳо, ҷангу ҷидолҳоро нишон медиҳад. Хуб мешуд, ки ин асар ҳамчун асари илмию сиёсӣ дар макотиби олии кишвар омӯзонида шавад. Аз ин рӯ, Вазорати маорифи кишварро зарур аст, ки барои ҷорӣ намудани ин китоб ҳамчун дастури сиёсӣ ва илмӣ чораҳои ҷиддӣ биандешад.

Дар таърихи адабиёти мо оид ба илми сиёсат асарҳои зиёде офарида шудаанд. Яке аз китобҳои машҳур «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ мебошад. Ин асар ба хонанда аз ҳаёту фаъолияти шоҳони гузаштаи ironӣ нақлу ривоятҳои аҷиберо ҳикоят мекунад. Пас аз чанд қарне дар адабиёти мо асари дигаре бо номи «Сиёсатномаи асри XXI» зуҳур кард, ки аз беҳтарин асари таҳлиливу сиёсӣ буда, барои доираи васеи хонандагон пешбарӣ шудааст.

Офаридани чунин асари бузургу пурмазмунро ба доктори илмҳои таърих, профессор Карим Абдулов табрик, шодбош гуфта, барояшон хушбахтию пирӯзиҳоро таманно мекунем.

***Баҳриддлин АҲМЕДОВ,***
***ходими ҳизбӣ, нафақахӯр.***

# ҚУТБНАМОИ ДАВЛАТДОРӢ

Ман Каримҷон Абдуловро ҳамчун корманд, аниқтараш роҳбари боғайрат ва матиниродаи ҳизбӣ, сиёсатмадор ва сиёсатшинос дер боз мешиносам. Гуфтан мумкин, ӯ пеши назари мо ба камол расидааст. Чун мудири шӯъбаи тарғиботии кумитаи ҳизбии вилоят ӯ ҳамеша ба рушду нумӯи илм, адабиёт, фарҳанг диққати калон медод. Дар замир ки ҷавҳар доштааст, бо мурури замон худ нависанда шуд ва ба фикрам, нависандаи хуб ҳам ҳаст. Ман ҳамчун муаррих, албатта ба ҷиҳатҳои ба таърих вобастаи китобҳои Каримҷон Абдулов баҳо медиҳам.

Ман ҳамаи китобҳои муаллифро хондаам, хоҳ вай шаш ҷилди «Дар ин дунё» бошад, хоҳ дигар китобҳои ба шахсони мӯътабар, қаҳрамони арсаи меҳнату илму сиёсат бахшида, дар ҳамаи китобҳои ӯ як публисистикаи оличаноб эҳсос мешавад. Дар китобҳои вай рӯҳи замон, воқеаҳои замон, хислатҳои неки қаҳрамонҳояш ҳақиқатнигорӣ шудаанд. Рӯирост, нотарсона ва дар сурати асл тасвир кардани ҳодисоту воқеаҳо қимати асарҳои ӯро на танҳо дар чашми мо муосиронаш, балки дар назари наслҳои оянда ҳам баланд мебардорад.

Дар таърихи адабиёт, умуман дар таърихи тоҷикон кам одамон «Сиёсатнома» навиштаанд. Беҳтарини онҳо асари Низомулмулк аст. Чунки худи ҷуръат карда навиштани чунин асари таърихӣ-публисистӣ-ҳуҷҷатӣ аз муаллиф донишу ҷасорати бузургро талаб мекунад. Дар якчанд асари охир танҳо Каримҷон Абдулов ҷуръат карда, ба навиштани чунин асари пурмӯҳтаво даст зад.

Чунон, ки шодравон доктори илми таърих Саъдулло Абдуллоев дар пешсуханаш ба ин китоб менависад, бе китобҳои илмии сиёсатшиносӣ сиёсатмадор тарбия кардан муҳол аст. Акнун, ки Тоҷикистони мо соҳиби истиқлолият шудааст, барои пеш бурдани сиёсати давлат, чӣ сиёсати дохилию чӣ хориҷӣ, сиёсатмадорони ҳақиқӣ, яъне донишманд, ватандӯст, миллатдӯст лозиманд. Чунин сиёсатмадорон худ аз худ пайдо намешаванд, балки онҳоро тарбия кардан лозим меояд. Лекин ҳамаи мо медонем, ки донишкадаҳо ва донишҷӯёни мо ба китобҳои таъ-

лимӣ чӣ ниёзи калон доранд. Бинобар ин дар ин ҷода икдоми профессор Карим Абдулов арзиши бузургро дорост.

Китоб аз ҳафт боб, сарсухан ва охирсухан иборат буда, ҳар боби он ба як соҳаи алоҳидаи ҳаёти ҷомеа марбут аст. Масалан, ба ту маълумоти муфассал дар бораи умуман сиёсат, мафҳуму моҳияти он лозим аст, марҳамат, бобҳои «Сиёсат чист?» ва «Рукнҳои асосии сиёсат»-ро варақ зан.

Ба фикри ман, ана ҳамин ба бобҳои алоҳида ҷудо карда шудани сиёсатнома ё худ сиёсатшиносӣ ва бо мисолҳои конкретӣ аз таърих ва имрӯза мустаҳкам кардани онҳо ҳам хондани китоб ва ҳам омӯзиши мавзӯъро осон мекунад.

Умуман, ин китоби ҳаҷман калон «Сиёсатномаи асри XXI» ном дошта бошад ҳам, мазмунан доираи васеътари масъалаҳоро дар бар мегирад. Дар он мушоҳидаҳои муаллиф, фикри ӯ дар бораи таъсису густариши ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, дастовардҳо ва камбудиҳои соҳаи сиёсат ва сиёсатшиносӣ пурмӯҳтаво инъикос ёфтаанд.

Албатта, бо баъзе фикрҳои муаллиф розӣ нашудан ҳам мумкин. Ҳастанд чунин лаҳзаҳои шубҳаовар дар китоб. Лекин ин ҳам бартарии худро дорад. Зеро ҳақиқат аксаран аз баҳс тавлид меёбад. Маҳз дар натиҷаи баҳсҳои илмӣ мо метавонем роҳи дурусти ҳалли масъалаҳоро дарёб кунем.

Аз ин лиҳоз, ман профессор Карим Абдуловро, ки дар як вақт ҳам таърихшиноси донишманд, хам иқтисоддони варзида, ҳам публисисту сиёсатшиноси дилсӯзи миллату меҳан аст, бо чопи ин китоби наваш ва ҳамчун узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул шуданаш аз таҳти дил табрик мегӯям, ба ӯ саломатии мустаҳкам ва эҷоди китобҳои нав ба нави пурмӯҳтаворо орзу мекунам.

Саломат бошед, дӯсти азизам, Каримҷон!

***Шарифҷон АҲМАДОВ - профессор,***
***доктори илми таърих.***

# РИСОЛАТИ МЕҲАНПАРАСТӢ

«Сиёсатномаи асри XXI» асосан воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии асри XX-ро дар худ таҷассум кардааст. Лекин муаллиф онро «Сиёсатномаи асри XXI» номидааст, шояд барои он бошад, ки он дар асри XXI чоп шудааст ё дар асри XXI роҳнамои сиёсатшиносону сиёсатмадорон мегардад. Шояд охиринаш дурусттар бошад. Ба ҳар ҳол дар айни замон оиди сиёсатшиносии муосири тоҷик ман китоби дигари чунин пурмӯҳтаворо намедонам.

Ман мехоҳам боз як чизи дигарро ифроз кунам, ки он шояд кашфиёти маҳз худам бошад: китоб хислатҳои ӯро ба худ касб кардааст. Вақте ки китобро мехондам, хислатҳои Каримҷон пеши назар меомаданд.

Каримҷон Абдуловро аз давраи ҷавонияш мешиносам. Вай ҷавони беқарор буд ва ҳамеша дилаш ҷӯш зада меистод, ҳозир ба 65 расида бошад ҳам, дигар нашудааст. Ба фикрам дар одамдӯстӣ касе ба Каримҷон расида наметавонад. Ана ҳамин одамдӯстӣ, ба назарам, ӯро нависандаи публисист, сиёсатдон кардааст. Дар хотир дорам, ӯ ҳангоми корманди идораҳои болоии ҳизбӣ буданаш ба равнақу ривоҷи ҷамъияти «Дониш» аҳамияти калон медод. Шахсан сару бар шуда, вохӯриҳои олимону адибон ва ходимони фарҳангро ба аҳли меҳнат ташкил мекард. Бо ташаббуси ӯ чорабиниҳои гуногун оиди тарғибу ташвиқи илму дониш, ба мардум фаҳмонда додани сиёсати давлат гузаронида мешуданд. Дар тақдираш будааст, ки вай имрӯз ин ташкилоти бонуфузи илмӣ-маърифатиро сарварӣ мекунад ва барои рушду нумӯи он пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ман баъди хондани китоби «Сиёсатномаи асри XXI» ба чунин хулоса омадам, ки он ҳам як воситаи тавонои тарғиби донишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, роҳу усулҳои давлатдории замони ҳозира мебошад. Дар бобҳои алоҳидаи он оиди масъалаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ ибрози ақида шудааст. Муаллиф ба масъалаи адолати иҷтимоӣ, асоси сиёсати давлат, таҳкими демократия дар ҷомеа диққати махсус медиҳад.

Боз як ҷиҳати аҷоиби китобро қайд кардан мехоҳам. Муаллиф барои дилбазан нашудани асараш, тасдиқ ва мустаҳкам кардани фикри худ ба осори шоирону нависандагон, қиссаҳои гуногун рӯ меорад, аз мутафаккирону олимони гузашта, имрӯза иқтибосҳо меорад, сӯҳбату вохӯриҳои худро таҳким медиҳад.

«Сиёсатномаи асри XXI» навиштаи доктори илмҳои таърих, профессор Карим Абдулов аз беҳтарин дастовардҳои муаллиф аст, ки тайи чанд сол олими нуктасанҷ пиромуни воқеаву ҳодисаҳое, ки кишвар паси сар намуд, андешаронӣ намудааст.

Ин китоби бузургҳаҷму пурмазмун қариб ҳамаи воқеаҳои баъди соҳибистиқлоли кишварро инъикос менамояд. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ миёни қувваҳои сиёсӣ оид ба тамоюли ояндаи Тоҷикистони ба тозагӣ мустақил шуда ва табдили системаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии он ихтилофҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд. Соли 1992-1993 низоъ ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфт. Дар натиҷаи он ду лагери мухолиф ба вуҷуд омад. Яке бо номи «Фронти халқӣ», дигаре бошад Иттиҳоди нерӯҳои оппозицияи тоҷик. Дар охири соли 1992 Фронти халқӣ тавонист дар ҷанги шаҳрвандӣ бартари низомӣ пайдо кунад. Ин қувваҳо собиқ элитаи ҳукмронии Хуҷандро аз сари қудрат дур кардаанд. Элитаи Кӯлоб дар давраи Президент Раҳмонов бар сари қудрат омад.

Маҳз ин ҳодисаву воқеаҳои хунини ҷанги шаҳрвандӣ, ҳақиқатнигорӣ аз тарафи муаллиф бо далелу санадҳои собитшуда, дар асар ҷой дода шудаанд. Профессор Карим Абдулов бо офаридани чунин як асари бузург тавонист сиёсати имрӯзаи пешгирифтаро таҳлили амиқ намуда, аз ҳар гуна ҳодисаву воқеаҳо бахри сабақ андӯхтан, ибрати дигарон шудан мисолҳои дурусту воқеӣ меорад. Ин асари устод Карим Абдулов дар чанде аз ноҳияву шаҳрҳои вилоят ва пойтахти кишварамон байни хонандагон муаррифӣ гардид. Мардум асарро хеле хуб пазируфтанд.

Ба қарибӣ дар Истаравшан дар чойхонаи Ҳоҷӣ Ҳайит муаррифии ин китоб бо аҳли зиё, толибилмон ва мардуми ин шаҳри бостонӣ бо иштироки донишмандон баргузор гардид. Дар ин мулоқот пиру ҷавони зиёде ҷамъ омада, бо мароқи беандоза

аз забони донишмандон ба муҳтавои ин асари пурарзиш ошноӣ пайдо карданд. Пири хирадманде китобро варақ зада, бо ҳаяҷон ҳар лаҳза мегуфт: «Ин китоби таърихи миллати мост, сарнавишту қисмати мост, ҳар саҳифаи он як сафҳаи рӯзгори мост. Онро хонед, писаронам, аз рӯи он амал намоед, ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ, дар сиёсат пешпо нахоҳед хӯрд».

«Сиёсатномаи асри XXI» бо ҳуруфоти ниёгон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон нашр шуд, ҳамчунин бо забони англисӣ ва русӣ низ тарҷума гардид. Тавассути ин китоби пурқимат бисёриҳо ба таъриху фарҳанги миллати бузурги тоҷик шинос хоҳанд шуд.

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» бо шеъри шоири дӯстдоштаи мо Нурмуҳаммад Ниёзӣ ба охир мерасад. Азбаски фурсат тангу сухан мегуфтагиҳо бисёранд, ман ҳам сухани худро бо порчае аз он шеър ба охир мерасонам:

*Сиёсатмадоро, ҳақиқатнигоро,*
*Зи ҳар рӯзи ваҳшат нигаҳ дор моро.*
*Бидуни сиёсат ҷаҳонро бақо нест,*
*Сазовор гардон ба мардум бақоро…*
*Хушо, номаи ибни Абдул бихонем,*
*Ки равшангар аст ӯ раҳи бенаворо…*

***Ғафур ҲАЙДАРОВ - доктори***
***илми таърих, профессор.***

## КИТОБИ СИЁСАТ – КИТОБИ ХУДШИНОСӢ

Сиёсат низ илм аст, илми давлатдорӣ, илми ҷаҳондорист. Сиёсати ҳар мамлакат бо худшиносии ҷомеа ва фардҳои он вобастагии зич дорад. Сиёсатмадор набуда, давлатдорӣ кардан мумкин нест. Он давлат ҳатман дер ё зуд футур меравад. Таърих бисёр давлатҳои абарқудратро медонад, ки маҳз ба сабаби ба талаботи ҷомеа бозгӯ набудани сиёсаташ ба садамаҳо гирифтор шудаанд ва ҳатто барҳам хӯрданд. Сабаби парокандашавии Иттифоқи Шӯравӣ ҳам, ҷангҳои бародаркуши Тоҷикистон ҳам ҳамин сиёсати нодурусти он сиёсатмадороне буданд, ки дарси сиёсатро аз чойхонаю шаробхона ва маҳбасҳо омӯхта буданд.

Истиқлолият ба мо муфт омад. Дар ҳолате, ки садҳо халқу миллатҳои ҷаҳон барои истиқлолият солҳои тӯлонӣ муборизаи яроқнок мебурданд ва дар ин роҳ ҷон месупориданду хун мерехтанд, истиқлолият ба сари мо таппӣ афтода монд. Он ба мисли пораи гӯшти беустухоне буд, ки ҳаваси ҳар гург, ҳар рӯбоҳ, ҳар каргасу ҳар зоғро меовард. Ва онҳо ба сари ин гӯшти бесоҳиб ҳуҷум карданд. Гуфтаҳои безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба хотир меояд:

*Зи шири шутур хӯрдану сусмор*
*Арабро ба ҷое расидааст кор,*

Ташнагони ҳокимияту мансаб бехабар аз он, ки хирман кӯфтан кори буз нест, ба ғасби ҳокимият даст заданд ва баъзан лаҷоми онро ҳам ба каф оварданд. Вале онҳо ҳама бесавод буданд. Онҳо бовар доштанд, ки ба тахт баромада нишинанд, кор тамом. Образнок карда гӯем, асосаш ба аробаи давлатдорӣ савор шудан буд, он тарафаш - аспҳо худашон кашида мебаранд. Ана ҳамин ҳирси ҳокимиятпарастӣ, ҳамин ҷоҳталабӣ мардуми Тоҷикистонро ба гурӯҳҳою сангарҳо ҷудо кард. Ҳар гурӯҳ «Сиёсати» давлатдории худро дошт. Яке даъвои ҳокимияти подшоҳии мутлақ, дигаре демократия, сеюмӣ анархия ва амсоли онҳо мекард. Ҳатто одамони сиёсатдоне низ буданд, ки бар асари

кӯрдилии худ, ҷаҳолат ва доираи танги назар мехостанд ба сари Тоҷикистон тарзи асримиёнагии давлатдориро бор кунанд, ба давраи ғуломдорӣ онро баргардонанд.

Ба сари ҳокимият омадани калбача ва ватанро ободу мардумро шод кардани ӯ танҳо дар афсонаҳо мешаванд. Дар асл бошад, идора кардани давлату ҷомеа, пеш бурдану тараққӣ додан ва ҳифз кардани он ба сиёсати оқилонаи давлат ва сарвари он сахт марбут аст. Ҳамчунин бояд зикр кард, ки сиёсати дохилию хориҷӣ, аз ҷумла сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ ва ғайраи давлатро дар мамлакатҳои мутамаддин конститутсияи онҳо муайян мекунад. Президент, ҳукумат, парлумон бошанд, иҷрокунандаи таъинотҳои конститутсия ҳастанду бас. Агар Президент ва Ҳукумати ӯ нуқтаҳои конститутсияро бе майлон, бе тамоюлҳои манфӣ ва мунтазам ба амал бароранд, онҳо дар назди Ватан хизмати худро иҷро кардагӣ ба ҳисоб меравand. Дарки ин маънӣ барои онҳое, ки мехоҳанд рули ҳокимият дар дасташон бошад, чун обу ҳаво барои зиндагӣ ҳатмист. Онҳое, ки аз мактаби сиёсатшиносӣ сабақи дуруст нагирифта, даъвои давлатдорию сиёсатмадорӣ мекунанд, худро, мамлакатро, ҷомеаро ба хатар меандозанд.

Айнан ҳамин ҳодиса солҳои 90-уми асри XX, баъди барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистони мо рух дод. Вагарна Нарзулло Дӯстове, ки баландтарин вазифааш директори автобаза буд, магар ба ноиби президентӣ лоиқ буд? Магар бензинфурӯши дирӯза муовини сарвазир мешуд? Оё ҳофизе, ки санохону тамаллуққори ҳизбу ҳукумат буд, даъвои сиёсатдонӣ мекард? Оё ҷинояткорон аз маҳбас баромада, ба курсии депутатӣ менишастанд? Олими забоншиносро чӣ ҳоҷат буд, ки худро ба гирдоби сиёсатбозӣ андозад?

Ҳамаи ин фикрҳоро дар китоби «Сиёсатномаи асри XXI»-и профессор Карим Абдулов аз байни сатрҳо дарёфт кардан мумкин аст. Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» асари публисистиии илмӣ буда, мушоҳидаҳо, хулосаҳои муаллиф аз воқеаҳои 12-13 сол охири таърихи ҷумҳурӣ дар он аксандоз шудаанд. Дар

он ватанхоҳӣ, мардумдӯстӣ, ба тантанаи адолати иҷтимоӣ ва демократияи ҳақиқӣ ҷонхоҳ будани муаллифаш ҳувайдо аст.

Профессор аз таҷрибаи сохторҳо идоракунии Иттиҳоди Шӯравӣ мисолҳои бисёр меоварад, ки ман дар гуфтугӯҳои бисёр ба табъи баъзеҳо нафоридани онро ҳис кардаам. «Карим Абдуловович ҳеҷ аз коммунистиашон даст кашида наметавонанд» гуфтанд баъзеҳо. Лекин худи онҳо дарк карда наметавонистанд, ки профессор Карим Абдулов аз коммунистиаш не, (агарчи он ҳам бағоят қиммат аст), балки аз арзишҳои таърихӣ ва иқтисодию иҷтимоии он замон ки барои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ басо заруранд, даст накашидаву рӯй натофтааст. Ва ин нишони устувории ақидаҳои олим аст.

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» қиссаҳои «1001 шаб» нест, ки кас барои вақтгузаронӣ бихонад. Он асари илмӣ аст. Вай ба тарзи публисистӣ оиди масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ навишта шудааст, ки метавонанд ҳам имрӯзу ҳам фардо дар сиёсатомӯзӣ ва давлатдорӣ ба эҳтиёҷмандон кӯмакрасон бошад. Дар асари «Сиёсатномаи асри XXI» давраҳои гуногуни таърихи Тоҷикистон, аз ҷумла замонҳои ҳукуматдории президентҳо Раҳмон Набиев ва Эмомалӣ Раҳмонов, интихоботҳои президентию парлумонӣ ва сиёсати давлат дар вақти тайёрӣ ва гузаронидани онҳо таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Муаллиф мафҳумҳои сиёсат, сиёсати иқтисодӣ, сиёсати интихобот ва дигаронро ба тарзи худ маънидод карда, барои исботу тасдиқи афкори худ ба умқи таърих низ ғӯта мезанад.

Умуман, ба хаёли ман публисистикаи Карим Абдулов аз дигар публисистика фарқ мекунад. Он публисистикаи илмӣ-сиёсӣ аст, ки дар як вақт моҳияти таҳлилиро низ ба худ пазируфтааст.

Дар интиҳо боз як нуқтаи дигарро ба назар аён кардан мехостам. Навиштани сиёсатнома аз шуғлҳои душвори нависанда аст. Он на танҳо дониши амиқи таърих, тарзи давлатдорию сиёсати давлат ва шахсони алоҳидаи сиёсатпеша, балки инчунин дорои тафаккури таҳлилӣ буданро талаб мекунад. Профессор Карим Абдулов, ки худ ба қавле дар деги сиёсат ҷӯшидааст, дар рукнҳои ҷудогонаи идоракунии ҷомеа адои вазифа карда,

омӯхтаву таҷриба ҳосил кардааст, тавонистааст асаре биофарад, ки моҳияти калони иттилоотӣ, таълимӣ ва маърифатӣ дошта бошад.

Ман профессор Карим Абдуловро бо ин дастоварди олиҷаноб муборакбод мегӯям ва боварӣ дорам, ки ин асар дар омӯхтани таърихи сиёсии Тоҷикистон, таълиму тарбияи сиёсатмадорону сиёсатшиносони нави тоҷик саҳми босазо мегузорад.

Иншои асарҳои нави пурмӯҳтаворо таманно мекунам, Карим Абдуловичи мӯҳтарам.

***Маъруф БОБОҶОН***

# ДАСТУРИ ИНСОНШИНОСӢ

Бо кӯшиши бевоситаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонов эъмори ҷомеаи дунявӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд оғоз шуд. Тоҷикистон чун ҷумҳурии таркибии Иттиҳоди Шӯравӣ фақат дар бахши кишоварзӣ эҳтиёҷоти Иттифоқи Советиро таъмин карда метавонист. Соҳаҳои саноат истифодаи захираҳои табиӣ танҳо дар барномаҳои «Иттифоқ» барои зарурати комплекси саноати ҳарбӣ истифода мешуданд. Аз ин рӯ, баробари пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ саноат ва умуман минтақаи истеҳсолоти Тоҷикистон ба муҳосираи шадид дучор гардид. Тақрибан 60 фоизи саноати Тоҷикистон ба шабақаи саноатии Иттифоқи Советӣ вобастагӣ дошт. Дар чунин бӯҳрони фалокатовар минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ сар боло намуданд. Идора кардани Тоҷикистон ғайриимкон буд. Қувваҳои мавҷудаи сари ҳокимият барои танзими ҷомеа имкон надоштанд. Нерӯҳои демократӣ, ки барои Ҳукумат талош мекарданд, барои идора кардан таҷриба надоштанд. Зарурат пеш омад, ки нерӯи нав беғараз Тоҷикистонро аз бӯҳрон наҷот диҳад. Чунин қувва дар нахустин даргириҳои солҳои 1991-92 пухта расид. Бӯҳрони моҳи октябри соли 1992 қувваҳои ҷануб ва маркази шаҳри Душанберо ба задухӯрди шадид дучор намуд. Маҳз дар ин давра зиёиён барои наҷоти миллат кӯшиш карданд, ки манфиати миллат барояшон муқаддас буд. Профессор Карим Абдулов аз зумраи чунин зиёиёни ҷасур аст. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои пурмасъули ҳизбӣ бевосита бо қишрҳои мухталифи ҷомеа сару кор дошт ва натиҷаи заҳмати ӯ дар як қатор асарҳои пурқимматаш мисли «Самаранокии кори идеологӣ», «Сухан ва амал» чоп шуд. Тамоили ислоҳотхоҳии профессор Абдулов албатта, ба роҳбарияти он замони ҷумҳурӣ мақбул набуд. Онҳо дар ҳар як фикри навоваронаи профессор Абдулов заифии вазифаашонро эҳсос мекарданд. Мутаассифона, ҳамон солҳо нуктаву пешниҳодҳои профессор дастгирии пурра наёфтанд. Солҳои 1993-94 ман борҳо бо профессор ҳамсӯҳбат шудам ва ҳидоят намудам, ки таҳлилҳо,

муқоисаҳо ва мушоҳидаҳояшро интишор намояд. Ҳар замон профессор мегуфт:

— Ман дар лабораторияи илмӣ-лабораторӣ бо забони русӣ фаъолият доштам. Имрӯз ин забон ба ҳама дастрас аст. Дар забони тоҷикӣ равонии комил ва таҳлили чуқурро баён карда наметавонам.

Нависанда Ибод Файзуллоев баъди таҳрири чанд хотираҳои устод ба забони тоҷикӣ гуфт: «Каримҷон чунон бамантиқ, равон ва содда навиштааст, ки маро ба ҳайрат гузошт. Рашки сафеди ман барояш фотеҳаи кор аст. Минбаъд маҷбур мекунам, ки публисистикаи илмиашро ба забони тоҷикӣ нависад». Ана ба ин минвол профессор Абдулов фаъолияти эҷодиашонро ривоҷ доданд.

Ҷасур он касест, ки аз лату кӯби зиндагӣ парешон нашуда, тафаккурашро ба ҳимоя ва ривоҷи ҷомеа сафарбар кунад. Карим Абдулов ғайриқонунӣ аз вазифаҳое, ки иҷборан ба он таъин гардид, бартараф гардид. Шояд ба ҳайси раиси дастгоҳи нахустпрезидент, агар шароит муҳайё мекарданд, кори зиёдеро анҷом медод. Вале нерӯҳое буданд, ки маҳз ба нобуд сохтани тафаккури солими ҷомеа вазифадор буданд. Ғайр аз шикасти рӯҳонӣ, ҷисман низ профессор тири фалокатбор гирифт. Вале рӯҳафтода нашуд. Миёнашро шикаста бошанд ҳам, қаламашонро шикаста натавонистанд. Беғараз, бетараф ба татқиқи ҷомеа даст зад. Дар китобҳои бисёрҷилдаи «Дар ин дунё» қариб тамоми масоили ҷомеашиносиро таҳлил намудааст. Ва ба таври мукаммал самтҳои раванди ҷомеаро дар китоби «Сиёсатномаи асри XXI» гирд овардааст. Ба таври мукаммал ба нашри тоҷикии он шинос шудам. Чанд мулоҳизаҳоямро рӯи коғаз овардам. Кӯшиш кардам, ки дар шакли алоҳида чун тақриз чоп кунам, вале имкон нашуд. Имрӯз дар ин маҳфил ман мулоҳизаҳоямро дар шакли дастхат пешкаш мекунам.

Аҳамияти муҳими китоби «Сиёсатномаи асри XXI» ин ба вуҷуд овардани идеология комилан нави ҷумҳурии соҳибистиқлол мебошад. Пӯшида нест, ки аксари зиёиён ва эҷодкорон имрӯз бо идеологияи пештараи кору зиндагӣ мекунанд. Албатта, ман идеологияи замони шӯравиро паст заданӣ нестам. Ҳадафи ин

идеология ҳимояи омма буд. Вале ҷумҳурии соҳибистиқлол бо ин идеология пеш рафтан наметавонист. Зарурат ба миён омад, ки идеологияи нав рӯи кор ояд. Маҳз нишон додани манбаҳои идеологияи нави ҷумҳурӣ дар «Сиёсатномаи асри XXI» возеҳ таҳқиқ гардидааст. Аксарияти кулли мардуми Тоҷикистон ба сангарҳо, атеистӣ, мазҳабӣ ҷудо шуданд. Давлат акнун бо шиори «Дин афюни халқ аст!» амал карда наметавонад. Вале дин ошкоро дар зиндагии мо мақоми хоса дорад. Пас бархӯрди дин ва давлат чӣ гуна бояд бошад? Ба ин савол боби мукаммали «Дин ва сиёсат» ҷавоби дақиқ мегӯяд. Ҳоло ҳам ин бахши муҳими ҷомеашиносӣ дар замони мо нуктаҳои тафоҳуми хешро пайдо кардааст. Бахусус дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки расман дини ислом бахши сиёсӣ дорад. Ҳизби наҳзати ислом чун ҳизбҳои сиёсӣ торафт мавқеи мустаҳкам пайдо мекунад. Дар навбати худ ҳизбҳои дунявӣ-демократӣ низ дар рақобат мавқеъ меҷӯянд. Тамоми ҷомеашиносони ҷаҳон ба ин раванд таваҷҷӯҳ мекунанд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона давлатест, ки барои ҳизбҳои динию аттеистӣ имкону фаъолият фароҳам овардааст. Олими нуктасанҷ дар ин боб ҳамчунин паҳлӯҳо, самтҳо ва равишҳои мухталифи ҷараёнҳои диниро таҳлил намудааст. Ин маводҳои ҷолиб то ба ҳол ба касе дастрас набуданд. Баъдан зери таъсири «Сиёсатномаи асри XXI» профессор Карим Абдулов силсилаи мақолаҳои «Киштии сиёсати мо куҷо равон аст?!», рукнҳои асосии давлатдорӣ, проблемаҳои доғи рӯзро ҷасурона ба маърази баҳс вогузор намудааст. Ман мавқеи чанд нафар олимони ҷомеашиносро оид ба тавсия додани ин китоб чун маводи таълимӣ пуштибонӣ менамоям. Ва ниҳоят таклиф мекунам, ки ин асар ба ҷоизаи ба номи Абӯалӣ Сино пешниҳод гардад.

***Ҳабибулло ТОАТОВ***
***таърихшинос.***

# РОҲ БА СӮИ ЗИНДАГӢ

*Ба дунё бори зиндагӣ*
*Дар кӯлвори зиндагӣ.*
*Аз корзори зиндагӣ*
*Бо ёдгори зиндагӣ.*

*Аз ҷустуҷӯи хештан,*
*То ба Ватан омехтан.*
*Моро ба манзил мебаред,*
*Эй роҳҳо, эй роҳҳо.*
*Бо ҷазбаи дил мебаред,*
*Эй роҳҳо, эй роҳҳо.*

Бо ин суханони пайғамбаронаи устод Лоиқ асрори нуҳуфтаи диламро ифшо менамоям. Ончунон гуфтаниҳое ҳаст, ки солҳо дар дилу тафаккур ғун шудаанд. Бо вуҷуди таззодҳои шадидан вазнини зиндагӣ профессор Карим Абдулов боре ҳам дар зиндагӣ роҳашро гум накардааст. Хирад ва ҷасорати эшон маҳз дар он аст, ки ягон маротиба дар набардҳо роҳи осонро наҷустааст. Ман имрӯз дар мавриди ҳусну қубҳи ин шоҳасар далели мушаххасе намегӯям. Бештар хотираҳои ҳузнангези даврони пешро қисса мекунам. Дар ин рӯз пеши назарам симои шодравон Олимҷон пеши назар меояд. Фидоии фарҳангу санъат дар андак муддат маҳбуби ҳамагон гардида буд. Мо дар рӯзҳои шадидан вазнини солҳои навадум кор кардем. Ӯ дарси мардонагӣ ва зарофатмандии падарро аъло омӯхта буд, ба оташ мерафт, то лаҳзаи ҷолиби зиндагиро сабт намояд. Ана, маҳз чунин фидокории ӯ силсилаи барномаҳои ҷолиби сиёсиро ба вуҷуд овард. Дар ин барномаҳои сиёсӣ накши ҳидояти падар эҳсос мешуд. Ман мӯътақид ҳастам, ки фоҷиае инсонҳоро ё нобуд ва ё ҷасур мекунад.

Дар зиндагӣ мисолҳои бешумор аст, ки аз фалокат одамон поафтодаву рӯҳафтода мешуданд. Яке алам аз шароб, дигаре қасос аз ҳамсафо мегирифт. Аммо марди хирадпеша шукри Худованд гуфт ва дар ҷодаи набарди сиёсӣ аз нав таваллуд шуд.

Нисбати эҷодиёти профессор Абдулов бетафовут набудам. Ду ҷилди аввали китоби «Дар ин дунё» аз ҷониби хонандагон хуш пазируфта шуд.

Ҷиддан ба мутолиа соли гузашта даст задам. Дӯсти ҳамкор ва ҳамсангари ман Наҷмиддини Шоҳинбод аз ман хоҳиш намуданд, ки чун шоҳиди лаҳзаҳои ҷудогонаи «Сиёсатномаи асри XXI» сухан кунам. Мо ҳанӯз ҳам ба воқеаҳои оғози истиқлолият беғараз баҳо дода наметавонем. Наслҳои солҳои панҷоҳуми садаи равон асоси инқилоби истиқлолиятро сарфаҳм намераванд. Зеро ба ҷои муаррихон, ҷомеашиносон, зоотехнику нақлиётчӣ бо иншои воқеаҳои таърих даст заданд. Шояд профессор чунин бесалоҳиятии муаллифонро эҳсос карда, ҷиддан ба таҳлили воқеаҳои сиёсӣ даст зад. Чун иқтисоддон, муаррих, лектор ва шоҳиди воқеаҳо ҳаводиси даврро аз ғалбери тафаккур гузаронд. Одатан эҷодкорон, бахусус, сиёсатшиносон ҳангоми таҳлил аз самимияти хеш нисбати ҳамсафонашон парҳез намекунанд, яъне ғараз андаке бошад ҳам, эҳсос мешавад, вале профессор Абдулов ҳатто ба ашхосе, ки ба ӯ фишор оварданд, холисона баҳо медиҳад. Дастоварди мушаххас арёзбӣ намудааст. Махсусан саҳми ТДМ дар пойдории сулҳи тоҷикон хеле хуб таҳлил шудааст. Маҳз бо ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва намояндагони ӯ дар Тоҷикистон байни қувваҳои даргир чанд гуфтушуниди муҳиме доир гардид. Гуфтушунидҳо дар Маскав, Теҳрон, Кобул, Алмаато бо ибтикори СММ меваҳои шаҳдогин ба бор оварданд.

Сулҳу осоиш ба Ватани аз ҷангу ҷидол харобгаштаи мо баргашт.

Дар аснои як сӯҳбат профессор Абдулов дар мавриди заволи Ҳукумати солҳои навадум аз китобе иқтибоси хуб овард. Дар асл ин мисраҳо вазъи он замони бесарусомониҳоро возеҳ инъикос менамоянд:

*Чун бувад гофил вазири бехабар,*
*Мулки шаҳ аз вай бувад зерузабар,*
*Гар ҳамин дар котиби девон бувад,*
*Оқибат ранҷи дили султон бувад.*

*Гар асиронро шавад қувва падид,*
*Дар вилоят фитнаҳо гардад ҷадид.*
*Чун салобат дар вуҷуди шаҳ бувад,*
*Дасти мирон аз ситам кӯтаҳ бувад.*
*Гар набошад воқифу доно вазир,*
*Подшоҳро з-ӯ бувад ранҷи касир.*
*Гар надорад шаҳ сиёсатро ба кор,*
*Мулк вайрон гардад аз ҳар нобакор.*

Имрӯз ҷомеаи мо ба чунин асарҳои ҷолиб эҳтиёҷ дорад. Ҷомеашиносон, олимони ҷавон аз ин асар фаровон истифода мекунанд. Ба чанд забон нашр гардидани он далели қиммати нодири асар аст.

***Бобоҷон ИКРОМ - сардабири***
***ҳафтавори «Вародуд», собиқ Раиси***
***Кумитаи радио ва телевизиони ҷумҳурӣ***

# РОҲНАМОИ ХИРАД

Доктори илмҳои таърих, профессор Карим Абдулов ҳамчун шахсияти шинохта дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон бо очерку мақолаҳои илмию публисистии худ дар ҷаҳони илму фарҳанги адаб ва журналистикаи тоҷик эътибор ва шӯҳрати хосе дорад. Олими амиқандеш ва пухтакор, ки мактаби бузурги ҳаётро паси сар кардааст, лаҳзае оромию осоишро намедонад, ба шаҳру навоҳии кишвар сафарҳои эҷодӣ намуда, пайваста бо мардум мулоқоту сӯҳбатҳо анҷом медод. Ҳамаи мулоқоту сӯҳбатҳояшро бо табақаҳои гуногуни ҷомеа дар шакли мақолаву мулоқотҳои тадқиқотӣ, брошураҳо ва китобҳои пурмазмуни хонданбоб пешкаши хонандагони сершумораш мекунад.

Яке аз офаридаҳои профессор Карим Абдулов китоби пурмӯҳтавои «Сиёсатномаи асри XXI» мебошад. Ин асар андешаҳои муаллифро дар бораи рукнҳои давлатдорӣ, сиёсат, иқтисодиёт, конститутсия ва ҳуқуқ фаро мегирад. Аз он хурсандам, ки профессор Карим Абдулов чунин як асари хеле замонавӣ ва хонданбобро ба ҳаводоронаш тақдим намудааст. Илми сиёсат барои муаллиф ҳеҷ вақт бегона набуд. Карим Абдулов он чиро ки дидаву шунидааст ва аз сафҳаҳои рӯзномаву маҷалаҳо хондааст, дар тарозуи ақл баркашида, хеле хирадмандона ва чун олими нуктасанҷ нури чашм рехта, рӯи коғаз овардааст. Зарбулмасали машҳури тоҷикиро ба ёд оред: «Шунидан кай бувад монанди дидан». Воқеан вақте ин китоби пурмӯҳтаворо мехонед, хуб эҳсос мекунед, ки бисёре аз воқеаву ҳодисаҳоро муаллиф бо чашмони худ дидаву санҷида, сипас онро ба қалам додааст. Ин комёбии асосии муаллиф аст, ки асарро хеле ҷолибу хонданбоб гардонида, ба ҷавонон илми сиёсату иқтисодро меомӯзонад.

Воқеан ҳам Карим Абдулов инсони фурӯтану хоксор ва соҳиби маърифати баланди илмиву эҷодист. Ӯ шахсест хеле самимӣ ва заминӣ. Ҳазрати Бедил мефармояд:

*Чист иқбол: Пешбин будан,*
*Осмон доштан, замин будан.*

Саодату иқболи инсонӣ дар пешбин будан, яъне ояндаро дарк кардан, соҳиби обрӯву эҳтиром будан ва фурӯтанию хоксорист. Ҳамаи ин авсофро дар симои профессор Карим Абдулов мушоҳида мекунам.

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» зодаи хаёлҳои рангину ширини муаллиф буда, хонандаро ба ҳушёрӣ, ваҳдат, якдилӣ, худогоҳӣ, сулҳу сафо даъват менамояд. Карим Абдулов ашхоси нопок, дурӯя, дасисабозро сахт маҳкум намуда, онҳоро ошкоро зери тозиёнаи танқид мегирад. Муаллифи асар хотираҳо, мактубҳо, саволу ҷавоб, гуфтори олимону шоирон, нависандагону ходимони ҳизбию давлатӣ, зиёиён ва одамони касбу кори гуногунро бахри ҷолиб ва хонданбоб баромадан дар китоб ҷой додааст. Китоб беҳтарин дастурест баҳри ҷавонон. Ин асар ба суолҳои бешумор: - сабабҳои аслии шаҳрвандӣ, соҳибистиқлолии кишвар, Сарқонуни мо чи гуна аст, давлат ва давлатдорӣ, фардои миллат, интихоботи озод чи гуна баргузор мешавад ва ғайраҳо ҷавобҳои воқеӣ ва ҳақиқатнигорона медиҳад. Бале, меҳвари китоб чунин аст. Инчунин профессор Карим Абдулов ба ҳама масоили доғи рӯзи кишвар рӯй оварда, роҳҳои наҷот аз ин бӯҳрон, аз ин вартаро нишон дода, ояндаи Ватанро дурахшон ва нек арзёбӣ мекунад.

***А.БОБОКАЛОНОВ,***
***вакили Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# МУАРРИФӢ ДАР ИСТАРАВШАН

*Бо талаби Ҳукумати шаҳри Истаравшан, ҷамъияти «Дониш»-и шаҳр муаррифии китоби «Сиёсатномаи асри XXI» доир гардид. Қабл аз ин, зиёиёни шаҳри Истаравшан Сайфулло Маҳкамов, Муҳаммадқул Ҳазратқулов, Нуриддин Ҷамолов бо мактуб ба муаллиф мурочиат намуданд, ки бо сабаби дастрас набудани нусхаҳои китоб, маҳфили муаррифиро доир намоянд. Инак, фишурдаи гузоришҳо, мулоҳизаҳо роҷеъ ба китоби «Сиёсатномаи асри XXI» пешкаши хонандагон мегардад.*

Истаравшани бостонӣ таъриху фарҳанги хеле қадима дошта, бо табиати нотакрори худ дили ҳар бинандаро тасхир мекунад. Хусусан, ин гӯшаи диёри зебоманзари кишварамон бо чойхонаҳои худ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Аз машҳуртарин ва зеботарин ҷойҳои Истаравшан чойхонаи Ҳоҷӣ Ҳайит мебошад.

Рӯзи 13-уми марти соли 2004 дар чойхонаи мазкур муаррифии китоби профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» баргузор шуд.

Дар ин маҳфил донишмандону олимон аз Хуҷандшаҳр, аҳли адабу фарҳанги Истаравшан, пирони барнодил ва хонандагони таълимоти ҳамагон иштирок намуданд.

Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳри Истаравшан Ҷумъа Зокиров бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, дар бораи асари безаволи профессор Карим Абдулов маълумот дод. Сипас Аҳмадҷони Раҳматзод - раиси шӯъбаи вилоятии ИН Тоҷикистон паҳлӯҳо ва ҷанбаҳои фарҳангии асарро таҳлил намуд.

Номзади улуми филологӣ Саидумари Султон ба китоби пурмӯҳтавои Карим Абдулов баҳои баланд дода, бобҳои алоҳидаи асарро мавриди таҳлил қарор дод. Шоири шинохта Нурмуҳаммад Ниёзӣ шеъреро бо номи «Аҳмади Дониш» дар бораи профессор Карим Абдулов қироат намуда, дар мавзӯи фарҳанг ва адабиёт дар «Сиёсатномаи асри XXI» маърӯза кард.

Нависанда Маҳкам Пӯлод оид ба публисистикаи Карим Абдулов маълумот дода, аз зиндагиномаи муаллиф ва таърихи бавуҷудоии асар ҳикоятҳо намуд.

Дар назди ҳозирон Карим Абдулов сухан ронда, аз Ҳукумати шаҳри Истаравшан дар шахсияти Ҷумъа Зокиров ба мардуми меҳмоннавозу қадрдони истаравшанӣ изҳори сипос намуд.

Мавсуф зикр намуд, ки чойхонаи Ҳоҷӣ Ҳайит аз беҳтарин ва зеботарин чойхонаҳои кишвар маҳсуб шуда, имкон дорад дар озмуни «Эҳёи чойхонаҳо» ғолиб гардад.

Дар назди ҷамъомадагон аҳли ҳунари Хонаи маданияти Истаравшан консерт намоиш доданд. Узви ИН шоира Раънои Зоирдухт бо қироати шеърҳои навини худ хотири ҳозиронро шод гардонд.

Дар охир профессор Карим Абдулов ба ҳозирон ва ба чойхонаи Ҳоҷӣ Ҳайит китобҳо ва рӯзномаи «Анвори Дониш»-ро тақдим намуд.

**Ҷумъабой Зокиров - раиси шаҳри Истаравшан, узви Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

– Имрӯз тамоми Истаравшан ба истиқболи баҳор ба ҳашари умумихалқӣ баромаданд. Дар даврони созандагӣ ҳашар чун ҳамбастагӣ ва ваҳдати мардумро нишон медиҳад. Дар баробари иди меҳнат дар шаҳр тадбирҳои фарҳангии ҷолиб низ доир мешаванд. Ҳукумати шаҳр кайҳо боз ба нақша гирифта буд, ки ба сиёсатмадори барҷаста мулоқоти оммаро ташкил намояд. Ва хушбахтона, имрӯз муаррифии китоби «Сиёсатномаи асри XXI» баргузор гардид. Қабл аз ҳама ман муаллифи ин асари пурарзишро ба шумо муаррифӣ менамоям. Профессор Карим Абдулов чун ходими ҳизбӣ-ҷамъиятӣ аз овони ҷавонӣ ба ҷомеашиносӣ даст задааст. Асару мақолаҳои пурмӯҳтавои эшон, бахшҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ-сиёсии ҷумҳуриро фаро гирифтаанд. Профессор Карим Абдулов дар тарбияи маънавии омма низ саҳми бузург дорад, зеро қариб 40 соли фаъолияти меҳнатиашро миёни омма сипарӣ намудааст. Чанде пеш эшон дар мавриди ислоҳоти маънавиёт дар газетаҳои ҷумҳурӣ пешниҳодҳои ҷолиб ба маърази умум гузоштанд. Аз ин рӯ ба наздикӣ дар маҷлиси фаъолони вилоят мӯҳтарам Қосим Қосимов ба профессор супориш доданд, ки анъанаи хуби қувваи

тарбиявии чойхонаҳоро аз нав эҳё намоянд. Аз ин рӯ, имрӯз чунин тадбири муҳими сиёсиро дар зеботарин чойхонаи шаҳр доир менамоем. Боиси ифтихор аст, ки дар маҳфили имрӯза раиси бахши Иттифоқи нависандагон дар вилояти Суғд Аҳмадҷони Раҳматзод, шоири маҳбуб - Нурмуҳаммад Ниёзӣ, олими варзида - Саидумари Султон, нависандагон - Маҳкам Пӯлод, Наҷмиддини Шоҳинбод, Раънои Зоирдухт, Наимҷон Назирӣ ҳузур доранд. Ба маҳфили мо аз тамоми гӯшаю канори шаҳр зиёиён ҷамъ омадаанд. Ҳама бо фаъолияти эҷодии профессор Карим Абдулов шинос мебошанд. Зеро имрӯз ягон воқеаи сиёсии замон бе таҳлил ва фикри ӯ берун намемонад. Дар оғози сӯҳбат ба ман иттилоъ доданд, ки танҳо дар соли 2003 профессор Карим Абдулов бо 27 мақолаҳо дар матбуоти ҷумҳурӣ баромад кардааст.

Банда шахсан бо китоби «Сиёсатномаи асри XXI» соли гузашта шинос шудам. Чун сарвари ноҳия ман ҳаминашро изофа менамоям, ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI» дастоварди пурарзиши илмҳои башарии ҷумҳурӣ аст. Ман ин китобро чун асари рӯи мизӣ ҳар рӯз истифода мебарам. Ва ба ҳама тавсия медиҳам, ки баъди ин маҳфил ба ин асар таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд. Ҳоло барои шиносоӣ ба паҳлӯҳои эҷодиёти профессор Карим Абдулов суханро ба барандаи маҳфил Наҷмиддини Шоҳинбод медиҳам.

**Наҷмиддини Шоҳинбод – муовини сардабири рӯзномаи «Суғд»:**

– Сараввал барои чунин маҳфили оммавӣ ба Ҳукумати шаҳр арзи сипос менамоем. Ҳангоми ворид шудан ба шаҳр мардум гарди кӯчаҳои шаҳрро мерӯфт. Ва мо қарор додем, ки бо сухан ва сӯҳбатҳои самимӣ ғубори дили одамонро тоза мекунем. Аслан профессор Карим Абдулов ба муаррифӣ ниёз надорад. Одатан хонанда баъди мутолиаи мақолаҳои ҷолиб муаллифро ҷустуҷӯ мекунад. Истаравшаниҳо таи 2 сол боз муаллифро ҷустуҷӯ мекунанд. Чанд маротиба раёсати ҷамъияти «Дониш» муаррифии китобро дар шаҳру ноҳияҳо ба нақша гирифт. Вале муаллиф хоксорӣ намуда, маҳфилро ба қафо мепартофт. Имрӯз низ мо ба профессор Карим Абдулов рӯзномаи маҳфилро ғалат

фаҳмонидем. Нагуфтем, ки муаррифи китоби «Сиёсатномаи асри XXI» мавзӯи баҳс аст. Барои ҳамин профессор ҳамроҳи мо омаданд.

Китоби «Сиёсатномаи асри XXI» маҳсули заҳмати 30 солаи устод Карим Абдулов мебошад. Ӯ хушбахт аст, ки заҳмати 30-солаи ӯро имрӯз қадр мекунанд. Замоне Фирдавсии бузург баъди заҳмати 35 сола «Шоҳнома»-ро ба сарварони замон муаррифӣ карда натавонист. Вале ранҷи 30-солаи профессор аз ҷониби тамоми зиёиёни кишвар қадр мешавад. Имрӯз ба шумо хушхабар мерасонам, ки китоби «Сиёсатномаи асри XXI» дар Эрон аз нашр баромад. Ҳамчунин дар интишороти остони Қудси Хуросон китобҳои «Ҳаҷнома» зери чоп аст. Бо талаби хонандагон китоб ба забонҳои англисӣ ва русӣ тарҷума шуда, анқариб чоп хоҳад шуд.

Таи 7 сол банда бо профессор ҳамкорӣ дорам. Ӯ ба ҳар як навиди зиндагӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд. Чашми ҳақиқатбини ӯ таҳаввулотро зуд эҳсос менамояд. Боре устод яке аз тафсирҳои сиёсии маро хонда гуфтанд:

— Шумо аз равандҳои ҷунбишҳои сиёсии Шарқи Наздик ба алам ҳарф мезанеду дар равандҳою таҳаввулоти таги биниатон бепарво ҳастед. Албатта, Шарқи Наздик ба муҳити мо низ таъсир дорад. Вале шумо рӯзноманигорон бояд самтҳои асосии инкишофро нишон диҳед.

Ман каме озурдахотир гуфтам:

— Профессор, Шумо ҳам дар иқтисод ва ҳам дар сиёсат дастрасӣ доред. Ин борро шумо бояд кашола кунед.

Баъди як рӯз профессор дар ин мавзӯъ мақолаи ҷолибе бо номи «Киштии сиёсати мо ба куҷо равон аст?» пешкаш намуд. Ин мақола дар 5 нашрия чоп шуда, баҳсҳои зиёд ба вуҷуд овард. Одатан профессор саравввал дар дафтар далелу арқомро ҷамъ меовард. Баъдан таҳлилро дар диктафони ҷайбӣ сабт мекунад. Такроран рӯи коғаз оварда таҳрир мекунад ва ҳангоми ба нашр супурдан ба мо таъкид мекунад, ки аз мубтадову хабар, ки баъзан устод зери таъсири сабти русӣ мувозинатро гум мекунад, бохабар шавед. Дар ин лаҳзаҳо суханони шодравон Ибодулло Файзулло ёдам меояд. Ӯ дар маҳфиле гуфта буд: «Каримҷон баъзан маро

месанҷад. Бо забони равон ва содда менависаду аз захираи сусти луғавиаш шикоят мекунад, вале ман ҳасад мебарам, ки публисистикаи ӯ аз ман беҳтар аст».

Ҳамкории профессор Карим Абдулов бо нависандагон қобили омӯзиш аст. Ба ин асарҳои «Абадзинда», «Лоиқи миллат» шоҳиданд. Чанде пеш устод ба узвияти Иттифоқи нависандагон қабул шуданд. Ва инак дар мавриди забон ва баёни «Сиёсатномаи асри XXI» шоири маҳбуб Аҳмадҷони Раҳматзод сухан мекунад.

**Аҳмадҷони Раҳматзод:**

– Бо кӯшиши мӯҳтарам Ҷумъабой Зокирович дар шаҳри бостонии Истаравшан тадбирҳои ҷолиби фарҳангӣ доир мешаванд. Ҳазорсолаҳо боз рушди фарҳанг ба сарварон марбут буд. Сухан зиёд мешавад, агар ман феҳрасти корҳои шоёни Ҷумъабой Зокировро дар ин ҷо тазаккур диҳам. Худи гулбоғи ёдномаи нависандагон бунёд намудан, ин қаҳрамониро тафсир мекунад.

Қобили тазаккур аст, ки дар чунин шароити иқтисодӣ муаррифии китоб асолати нависанда, ӯҳдадории ӯро дар назди хонанда иҷро мекунад. Зеро теъдоди ками китоб талаботи оммаро қонеъ намекунад. Акнун нависанда, олим баъди нашри китоб ба хонандааш имдоди маънавӣ менамояд. Воқеан ҳам китоби «Сиёсатномаи асри XXI» фарҳанги мукаммали сиёсии даҳсолаи ҷумҳурии мост. Ман аз оғози иншои ин китоб шоҳиди бевосита ҳастам. Мо дар рӯ ба рӯи ҳамдигар ҳуҷраи корӣ доштем. Устод ҳар рӯз субҳи барвақт аз навидҳои эҷодиаш маълумот медод. Мо чанд нафар эҷодкорон ба ҳайрат ба ҳамдигар менигаристем. Чунин ҳавсала, рағбат ва пуркорӣ моро низ ба эҷоди нав ҳидоят мекард.

Шахсияти муаллиф барои хонанда муҳим аст. Дар солҳои авҷи идеологияи шӯравӣ устод Карим Абдулов асарҳои муҳими рӯз меофарид, ки барои ояндаи кишвар пешгӯиҳои ҷолиб доштанд. Ӯ аз кӯҳистон то ба пойтахт роҳи мушкили зиндагӣ тай намудааст. Дар таълифи ин китоб рӯҳи устод Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Қутбӣ Киром, Муҳаммад Осимӣ ҳамроҳаш буд. Аз маслиҳату машварати чунин бузургон баҳра бардоштан ба ҳар

кас насиб намешавад. Маҳз саропо китоби «Сиёсатномаи асри XXI» мантиқи рӯшани зиндагиро фаро гирифтааст. Дар ин китоб санадҳо, иқтибосҳо зиндаанд. Ҳар яке ин сӯҳбату иқтибосҳо асари ҷудогона аст, ки барои тадқиқ ва пажӯҳиши минбаъда ашёи пурқиммат аст. Боби «Сиёсат ва дин»-и ин китоб яке аз тадқиқҳои ҷолиби замон аст.

Воқеан, талаботи идеологияи шӯравӣ чунин буд, ки дин аз давлат ҷудост. Ва мардуми мо то андозае аз дини мубини ислом ва дастовардҳои бузурги он бенасиб монда буданд. Дини ислом динест, ки ҳазорсолаҳо мо ба он эътиқод доштем, боварӣ доштем. Аз ин рӯ, моро дар муддати чанд даҳсолае аз суннатҳои миллӣ ва исломӣ дур гардониданд. Мо набояд бо дини ислом ҷанг эълон намоем. Балки ақидаҳои ахлоқӣ ва маънавии дини исломро дар ҷомеа бояд ҷорӣ намоем.

Мехоҳам чанд нуктае дар бораи забон ва услуби нигориши «Сиёсатномаи асри XXI» маълумот диҳам. Асар ва забони он бениҳоят оммафаҳм, содда ва равон буда, зимни хондан дар дарки маъниҳои он хонанда ба ҳеҷ душворӣ рӯ ба рӯ намегардад. Муаллифи асар бо офаридани ин китоби пурарзиш нишон дод, ки воқеан дар забоншиносӣ шогирди вафодори устод Садриддин Айнӣ мебошад. Ва ҳамаи андешаву афкори устод Айниро дар бораи тозагии забон дар асар ҷой додааст.

Хулоса, асари безаволи Карим Абдулов беҳтарин дастурамал барои ҷавонон буда, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ тарбия менамояд.

**Раънои Зоирдухт, шоира, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон:**

– Дар ҳузури устодони арҷманд ҳарф задани ман бениҳоят душвор аст. Ман ҳаяҷони ботинии худро фурӯ бурда, мехоҳам чанд фазилати устоди арҷманд профессор Карим Абдуловро баён намоям. Устод ҳамеша дар такопӯ, дар ҷустуҷӯянд. Ҳамеша баҳри он мекӯшанд, ки илм омӯзанд ва аз натиҷаи омӯзиши худ осори гаронбаҳое иншо намоянд. Профессор талаби илмро беҳтарин фазилати инсонӣ медонанд. Паямбари бузургвори мо ҳазрати Муҳаммад дар ҳадиси муборак мефармоянд: - «Толиби

илм толиби раҳмат аст». Воқеан, раҳмати парвардигори бузург насиби устод гаштааст, ки баҳри омӯзиш камари ҳиммат бастаанд.

Дигар аз фазилатҳои устод Абдулов саховатмандию дарёдилии он кас мебошад. Ба андешаи ман профессор Карим Абдулов рубоии машҳури Мавлои Балхиро оинномаи зиндагонии худ қарор додаанд:

*Рав, некӣ кун, ки даҳр некӣ донад,*
*Ӯ некиро аз некӯвон настонад,*
*Мол аз ҳама монд, аз ту ҳам хоҳад монд,*
*Он беҳ, ки ба ҷои мол некӣ монад.*

Китоби пурмӯҳтавои «Сиёсатномаи асри XXI»-ро ба даст гирифта, маро хеле фараҳ ва шодкомӣ фаро гирифт, ки устоди арҷманд чунин як асари пурқиммат ва нодирро офаридаанд.

Дигар аз хислатҳои устод ростқавлию росткорӣ, ҳақпарастию ҳақпарварӣ мебошад. Сухан ва аҳли қаламро бисёр эҳтиром мекунанд. Ман борҳо шунидаам, ки дар вазъияти душвор дасти ёрӣ ба аҳли зиё дароз намудаанд.

Дар бораи доктори илмҳои таърих, профессор Карим Абдулов чӣ қадар сухан ҳам гӯем, кам аст. Аз ин рӯ, ба ин инсони наҷиб ва фидокори миллат бахту шодкомӣ, тандурустию хотирҷамъӣ ва дар корҳои эҷодӣ барору комёбиҳо таманно дорам ва суханони худро бо як ҷаҳон муҳаббат ва сипосу эҳтиром бо қироати рубоие аз устод Аскар Ҳаким ба охир мерасонам:

*Карим Абдул туро гар дӯст бошад,*
*Чу магзе дар бари як пӯст бошад.*
*Сазад, ҷонро фидо созӣ барояш,*
*Ба ҷон хоҳам, нигоҳ дорад худояш.*

**Нурмуҳаммад Ниёзӣ - шоир.**

Сиёсат тамоми паҳлӯҳои зиндагии моро фаро гирифтааст. Ҳар қадар омма бо сиёсати рӯз шинос бошад, ҳамон қадар дар ҷомеа саҳми хешро мегузорад. Иттифоқо китобчае ба дастам

афтод, ки дар борай ҷомеаи шаҳрвандии Амрико навишта шудааст. Устод Карим Абдул китобро аз ман гирифта мутолиа карданд. Пас аз як ҳафта аллакай 10 саҳифа роҷеъ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ мақола иншо карданд. Ӯ аз зиндагӣ ва сиёсати рӯз худро дар канор намегирад. Замоне пеш мо эҷодкорон барои навиштаҳоямон аз нигоҳи моддӣ низ ҳавасманд мешудем. Имрӯз баръакс эҷодкор барои интишори мақолаву китобҳояш маблағ сарф мекунад. Ин хизмати бузург ба миллат аст. Устод Карим Абдул ба таври хайриявӣ мақолаву асарҳояшро ба хонандагон тақдим мекунад. Рости гап баъди воқеаҳои солҳои 1990-93 ба сиёсат он қадар шавқ надоштам. Маҳсули канораҷӯии ман се китоб шеър шуд. Ва қарор додам, ки акнун дар соҳили Сир фақат шеър мегӯяму бас. Рӯзе устод ба аёдатам омад ва чайлаи соҳили Сир ба ӯ писанд омад. Бевосита сухан аз боби сиёсат рафт. Ва ман нусхаи аввали китоби сиёсатномаи устодро мутолиа намудам. Ва бо шеър ба ин китоб тақриз навиштам. Ҳоло фақат як байтро аз он иқтибос меорам:

*Бо Карим Абдул нишинам,*
*Аҳмади Дониш бубинам.*

Воқеан ҳам эҷодкороне, ки дар вазифаҳои масъул кор мекунанд ва имконоти имдод доранд, дар таърихи мо хеле каманд. Маҳз бо кӯшиши Мир Алишер Навоӣ вазир Балъамӣ, Аҳмади Дониш адабиёт вусъати тоза дар замонаш пайдо намуд. Профессор Абдулов низ доираи адабии пурқуввате таъсис доданд. Дар ин доира олимону нависандагон Усмонҷон Ғафforов, Маъруф Орифов, Ғафур Ҳайдаров, Атахон Сайфуллоев, нависандагон, шоирон, банда, Аҳмадҷони Раҳматзод, Маҳкам Пӯлод, Суруш, Наҷмиддин, Юсуфӣ ба эҷоди пурарзиш машғуланд.

Дар мавриди арзиши илмӣ-бадеии «Сиёсатномаи асри XXI» даҳҳо маҳфил, садҳо китоб гуфтану навиштан кам аст. Ҳар вараҳи ин китоб хазинаи маърифат аст. Одатан хонанда, донишҷӯ аз мутолиаи китобҳои сиёсӣ зуд хаста мешавад. Аммо услуби хос, ҷолиб, муҳокимаронихои печ дар печ, иқтибосҳои нишонрас,

мисолҳои ҷолиб ин китобро хоно, шавқовар гардондааст. Масалан, ман бори нахуст тавассути ин китоб шаҷараи сулолаи шиаи Исмоилияи асрҳои қадимро шинос шудам. Ин ҷунбиш дар фарҳанг ва бедорфикрии асрҳои миёна саҳми бузург гузошт. Мактаби фалсафии Исмоилиён ба тамаддуни шарқ Абӯабдулло Рӯдакӣ, Ҳаким Носири Хисрав, Балъамӣ, Шоҳ Неъматулло Валӣ, Низории Қаистонӣ додааст. Ва дар муборизаи озодии тамаддуни форс нақши Исмоилиён назаррас аст. Ҳангоми сӯҳбат дар маҳфилҳои адабӣ хонандагон аз «Сиёсатномаи асри XXI» фаровон истифода мекунанд. Аз ин рӯ, ман пешниҳоде, ки ду моҳ пеш дар китобхонаи Т.Асирӣ роҷеъ ба тақдири ин китоб гуфта шуд, сад андар сад дастгирӣ мекунам. Имрӯз аз сӯҳбату арзёбии профессор Саидумар Султонов, Ҷумъабой Зокиров боз чанд арзишҳои ин асарро дарёфт намудам. Хуб мешуд чунин маҳфилҳои муаррифӣ дар ҳамаи ноҳияҳо доир шаванд.

**Саидумар Султонов - профессор:**

— Истаравшани бостонӣ аз қудуми меҳмонони гиромиқадр боз ҳам зеботару нуронитар гаштааст. Имрӯз дар ин чойхонаи меҳру сафо - чойхонаи Ҳоҷӣ Ҳайит бо иштироки олимону донишмандон ва аҳли зиё, пирони барнодил, донишҷӯёни нуктафаҳм муаррифии китоби бузургҳаҷм ва пурмазмуну пурмӯҳтавои доктори илми таърих, профессор Карим Абдулов - «Сиёсатномаи асри XXI» баргузор гардида истодааст. Аввалан, меҳмонони аз вилоят омадаро ба манзили мо хайрамақдам гуфта, дар корҳои эҷодӣ ба ҳар яки онҳо муваффақиятҳои беназир хоҳонам. Дӯстони азиз, вақте ин китоб ба дасти ман афтид, маро ҳиссиёти басе аҷибе фаро гирифт. Бубинед ва худ қазоват кунед, ки профессор Карим Абдулов дар офаридани ин асар чӣ қадар заҳмат кашида, шабҳои бедорхобӣ, меҳнату ранҷҳои дуру дароз ва ҳатто ба бемории худ нигоҳ накарда, пайваста менавишту менавишт. Натиҷаи хамаи ин ранҷҳо ганҷе ба даст омад, ки ҳеҷ гоҳ зоеъ нахоҳад шуд. Асари пурмӯҳтавои устод Карим Абдулов имрӯз шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. «Сиёсатномаи асри XXI» бо забонҳои русӣ, англисӣ ва бо ҳуруфи ниёгон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон нашр шуд. Имрӯз мардуми сайёра бо ин китоби

пурмӯҳтаво ошно гашта, дар назди донишмандию фарҳанги волои профессор Карим Абдуло сари таъзим фуруд меоранд.

Ман бо Карим Абдулов аз даврони бачагӣ ба ҳам ёру рафиқ ва дӯстони наздик будем.

Пеши назари ман ҷавони чаққон, пухтакор, хушсифат, дидадаро, гармошно ва кордон падид меояд. Оре, дар ҷавонӣ профессор Карим Абдулов бо сифатҳои нек ва ахлоқи ҳамида ва саховатмандӣ маъруф буд. Ва имрӯз устод чунин як асари оличанобе офаридаанд, ки ман ба он кас изҳори сипос менамоям.

Агар ба таърих нигоҳе афканем, эҳсос мекунем, ки осори зиёде дар бораи илми сиёсат, корномаю қаҳрамонии шоҳону паҳлавонон офарида шудааст. Ва дар ин асарҳо муаллифон чун қаҳрамони асосӣ ширкат варзида, воқеаву ҳодисаҳоро бо чашмони худ дида, сипас асар меофаранд. Мехоҳам ин ҷо ин нуктаро таъкид кунам, ки профессор Карим Абдулов дар «Сиёсатномаи асри XXI» чун қаҳрамони асосӣ ва марказӣ амал карда, ҳамаи ҳодисаву воқеаҳои нангинеро, ки миллати бахтбаргаштаи мо паси сар намуд, байни обу оташ қадам зада, ранҷи зиёде кашида, чун персонажи асосии асар онҳоро ба риштаи таҳрир кашид. Ва ин бурди муаллиф аст, чунки пеши чашмонатон ин қадар ранҷу азоби миллатро дида, онро тасвир намудан кори осоне нест.

Метавон дар бораи моҳияти ин асар ва нақши он дар тарбияи ҷавонон соатҳо ҳарф зад. Лекин ин ҷо вақт, ки шамшери бурранда аст, имкон намедиҳад. Дар охир бори дигар, аз номи худ ва аз номи мардуми Истаравшан меҳмононро хайрамақдам гуфта, барояшон офияти бардавом ва комёбиҳои эҷодиро таманно дорам.

Ба профессор, доктори улуми таърих Карим Абдулов тандурустию хушрӯзиҳоро таманно дорам. Хуш омадед бар диёри меҳмоннавози Истаравшани бостонӣ.

## РАФИҚИ ҲАМДИЛ ВА ҲАМСОЛ

Мо ин ҷо баҳри он ҷамъ омадем, ки асари безаволи устоди арҷманд, профессор Карим Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI»-ро муаррифӣ намоем. Бо Карим Абдулов ман ҳамсаф, хамнишину ҳамсӯҳбат будам ва ҳастам. Борҳо бо ҳам сафарҳои эҷодӣ доштам. Дар яке аз мулоқотҳои худ бо мардум як воқеаи аҷиберо паси сар намудем. Мардум, худатон медонед, ба лексияву лекторон он қадар рағбат надоштанд. Дар як толори бузурги чойхона одамони зиёде ҷамъ омада, сӯҳбати моро гӯш мекарданд. Оҳиста-оҳиста одамон толорро тарк кардан гирифтанд. Дар толори бузург мо, лекторон ва ду-се нафар монданду халос. Ман ба онҳо изҳори сипос намудам, ки лексияҳои мо ба шумо маъқул шуду ин ҷоро тарк нагуфтед. Яке аз он мардҳо, ки бузургтар буд, гуфт: - Устод, ростӣ аз суханони шумо чизе нафаҳмидам. Ман интизори онам, ки шумо аз ҷоятон бархезеду кӯрпачаҳоямро ба хона барам.

Ин воқеаро барои он ёдовар шудам, ки моро мардум ҳар хел истиқбол мегирифтанд. Гоҳо саволҳои бисёр сахт ҳам дода, моро танбеҳ медоданд, ки ҳақиқатро намегӯед. Бо устод Карим Абдулов чуноне ки дар боло зикр намудам, борҳо сафарҳои эҷодӣ ва мулоқотҳои судманде бо мардум доштем. Имрӯз аз истиқболи гарми мардуми Истаравшан бениҳоят миннатдорам.

Ман як ҳолати навмедию маҳзуниро паси сар мекардам. Устод ҳамеша ба ман ёрии беғаразона мерасониданд. Ҳар рӯз аз аҳволи ман хабар гирифта, бароям рӯзномаву маҷаллаҳои навро меоварданд. Як рӯз як даста рӯзномаҳоро бо дасти ронандаашон ба ман ирсол намуданд. Чун басти рӯзномаҳоро кушодам, чашмам ба дастхатҳои устод афтид, ки худашон навишта, ислоҳ даровардa, таҳрир намуда буданд. Ман дастхатҳоро варақ зада, итминон ҳосил кардам, ки устод Карим Абдулов ба пирӣ нигоҳ накарда, пайваста эҷод мекунанд, то номи некеро ба ёдгор монанд.

Китоби пурарзиши «Сиёсатномаи асри XXI» навиштаи доктори улуми таърих, профессор Карим Абдулов аз беҳтарин асарҳои замони мо дар илми сиёсат маҳсуб мешавад. Асар қиммати зиёди таърихӣ дорад, оинаи мусаффост, ки воқеаву ҳодисаҳои нангин ва ширини кишварро таҷассум менамояд.

***Маҳкам ПӮЛОД – нависанда.***

# БАХШИ САВВУМ

# ҶАШНВОРАИ УСТОД КАРИМҶОН АБДУЛОВ

## РОЗУ НИЁЗИ ДӮСТОН
### ва ё сатрҳои самимӣ аз маҳфили «СУХАН»

**Устод Карим Абдулов аз гаҳворачунбонони илму адаб дар вилояти Суғданд.**

**Аммо худ марди фурӯтан, хоксору ҳалим, дилсӯзи ҳамагон аст.**

**Ба муносибати 66-солагии ин марди пуркору соҳибхирад маҳфиле доир буд, моломоли орзуву ниятҳо.**

**Сароғоз нависандаи шинохта, аъзои Иттифоқи нависандагон Равшан Замир рӯ ба ҳамагон овард:**

**Равшан Замир:** Дӯстони азиз! Чи хеле, ки соҳиби китобхонаи «Кимёи саодат» Ҳоҷӣ Мирзомуҳиддин Ҳомидзода гуфтанд, қадами ҳар яки шуморо дар ин даргоҳ гиромӣ медорем. Ҳамаатонро хуш омадед, нури дида тоҷи сар мегӯем.

Вақте ки Ҳомидзода ба назди муаллим омаданду вохӯрӣ карданд, як китоб доданд. Китоб агарчи хурд буд, маънои бузург дошт ва дар рӯяш навишта:

«Дурр талабу бахт ёб»

Ман аллакай метавон бигӯям, ки устод Карим Абдулов дуо дар вақташ гирифтаанд ва соҳиби бахт шудаанд. Он кас инсоне ҳастанд, ки ба шарофати дуо ба мартабаҳои баланд расидаанд.

Дӯконе, ки Маъруф Бобоҷон ташкил кардаанд, он ҷо ман 3 китоб дидам. Он китоби «Сиёсатнома»-и устод Карим Абдулов бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хати форсӣ буданд.

Ман китобро рӯ гардонида, олами бузурге, ки дар ҳастии Карим Абдулович ҳаст, эҳсос кардам. Муаллим дар ҳақиқат инсони бузург хастанд ва натанҳо дирӯзро медонанд, натанҳо имрӯзро дарк мекунанд, аллакай ояндаро пеши назарҳо доранд ва оянда чӣ хел мешавад, ана дар ҳамин «Сиёсатномаи асри XXI» омадааст.

Албатта, ҳар як рӯз барои инсоне, ки барои халқ хизмат кардааст, рӯзҳо офтобӣ дорад. Вақте ки имрӯз дӯстони устод

гирд омадаанд, ёдам мерасад парвонаҳое, ки гирди шамъ ҷамъ мегарданд. Гӯиё ин иди беҳтарини ҳама аст. Ва бори дигар ҳамаи шумоёнро хуш омадед мегӯям, нури дида тоҷи сар. Ва албатта ба устоди бузург бузургиҳои бештар орзу мекунам.

Ҳар касе, ки «Сиёсатнома «-ро амалӣ мегардонад, пеш аз ҳама бузургии Карим Абдуловичро дарк карда метавонад. Ба Шумо саломатӣ, умри дароз ва фирӯзиҳои оилавӣ орзу мекунам.

Бигузор ҳамин дуое, ки аз модар гирифтед ва дуое, ки ман ҳам аз модари Шумо, вақте ки назди Муллоҳасан мебудаму ҳамроҳ назди модаратон рафтем, ана ҳамин дуо мустаҷоб шавад. Мардум шуморо чун нони рӯи дастархон эҳтиром кунанд. Чунки аз эҳтиром ба нон ва ба Қуръон баробар чизе нест. Ва ман орзу мекунам, ки Шумо бо ҳамин нон ва Қуръон баробар бо эҳтиром монед. Саломат бошед!

Дӯстони азиз!

Дар маҳфили мо ҷавоне нишаста. Ҳар вақт он кас шеър мехонад, устод Маҳмудҷон Воҳидовро ба хотир меорам. Ва мегӯям, ки он кас намурдаанд ва номбардорон ҳастанд. Ҳамин кас Асламҷон Каримов, фарзанди бародари мо Аъзамҷон ҳастанд. Он кас хотири моро бо ашъор, бо шеърҳои бузургони миллати тоҷик, бузургони давлати Тоҷикистон шод мегардонанд. Хуш омадед, бори дигар, хуш омадед!

Халқи тоҷик дар бораи аҳамияти чойхона бисёр мегӯяд. Ҳатто шеъру китобҳо навиштаанд. Зеро чойхона ҷоест, ки дар он ҷо инсонҳои мӯътабар ҷамъ мешаванд, истифодааш мебаранд. Дар бораи чойхона хуб ҳам баҳоҳои аъло додаанд. Ва ман гумон мекунам, ки бо шарофати ана ҳамин маҳфиламон амали чойхона аз нав эҳё мешавад.

Умед мекунем, ки минбаъд ана ҳамин хел ҷамъомадҳо бисёр мешавад ва айнан ана ҳамин фикре, ки ба майнаи ман омад, гумон мекунам, ки дар майнаи рӯзноманигори шинохта Абдулмаҷиди Бобоҷониён низ ҳамин пайдо шуда. Зеро асосгузори ана ҳамин таклифҳое, ки барои ҷамъ кардани дӯстон ба миён оварда мешавад, газетаи «Суғд» аст. Дар ҳамин газета ана ҳамин матлаб ҳама вақт ифода меёбад. Бо эҳтиром суханро ба Абдулмаҷиди Бобоҷониён медиҳам.

**Абдулмаҷиди Бобоҷониён:**

— Устод Карим Абдулович барои мо ҳамчун як шахси арзандаи ҳамин замон, ҳамчун инсоне, ки дар ҷомеа мавқеи мустаҳкам доранд, азиз аст. Ин кас худашон аллакай гуфтанд дар оғози маҳфил, ки ба ҳама ҳамақида ҳастанд, ҳамфикр ҳастанд, гарчанде ки мавқеи мустаҳками худашонро доранд. Ҳамаи одамҳоро фаҳмида метавонанд ва барои мо ҳам муҳимаш ҳамин аст, ки дар мавридҳои бисёр зарур ин кас дар паҳлӯи мо, аз ҷумла аввалин рӯзномаи мустақили вилояти мо «Суғд» буданд. Имрӯз ҳам ҳастанд. Аслан дӯстии мо аз замони Шӯравӣ манша мегирад. Ман ёд дорам, ки солҳои аввали 70-ум буд, бо ташаббуси Карим Абдулович – мудири шӯъбаи тарғиботу ташвиқоти кумитаи вилоятии ҳизби коммунист аввалин бор дар ноҳияҳои Нову Пролетар саҳифаҳои тоҷикӣ ташкил карда шуд. Дар рӯзномаҳои ӯзбекӣ ва бо супориши комитети партиявӣ ман рафта дар он ҷо ташкил карда будам. Он ҳама иқдомҳо агар Карим Абдулович дар ҳамин вазифа намебуданд, шояд иҷро намегашт.

Худ хулоса бароред, ки мардак барои миллати тоҷик чӣ заҳматҳоеро паси сар накарда…

— Ман гумон мекунам, ки дар маҳфили имрӯза, вақте ки ин ҷо қариб 50 нафар ҷамъ омадаем, ҳама якдил ҳастем, ки ба устод умри дароз талаб кунем. Ба устод муваффақиятҳо, комёбиҳои бузург орзу кунем. Бахшида ба ҷашни устод як нашри хоксорона баровардем. Дар ин ҷо фикрашона, мақомашона бисёр ошкор гуфтаанд. Меарзанд, ки барои китоби «Сиёсатномаи асри XXI» барандаи Ҷоизаи Рӯдакӣ ё Сино бошанд.

**Равшан Замир:**

— Устоди бузург Ғафурҷон Ҳайдаров аввалин касе, ки дар вилоят рисолаи докториро ҳимоя кардаанду соҳиби унвони доктори фанҳои таърих шудаанд. Гумон мекунам, ки он кас то ба ин дараҷа расидан бисёр ҷадал кардаанд. Имрӯз ҳампаҳлӯ бо ҳамин устод ҳастем. Ман бо эҳтиром суханро ба муаллим Ҳайдаров медиҳам. Он кас, албатта, сухани дилро рӯё мекунанд.

**Профессор Ғафурҷон Ҳайдаров:**

— Лаҳзаҳое мешавад, ки одам андешаи худро бояд ба нуктае равона созад. Дар сари дастархонҳо бисёр одамони маъруфу бузургро дидаам. Ҳатто баъзеашон шогирд бошанд ҳам, лек то дараҷаҳои баланд расидаанд. Синну соли ман як ҷоба рафт. Суханро рӯирост гуфта истодаам, ки ман бо шогирдҳо албатта мефахрам. Ин ҷо яке аз одамони бузурги вилоят, Тоҷикистон Муллоатахон Сайфуллоев, Муллоусмонҷон Ғаффоров, худи соҳибҷашн ва дигар дӯстон, нишастаанд. Ҳамаашон зеби атрофи хони имрӯза ҳастанд.

Вақте ки маро даъват карданд, тохта омадам, ки чеҳраҳои дӯстонро бинам.

*Тоза созад булбули умедвор паймони дӯст,*
*Бишкуфонад инчунин дилро насими номи дӯст.*

Ман Карим Абдуловичро бисёр солҳо боз мешиносам. Аниқтараш аз солҳои 1962 инҷониб, 40 сол қариб. Ним аср шудааст.

Ин каса хислати олишона ҳама медонад. Як хислати аҷоибашона ман махсус қайд карданӣ ҳастам. Ин кас беҳад раҳмдил. Инсони раҳмдил дунёба кам мешавад.

Як чиз ба хотирам расид.

Солҳои аввали 70-ум аз ҳамаи чизҳо дур карда буданд маро, сабабаш маълум.

Домулло он вақт дар шӯъбаи ташвиқотию тарғиботии комитети партиявии вилоят кор мекарданд. Як семинари калон ташкил карда шуда буд, барои кормандони партиявӣ. Бузургии Каримҷонро бинед, ки одами калтак хӯрдагӣ дилаш бардошта шавад гуфта, ҳамин семинарба як лексия монданд. Ба ҳамагон муаррифӣ карданд, ки ин кас дорандаи ордени Ленин. Бо ин гапашон домулло дили маро бардошта буданд. Аз ҳамон вақт меҳрам ба Карим Абдулович даҳкарата шуд.

Ман як китоб навиштам аз ҳаёти рӯзҳои сахтам, овони наврасӣ. Он ҷо ёд оварда будам, ки он солҳо дар хонаамон чизе

набуд. Каме орд доштему бас. Барои пухтани он ҳезум набуд. Бачаи 5-сола чӣ хел алов мекунад…

Сонӣ дилам чунон гурусна монд, ки аз он орд гирифта тановул кардам. Ҳама ҷо ях баста буд. Тирезаро бо нохунам метарошидам, яхи онро мехӯрдам. Тоза кунам гӯям, метарсидам. Акаам мегуфт, ки мабодо бо корд онҳоро нахарошӣ, мешиканад. Сонӣ хона хунук мешавад, мегуфт ӯ. Ҳарорати ҳаво 30 дараҷа хунукӣ дошт. Домулло ҳамонро бо маҳорати хоса ҳаққонӣ тасвир кардаанд. Худоба шукр, ки имрӯз серию пуриба расидем.

Як замонҳо ҳамин хел душвориҳоро аз сар гузаронида будам. Ин ҳолати маро Муйинҷон Хуҷазода низ хуб эҳсос мекунад. Ба сари ӯ низ ин рӯз расида буд.

Одамдӯстӣ, раҳмдилӣ, дастгирии дӯстон амали Карим Абдулов аст. Мехоҳам умратон дароз бошад. Боз ба одамон некитон зиёд шавад. Ба Шумо аз сидқи дил умри дароз орзу мекунам. Ҳамаи фарзандон, пайвандон, наберагони гул баринатон низ умри дароз бинанд. Дар атрофи Шумо доимо бошанд. Онҳо дасти Шуморо гиранд.

Шумо одами хубед, ҳам бовафоед. Ҳам меҳратон беканора аст. Одамонро шумо дӯст медоред. Бузургии шумо ҳам дар ҳамин аст. Фарди фурӯтан, маҳбуби ҳамагон ҳастед. Бо шумо бошем ҳамеша, дӯсти азиз!

**Профессор Карим Абдулов:**

— Ба маълумоти шумо мерасонам, ки ҷамъияти «Дониш»-и вилоят Ҷоизаи ба номи Ғафурҷон Ҳайдаровро таъсис додааст. Аввалин Ҷоиза ба профессор Усмонҷон Ғаффоров тақдим карда мешавад. Ин заминаҳои нахустини фаъолияти мо ба шумор меравад. Дар оянда ниятҳои калон дар ин ҷода дорем.

**Равшан Замир:**

— Дӯстони азиз. Ба дасти мо якчанд барқияҳо омадааст. Барои хондани барқия суханро ба Наҷмиддини Шоҳинбод медиҳем. Марҳамат!

**Шоҳинбод:** - Барқия аз рӯзномаи «Садои Хуросон».

Падари бузургвор Карим Абдулович. Аввал шуморо бо рӯзи мавлудатон табрик мегӯям ва ҳамчунин изофа мекунам, ки имрӯз дар Эрон «Сиёсатнома « ба ҳайси як китоби таълимӣ тадрис мешавад.

**Аъзами Ҳуҷаста, Нормамади Саид, Ниёзӣ ва Боқӣ. Ин аз Маҳшади Эрон.**

Телеграмма аз номи Кароматулло Мирзоев. Мудири шӯъбаи иттилоот ва матбуоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон:

«Устод Карим Абдулович! Лутфан ҷашни Шуморо табрик мегӯям ва хотиррасон менамоям, ки ҳамчунин ба идомаи ҷашни Шумо чанд намунае, чанд чакидаи хомаи Шумо дар рӯзнома нашр шудаанд. Боз интизориҳо доранд, ки маводҳои бешро рӯи коғаз меоред»

Як телеграммаи аҷоиб.

Ман забони тоҷикӣ ва инглисиро он қадар нағз намедонам. Ҳатто ман мазмунашро дарёфта натавонистам.

Аз Аҳмад Миршоҳӣ. «Агар чунин марди шариф дар Тоҷикистон бошад, ман минбаъд худамро тоҷик мегӯям».

Як хабари дигарро ба Шумо ҳозир манзур медорам.

Имрӯз анвори «Дониш» - 24-уминаш нашр шудааст ва он ба дасти Шумо мерасад. Он ҷо бародари мо, Усмонҷон Ғаффоров намояндаи мардумӣ ҳастанд. Гурӯҳи ташаббускор, ҳам Ҷумъабой Сангинович, ҳам Муқимӣ телеграмма фиристодаанд ба устод. Табрик кардаанд ва медонед, ки устод якумин шуда идеяи ба ҳам пайвастани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва ҳамчунин Ҳизби коммунистро талқин мекунанд. Ин буд мӯҳтавои мухтасари чанд телеграмма ва шодбошиҳо, ки ба номи устод расида буд.

**Равшан Замир:** Талабгори ҳамин китоб давлати Эрон, талабгори ҳамин китобҳо давлати Фаронса аст.

Устод Ҳоҷӣ Мирзомуҳиддин Ҳомидзода ба ин ҷо омадаанд, то дар ҳаққи Карим Абдулович дуо кунанд. Ва якбора гӯянд, ки китобхонаи он кас интизори китобҳои Карим Абдулович аст.

Ҳоҷӣ Мирзомуҳиддин Ҳомидзода: - Ман аввалан интизори китобҳои шумоёнам. Асарҳои ҳамаатонро қадр мекунем. Китоби ҳамаатон дар қатори китобҳои дӯстамон Каримҷон Абдулов аз ҳама боло истодааст. Хонандагонамон хеле бисёранд, мактаб-бачаҳо бисёр мебиёянд. Ҳамаашон китоб мегиранд, мехонанд. Ҳамаҳотон кати шинос. Ман бисёр хурсандам, ки ҳамаатона ман мешиносам ва ҳамаатон маро мешиносетон. Аз номи ман дар ҳаққи ҳамин дӯстамон як мисол гуфтанӣ ҳастам.

— Ҳамин обрӯ, ҳамин мартабае, ки ба ҳамин синну сол расидаанд, мартабае, ки мана ҳамин қадар китобҳо написта истодаанд. Ҳоло боз бисёр менависанд. Ба мартабае, ки дар ҳамин корҳои баландтарин кор мекунанд. Мартабае, ки ҳама эҳтиром, иззат мекунанд, ки сарчашма дорад. Ин сарчашма дуои падару модар аст. Бе дуои падару модар мо хамаамон ба ҳамин мартаба расида наметавонем.

Як мисол мегӯям.

Як ҷавон бо падараш дар сари дастурхони пурнозу неъмат нишаста хӯрок тановул мекард. Падар ба писар мегуфт:

— Нури чашмам, марҳамат гиред!

Писар мегуфт, ки:

— Бузургворам, қиблагоҳам гиред!

Вақти сӯҳбат падар дасти росташро пеши бар гирифта мегӯяд, ки:

— Канӣ писарҷон, нури чашм гӯед, ки аз ҳама пурқуввату тавоно кист?

Фарзанд бо шодмонӣ мегӯяд:

— Аз ҳама боқувваттар, аз ҳама сарбаландтар ҳозир ман ҳастам!

— Аҷоиб, - мегӯяд бо табассум падар илова месозад:

— Дастонам сари китфони шумо гашт, ба ин чӣ баҳо хоҳед дод?

— Ман аз ҳама сарбаланд, - посух медиҳад писар.

Сеюм маротиба падар мепурсад, боз ҳамон ҷавоб мегӯяд писар. Ман сарбаландам. Вақте ки дасташро мегираду сухани пешин аз писар мепурсад.

— Падарҷон, падари бузургворам, аз ҳама бақувват, сарбаланд ин Шумо ҳастед. Сонӣ мегӯяд, ки барои чӣ 3 маротиба ман пурсидам, ту гуфтӣ, ки: «Ман аз ҳама боқувватам». Сонӣ мегӯям, падари бузургвор. Ӯ аз ҷояш мехезаду мегӯяд:

3 маротиба, ки шумо пурсидед, дасти дуои шумо дар китфи ман буд. Ин ҳамон дуо аз шумо ба ман омада истода буд, ки ман дар дунё сарбаландтарин одам будам. Боқувваттарин одам будам, худама ана ҳамин хел ҳис мекардам.

Ин дуои Шумо буд. Падар аз ҷояш мехезаду оғӯш карда мебӯсаду ташаккур мегӯяд.

Бинобарин ҳама сарбаландии ҳамаамон, ҳамаи давлатамон, савлатамон, ин аз дуои падару модар аст. Ин кас, соҳибҷашн дуо гирифтагӣ, ки ба ҳамин мартаба расидаанд.

Илоҳо садба дароянду боз 100-то китоб нависанд. Мова, ҳам китобхонава ирсол карда истанд. Раҳмат, саломат бошед!

**Равшан Замир:** — Хотиррасон карданӣ ҳастам, ки устод заҳматро дар соҳаи илм давом медиҳанд. Ва имрӯз меҳмони азизи мо устод Атахон Сайфуллоев ҳастанд. Ва имрӯз устод роҳбари Асламҷон Каримов ҳастанд ва мекӯшанд, ки Асламҷон шогирди худашон бошад. Марҳамат муаллим.

Профессор Атахон Сайфуллоев. - Бародарони азиз! Зодрӯзи Карим Абдулович зодрӯзи илму адаб аст. Бинобар ин мо ин ҷо монанди як тан иштирок дорем. Дар ҳаққашон суханҳои баланд мегӯем, то ки суханҳои расояшон маҳаки суханҳои баланди мо гардад.

Ҳар қадар Карим Абдуловичро таъриф кунем, меарзад. Дар бораи ин кас китоб чоп шудааст, китоби хуб. Ман як шеър навиштам. Агар иҷозат диҳетон, ҳамин шеърро барои Карим Абдулов мехонам.

Номаш «Нӯшбод». Эҳдо ба шарафи рӯзи мавлуди дӯстам Карим Абдулов.

*Каримҷон Абдули бо аҳду паймон,*
*Бувад кам мисли ту марди накӯном.*
*Ба васфат ман чӣ гӯям, худ Каримӣ,*
*Бароят пур бинӯшам Ҷоми Хайём.*

*Ҳамеша дар талошу дар набардӣ,*
*Ҳақиқатҷӯи ақлу ҳам муҳаббат,*
*Ҷавонмардӣ, чу як шери жаёнӣ,*
*Зи ҳар ҳарфи ту ояд Нури Ваҳдат.*
*Ту донишманд, фарди як замонӣ,*
*Баробар бо ту кам дар ҳиммату ҷуд.*
*Туро хонанд Ҳотам аҳли олам,*
*Намуда ҳадяҳо меҳри дили худ.*
*Дар ин дунёи ту дунёи Нур аст,*
*Мунаввар мекунад афкори инсон.*
*Ба мисли файзи чашма файзи дарё,*
*Намояд сабзу хуррам кишвари ҷон.*
*«Сиёсатнома»-и ту шаҳкитоб аст,*
*Ба қарни XXI ворид аз онӣ,*
*Дар ин дунёи пир умед дорем,*
*Ҷавон бошӣ, бимонӣ ҷовидонӣ!*

**Равшан Замир:** — Агар имрӯзҳо саҳифаҳои рӯзномаҳоро варақ гардонем, хоҳ «Ҳақиқати Ленинобод» бошад, хоҳ «Ленинабадская Правда», ё «Нилуфар», ё «Сухани халқ» албатта мо дар ҳаққи Карим Абдулович дар ҳамаи саҳифаҳо пеш аз ҳама ҳам сурати шумо, ҳам сирати шумо дар он гуфтаҳои соҳибқаламамонро мебинем. Ва имрӯз ба ҳамин маҳфили мо, ба маҳфили «Сухан» Раънои Муҳаммад омадаанд, то аз ҷониби ҷомеаи меҳнатии рӯзномаи «Нилуфар» ва «Сухани халқ» дар ҳаққи устод Карим Абдулович сухан карда бошанд.

**Раънои Муҳаммад:** — Ман ҳозир нишаста фикр кардам, хуб карданд шуморо падару модаратон ба дунё оварданд. Асламҷон шеъри Лоиқа, шеъри дӯстдоштатарини мана хонданд. Боз як бор ина ман ба шумо алоҳида баён мекунам.

Омадани ман ҳам бисёр як фавқулодда шудагӣ. Устод як рӯз занг заданд. Вай рӯзи 14-уми феврал буд. Рӯзи дилдодагон. То ошёнаи 4-ума баромаданам, назарамба 3-4 мард маро табрик карданд.

Идатон муборак шавад!

Вақтам танг буд, акнун баромада истода будам, ки роҳба фикр мекунам кадом ид бошад? Пурсам, ба ногоҳ айб накунанд.

Қати Эгамзод баъзе масъалаҳоро ҳал мекунем гуфтам будам, ки Карим Абдулович занг заданд. Ваё қатим гап заданду баъд пурсиданд, ки ҳаст он ҷо занҳо. Кӣ ҳаст, Раъно ҳаст-дия, гуфтам. Кани трубкаро те, чӣ гуфтанд.

Ман гирифтам, эшон гуфтанд, ки «Идатон муборак бошад!»

Имрӯз кадом ид гӯям, имрӯз Иди дилдодаҳо гуфтанд. Мана ман ба Шумо суханҳои нағз дуо мекунам. Имрӯз рӯзи хубтарин гуфтанд. Ина тамоми дунё қайд мекунад. Ман бисёр хурсанд шудам.

Боз инҳо гуфтанд, ки барои ту гул мефиристам. Туро ягон кас табрик накардааст-мӣ?

Хуб, устод барои ҳамин меҳрубониҳои шумо сад ташаккур. Табрики шумо ҳамаи занҳоямонро рӯҳбаланд кард гуфтему хандидем.

Шуморо 20-22 сол пеш дидагӣ будам. Ҳоло ҳам пештара барин. Худо кунад, ки доим ҳамин хел бошед. Ман хонадонатонба, зиндагитонба, умратонба ҳамеша барака аз Худованд талаб мекунам. Ҳамеша дар дилу дидаи дӯстони худатон бошед. Ҳамеша саломат бошед. Ҳамеша бообрӯ ва иззатманд бошед!

**Равшан Замир:** — Ман сад фоиз боварӣ дорам, ки ҳар яки шумо китоби Расул Ғамзатов «Доғистони ман»-ро хондагӣ.

Дар ҳамин «Доғистони ман» сухан дар бораи инсонҳои бузург меравад ва мисол мебиёрад, ки фалонӣ пул сарф карда, кулоҳи аҷоиб харидааст. Лекин метавонӣ харида кулоҳро. Оё барои ин кулоҳ каллаи бузург ҳаст?

Ана ҳамин каллаи бузург сари Карим Абдулович аст. Бинобар ин мехостам, ки ба сифати устоди бузург шоир Нурмуҳаммад Ниёзӣ аз дӯстони Карим Абдулов ҳастанд, сухан кунанд.

**Профессор Карим Абдулов:** Нурмуҳаммад ҳамчун шоири Нури Илоҳӣ, Нури Ваҳдат, Нури ягонагӣ, Нури Румон аст.

**Шоир Нурмуҳаммад Ниёзӣ:** Хоҳарони азиз! Бародарони меҳрубон! Бародарони ҳамкасб! Бародарони ҳамқалам! Ҳамроҳ, ҳамдил, ҳамзабон!

Карим Абдулович гуфтанд, ки дар бораи таваллуди ман гап назанед. Ва гуфтанд, ки таваллуди ин кас рӯзи дигар аст. Дигар гапа мегӯям. Рости гап ман ҳамин рӯз 4-то рубоӣ навиштам. Махсус барои Карим Абдулов. Дарёба пагоҳӣ оббозӣ карданд устод. Таҳорат карда, баъд аз он таҳорат намозашро ҳам хонданду баъд аз ин байтҳоя гуфтанд ва ана ҳамин суханро бароям дарёи Сир баён сохт.

Ҳар чӣ ки ман ин ҷо гуфтам, яъне ҳамчун як шогирди шумо, ҳамчун як меҳру муҳаббате, ки нисбати шумо дорам ва дар ҳақиқат як шахсияти бузург ҳастед. Шахсияти нотакрор ҳастед.

Ин ҷо 4 гурӯҳро ҷамъ овардед. Дар ҳақиқат Ваҳдата ба вуҷуд овардед. Ваҳдати нигоҳдоранда шумо барин инсонҳо ҳастед. Ва ин байтҳоя ман мегӯям барои шумо:

*Баҳман, ки бизад барф, ҷаҳон пургул шуд*
*Зоғи тану ҷон кард дигар булбул шуд.*
*Бар мӯъҷизаи арзу само менигарам,*
*Як Сурхкатӣ рафту Карим Абдул шуд.*
*Ҳарҷо ки қадам расид, аз ӯ гул-гул шуд,*
*Аз шиша садо ҳаст дами қул-қул шуд.*
*Яздон нафаси тоза кашад фахр кунад,*
*Алломаи имрӯз Карим Абдул шуд.*
*Султони азал азоби ҷон сахт диҳад,*
*Сад бор бисанҷида яке бахт диҳад.*
*Дар пеши Карим, пеши Карим Абдули мо,*
*Ҷамшед расидааст, ки тахт диҳад.*
*Имрӯзи Худо рӯзи Карим Абдул ҳаст,*
*Ҳар рӯзи Худо рӯзи Карим Абдул ҳаст.*
*Соқӣ пур кун, бидеҳ ба дастам ҷом,*
*То рӯзи ҷазо Рӯзи Карим Абдул ҳаст.*

✿ ✿ ✿

**Баъди ин суханро Аслам Каримов мегирад ва шеър мехонад:**

*Дар ӯ ҳам ахтари хомӯши ёрон аст,*
*Дар ӯ ҳам гиряҳои хандаолуд аст.*
*Дар ӯ ҳам гармии оташ,*
*Дар ӯ ҳам талхии дуд аст.*
*Ман аз рӯзе, ки ашки талхи шӯрамро*
*зи ҷони чашмҳои хеш,*
*Зи ҷоми чашмҳои хеш нӯшидам.*
*Ман аз рӯзе, ки мисли рудҳо*
*Аз модарони кӯҳ ҷудо гардидаму*
*Доғи ҷудоиро ба ҷони хеш санҷидам.*
*Паёпай бода нӯшидам.*
*Ва донистам, ки дар талхии май,*
*Ширинии дунёст.*
*Ва донистам, ки дарди ишқ,*
*Подоши ҷудоиҳост.*
*Ва донистам, нигаҳ байни замину осмон*
*Бар мост,*
*Ба роҳи сарфарозиҳост.*
*Ва донистам, ки паҳнои замин,*
*Дар зиндагии кӯтаҳи одам,*
*Барои бениёзиҳост.*
*Паёпай бода менӯшам,*
*Ва инак, нӯшбоди ман:*
*Барои умри бигзашта,*
*Ки боли чап ба мо додаст,*
*Барои умри оянда,*
*Ки боли рост хоҳад буд.*
*Барои он ки мо ҳастем дар дунё.*
*Миёни соҳили дирӯзу фардо.*
*Мисли дарёи хурӯшоне, ситезоне*
*Ба манзил роҳпаймое*
*Туро то қатраҳои охирин менӯшам, эй бода,*

*Ки бо ангезаи ту,*
*Мурдаҳо аз гӯр исён карда бархезанд.*
*Ва чашми зиндагон дар гардиш ояд лаҳзаи мастӣ,*
*Сари мастӣ ба гардиш ояду*
*Бовар кунанд бар гардиши гардун,*
*Ва як дам сар ба рӯи даст*
*Бигзорему андешем ночизем ё чизем*
*Туро то қатраҳои охирин менӯшам,*
*эй ҷоми муборакбод*
*Ки то донанд, ҳастам шоҳзод,*
*Аз кишвари Хайём*
*Туро то қатраҳои охирин менӯшам,*
*эй ҷоми муборакбод*
*Ки то донанд ҳастам ворису ҳамсогари Хайём.*

**Равшан Замир:** — Дӯстони азиз! Дар ҳамин маҳфил нишастаему гумон мекунам, ки дили мо ба дигар ҷо, ба ҳамон ҳамаи 19 шаҳру навоҳиҳое, ки дар вилоят вуҷуд дораду дар ин ҷо имрӯз ба интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ тайёрӣ меравад ва дар 13 ҳавзаи интихоботӣ ва мо бояд 13 нафар инсонҳоеро интихоб кунем, ки онҳо ба Душанбе рафта, ба паҳлӯи Президент истанд, дар Парлумон нишаста, он қонунҳоеро бароранд, ки амалкунанда бошанд. Ва ба шарофати амали ҳамин қонун ҳар яки мо ба некӯаҳволӣ расем, ҳамон бахту зиндаги саодатманд, ки роҳбари давлат ба забон меоранду орзу мекунанд, ба ҳамон расем. Ва яке аз ҳамин инсонҳое, ки имрӯз мехоҳем дар сафи Парлумон бинем, муаллим Усмонҷон Ғаффоров ҳастанд. Марҳамат, муаллим сухан ба шумо.

**Профессор Усмонҷон Ғаффоров:** Меҳмонони азиз, устодони азиз, аҳли илму адаб, хонумаҳои ба ҷону дил баробарам Раънохону Мунавварахон, Маҳфузахон ва устоди бузург Ғафур Ҳайдарович!

Ман ба фикрам хато намекунам, мана ҳамин сол 43-юмин сол аст, ки мӯҳтарам Карим Абдуловичро мешиносам.

Вақте ки ману Маъруф Furthermore Бобоҷон ин ҷо, Хистеварзӣ ҳам мо ҳама вақтба даромадем, назарамба 5-то одамони бузург ҷилвагар мешуд. Муроди домулло, Солеҳ Ашӯров, ректорамон. Вақте ки масъалаи хона, ки баромад, пурсем, гуфтанд, ки «Идите к малому ректору». Малый ректораш кӣ бошад гӯям, ваё Карим Абдулов будаанд.

Карим Абдулов ҳамон вақтҳо ҳам ҳамчун сарвари комсомол тамоми университета меларзониданд. Имрӯз Карим Абдулов ифтихори ҳамаамон. Карим Абдулов ҳам олими соҳаи иқтисодиёт, ҳам таърихшинос, публисист, философ, сосиолог, адиб ва ҳаматарафа. Ва имрӯз сиёсатмадори шинохта. Ин кас аввалин шуда «Сиёсатнома»-ро ба забони русӣ ба банда тақдим карданд. Ман бо Карим Абдулов мефахраму меболам.

Карим Абдулович ифтихори мо, ёру дӯстон аст. Вай инсони ҳаматарафа бузург ва банда ҳаққи шогирдӣ дорам.

Ман мегӯям, ки ҳамеша ҳамин хел дидадарои мардум бошед.

Ман дирӯз як чиза хондам. 64 фоиз шахсони бузургтарин шахсони миёнақад мешудаанд. Ба ин қатор Сталин, Жуков, Ленин, Напалеон дохил мешаванд. Дӯсти мо ҳам пайрави ҳамон бузургон аст.

Карим Абдулович, саломат бошед, лаби дарёи Сирба нишастем, умратон монанди ҳамин об дароз бошад.

**Профессор Карим Абдулов:** — Як хел одамон ҳастанд, ки мансаб мегиранду дигар мешаванд, ҳарчанд шогирд буд. Аввал Устод қалай? Баъд аз чанд вақт Муаллим қалай? Баъд Карим Абдулович гӯён муомила мекунанд. Баъд Карим гӯён муроҷиат мекунанд.

Эҳ Худо гуфтаме, о ҳоло аз мансаб мефуроӣ? Баъд чӣ мегуфта бошӣ?

Ман ин гапҳоя ба он хотир гуфтам, ки дина дар маъракае бо Усмонҷон ҳамроҳ будем. Ба номи шумо дурӯғу ба номи Худо рост. Ҳамин мардак аз нохуни пояш то фарқи сараша инсон аст. Як мардаки ростгӯ, дилашба рашк надорад, ягон қудурат надорад. Одаме ҳаст, ки ҳамеша як хел аст.

**Наҷмиддини Шоҳинбод:** — Нашрияи «Анвори Дониш»-ро устод ташкил карданду шумораи аввалинаша баровардему таъкид карданд, ки бе ғалат бароядМан гуфтам, ки устод, забони модарии мо форсии қадим аст. Шумораи аввала устод хонданд, ҳама ҷо бе хато, фақат имзояшон ба ҷои Абдулов фақат Абдуллоев баровардем. Баъд беҳтарин мусаҳҳеҳи Тоҷикистон шогирди Бердиева Ҷӯрабой Юсуфӣ-ро ба корректур гирифтем. Се шумора бе хато баромаду устод ба сафар баромаданд. Сарлавҳаи калон «Сафари раёсати ҷамъияти «Дониш» ба манотиқи кӯҳистон».

Газета бароядҳамин «матотиқ» шудааст. Устод занг мезананд. О ман нафаҳмидам «Матотиқ» чӣ будааст? Ман кайфам канд, устод гуфтам. Мо ба Мастчоҳи кӯҳӣ рафтем, дар забон форсӣ МАТОТИҚА дар ноҳияҳои кӯҳистон «КӮҲҲОИ БАЛАНД» мегӯянд. Баъд аз як соат занг заданд. Ман фарҳангро варақ задам нест. Ин ҷо, соати 1-и шаб занг заданд. Мана дар дасти ман Бурҳони Қотеъ, «матотиқ» нест ин ҷо!

Баъд Ҷӯрабойба занг задам, гуфтам, ки мана страховат кунед, ҳозир шумоба устод занг мезананд. Хайр ту мана шабба хоб рафтан намемонӣ? Ба ногоҳ «Матотиқ»-ро пурсанд, гӯед ки ин калимаи хеле қадим аст. Дар форсии қадима. Ҳаминба ҳам тоқат накарда «Ғиёс-ул-луғот»-а» варақ зада ба Бобоҷониён занг заданд. Ҳамин «матотиқ» чист? Не ҳамин хел калима будаасту хайрият ки халос шудам.

ДУЮМ ЛАҲЗА: Ба Варзоб рафтем. Ҳамин устод диктафонашона гирифта фақат мехонанду ману Азимҷонашон – шофёрашон рӯйнавис мекунем.

Як рӯз шиштем, дастҳо дар кард. Рӯзи дуюмба батарейкаро нав монданду дикта карда истодаанду баъд Азимҷон омада гуфт:

— Батарейкаҳоро гиру ба ягон ҷо пинҳон кун. Гӯй, ки шиштаанд. Батарейкаҳоро гирифту устод ҷеғ заданд. Илҳомашон омадагӣ, сухани Президента биёед, нависед. Батарейкаҳо шиштагӣ.

Ручкая биёред!

Ручкаро пешакӣ пинҳон кардем, нест. Рафта ручка харед!

Ману Азимҷон рафтем ручкаковӣ, то соати 10-и шаб кофтем. Як киоск сувенир дорад, як ручка ҳаст, дарунаш даводдор аст, даҳ сомонӣ. Ҳамина харида омадем. Ин қисса ҳаст.

Қиссаи «ВИЗИТКА»

Устод гуфтанд як рӯз меҳмонҳои хориҷӣ омаданду гуфтанд, ки инба ВИЗИТКА доданду қалам қати номаша навис. Баъд гуфтам, ки ман барои шумо якто ВИЗИТКА заказ мекунам. 50 сомонӣ доданду гуфтанд, ки Визитка. Ин 50 сомония бурда додему «Визитка» таппа тайёр. Ҳамин -хел хушрӯй бо хатти тиллоӣ. Устодба бурда додем. Ҳама тақсим карда истодааст. Сонӣ Қамардинов аз Самарқанд омаданд, ҷашни 70-солагӣ. Баъд гуфтанд, ки дар китобҳои устод ман хондам, ки ин Абдулов аст. Ин ҷо Карим Абдул шудааст-ку! Баъд ман гуфтам. Устод ин ВИЗИТКА ба он одамони пиронсол, падари Муҳаммад Абдул Каримхон будааст. Барои шумо алоҳида «Визитка».

Як қиссаи дигаре, ки ИШҚВАРЗИИ УСТОД аст. Ина ман дар 80-солагиашон мегӯям. Вақте ки асбобҳояшона ба «АРХИВ» месупоранд.

Ин қиссаҳо дар «Суғд», дар «Ҳамдилон» чоп шудааст.

Дӯстони азиз, дар дасти шумо шумораи навбатии рӯзномаи «Ҳамдилон» аст. Ин рӯзнома аз рӯзгори пурнишоти фардони барӯманд бештар менависад. Нахустшумораи онро мо ба фаъолияти меҳнатӣ ва корҳои пурсамари яке аз мардони пурҳунари диёрамон - Муллоҳасан Абдулов бахшида будем. Имрӯз бошад мо ба заҳматҳои пурсамари Карим Абдулов бахшидем. Умедворам, ки ҳар яки шумо ҳамеша бо ин рӯзнома мешавед ва навиштаҳоро аз нигоҳи талаби замон мавриди таҳлил қарор медиҳед.

Агар дар рӯзгори мо аз гузаштагон сабақгирӣ намешуд ва дар таърихи адабиётамон бузургон Ҷомӣ, Балъамӣ, Навоӣ намешуданд, шояд Ниёзӣ низ ба чунин мартабаи волои шоирӣ намерасид. Ва Ниёзӣ, ки ҳарҷост ва сифоте дорад андар сурати Аҳмади Дониш.

**Равшан Замир:** — Ман бисёр мехостам, ки ин лаҳза яке аз шогирдони устод Мунавварои Сидқӣ чанд сухане изҳор дошта бошанд.

**Мунаввараи Сидқӣ:** — Дӯстони азиз, мегӯянд, ки бузургон бузургонро зинда медоранд.Ин ҷо дар ҳаққи устод бисёр суханҳое гуфта шуданд, ки баёнгари сифотҳои он кас ҳастанд. Бо устод дар бисёр мавридҳо дар як ҷо будам ва бо кору амалашон шарикӣ доштам. Аниқтараш аз сӯҳбатҳои рангини устод бо ашхоси гуногун баҳраёб гаштаам. Аз ин лиҳоз онҳо ҳар кадом гуфтаниҳои зиёд доранд ва хотираҳои рангинашонро бо як таваҷҷӯҳи хоса баён карда истодаанд. Ба хислату хусусиятҳои беҳтарини инсонии ин кас ошно ҳастанд.

Ман низ яке аз шогирдони ин фарди бохираду барӯманд ба шумор меравам ва ҳамеша худро дар пайрави он кас дидан мехоҳам. Дар ин маҳфил дигар устодони мо низ ҳузур доранд.

Атахон Сайфуллоев раиси кумитаи телевизион ва радио буданд. Устод Усмонҷон Ғаффоров муаллими ман буданд. Иброҳим Отахонов сармуҳаррири радиои ҷумҳурӣ буданд. Абдуваҳҳоб Алиназаров низ устоди ман ба шумор меравaнд.

Умуман онҳое, ки дар ин ҷо нишастаанд, аксар устодони ман ба шумор мераванд. Аз байни ин ҳама устодон дар зиндаги ман нақши Карим Абдулов хеле калон аст. Зеро ман бори аввал донишгоҳро хатм карда омада будам. Ҳоло дар зиндагӣ бисёр чизҳоро намедонистам. Мехостам ба роҳи адабиёт ва журналистика қадам монам. Лекин бисёр ҳам ҷавон будам, роҳи фардои худро аниқ муайян карда наметавонистам. Дар чунин лаҳзаҳо устод дасти маро гирифтанд. Сабақи калон омӯзониданд барои ман. Ин кас хислати фурӯтанӣ доранд. Мисли дигар олимону нависандагон ҳавобаландӣ надоранд. Бо ҳама баробар ҳастанд. Хусусиятҳои ҳавобаландӣ ба Карим Абдулов бегона аст. Вай одам хурд аст, мансабаш баланд аст, ё поён, мухбири оддӣ, роҳбари идораҳои калон, фарқе надорад. Ба ҳамагон чун инсони комил, фарди рӯзгордида муомила ва маслиҳатҳо медиҳанд. Аз ин хотир Карим Абдуловро ҳамагон эҳтиром мекунанд ба ҳайси падар, бародар мурочиат мекунанд. Ман муомила бо ҷомеа ва фардони алоҳидаро аз устод омӯхтам. Агар устод дар сари роҳ бинанд низ вақти худро дареғ надошта, ҳолпурсӣ мекунанд. Баъзан мепурсам, ки устод шумо ба куҷо равона ҳастед? Ҷавоб мегӯянд, ки ба Истаравшан, ба аёдати ҳамон шоирае, ки аз пои

равонаш маҳрум аст. Бинед дили бузурги инсониро. Устод ба аёдати афтодаҳолон, дармондагон ҳамеша дар ташвишанд. Он духтаракро ту хуб медонӣ, пои равон надорад, дар як ҷо нишаста кор мекунад. Барояш як адад телевизор бурданӣ, нишаста тамошо кунад. Ин кас ҳамеша дар ташвиши онанд, ки дили як касро ёбанд. Ман мехоҳам, ки ҳамагон низ монанди шумо бошанд. Шумо дар соҳаи илму фарҳанг як шоҳсутун ба шумор меравед. Зинда бошед! Ман гумон мекунам, ки шумо устод то охир чунин мемонед. Мо шуморо дӯст медорем. Чи хеле ки мегӯяд, сад сол не, ҳазорсолаҳо зинда бошед. Асари илмии шумо «Сиёсатномаи асри XXI» шоҳасари имрӯзу ҳамарӯз мебошад. Шумо дар илми сиёсатшиносии асри XX-XXI-ум китоби нотакрор боқӣ гузоштед. Ҷашн муборак шавад!

**Равшан Замир:** — Акнун сухан ба шоир Абдуваҳҳоби Сарфароз дода мешавад. Он кас ҳам мехоҳанд дар бораи устод сухан гӯянд.

— Ман бо устод Карим Абдулов аз солҳои 1972-и қарни гузашта шиносоӣ дорам. Вақте вилоят ташкил шуд, ин кас мудири шӯъбаи пропаганда буданд. Олимҷон Умаров дар ин солҳо мухбири радиои республика шуда кор мекарданд. Он кас сармуҳаррири радиои вилоят шуданду ман мухбири радиои ҷумҳурӣ шуда ба кор омадам. Ман дар он вақтҳо бештар бо ин кас кор мекардам. Ба ҳар мушкилие, ки рӯ ба рӯ мешудам, аз ин кас омада маслиҳат мегирифтам. Рифъат Ҳоҷиев бисёр марди ҷиддӣ ва сиёсатмадори пухта буданд. Бо он кас рӯ ба рӯ гаштан кори ҳар фарди гурдадил набуд. Аз ин рӯ ба назди Карим Абдулович меомадаму мушкилоти кори худро ҳал мекардам.

Вақте ба Хуҷанд омадам, дӯстиамон наздиктар шуд. Мақолаҳои ин касро бештар мехонам. Бахусус мақолаҳои публисистии ин кас ба ман хеле мақбул аст. Он ҳама аз ҳаёти рангини ҷомеа ва кишварамон аст. Бо дарди миллат бештар месӯзанд.

Ман бисёр сарфароз ҳастам, ки бо ин марди пуркор ва хирадманд ошноӣ пайдо намудам. Дар ин ҷо устодони бузурги мо нишастаанд. Ман дар назди онҳо сухан карданба ба ҳаяҷон меоям. Устод Сайфуллоев, устод Ҳайдаров, ки сабақҳои аввалини хешро дар кору зиндагӣ аз унҳо омӯхтаем. Карим Абдулович низ

дар қатори чунин фардони барӯманд меистанд. Аммо он кас бо хоксорӣ ва меҳрубонии худ аз дигарон фарқ карда меистанд. Бинед, ин хони имрӯзаро, он ҳама барои мо инсонҳо бо тамоми маводҳои ошомиданӣ пур карда шудаанд. Ин худ нигоҳи он кас ба қадри инсон аст. Аз ин рӯ ман доимо пуркорӣ ва тансиҳатии шуморо орзу дорам. Ман бо тамоми ҳастиям мегӯям, ки асари Каримҷон Абдулов «Сиёсатномаи асри XXI» сазовори ҷоизаи давлатӣ мебошад. Бигзор солҳои сол бардаму нерӯманд бошед, устод Карим Абдулов!

Боз **Равшан Замир** сухан мегирад ва арзи матлаб менамояд:

— Дӯстони азиз, дар ҳалқаи имрӯзаи ҷашнвораи мо қаламкаши шинохта, рӯзноманигор ва публисист Анварҷон Олимов иштирок доранд. Ҳоло бо камоли майл суханро ба он кас медиҳам.

**Анвар Олимов:** — Соли 1982-уми қарни гузашта ман барои кор ба рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» омадам. Баъди чанд вақти фаъолият бо номи «Бемодарӣ» ҳикояе навиштам. Он вақт шодравон Усмонҷон Тоҷибоев сарварӣ доштанд ба рӯзнома. Пагоҳӣ ҳамаро ҷамъ карданду «аз номи Карим Абдулов ба шумо раҳмат» гуфтанд. Ҳикояатон ба он кас хеле мақбул шудааст, арзи миннатдории ин фарди соҳибилмро ба ман расониданд. Ман он вақт Карим Абдуловро хуб намешинохтам. Аз ҳамкорон фаҳмидам, ки ин кас дар он вақт дар обком ба вазифаи мудири шӯъбаи ташвиқотию тарғиботӣ кор мекардаанд. Яъне дар он вақт як фарди соҳибмансабу боэҳтиром ба шумор мерафтанд. Имрӯз бошад барои ҷомеа азизтаранд. Фақат ман ҳаминро гуфтанӣ, ки ин шахс ба рӯзнома ва маводи он то чӣ андоза эътибор медоданд. Айни вақт бароям маълум шуд. Набошад ман куҷову таваҷҷӯҳи ин кас ба навиштаи ман то куҷоҳо буд. Ба бачаи 22-23-сола ин қадар эътибор медиҳанду чӣ тавр ба ҳаяҷон намеоӣ?!

Аз ҳамон солҳо сар карда, меҳри ман ба Карим Абдулов беандоза аст. Ин касро хоҳ дар рӯ ба рӯ ва хоҳ дар ғайбашон эҳтиром мекунам. Ин ҷо дуруст ҳам гуфтанд, ки шумо ифтихори ҳар кадоми мо ҳастед. Дар навбати худ мо боиси ифтихори шумо ҳастем, ки ҳар кадоминро тарбия карда, роҳу фаъолият ва зиндагиамонро нишон додед. Бинобар он шумо зинда бошед.

Шумо рӯзномаҳо таъсис кардед, ин аз ҳунармандиатон дарак медиҳад. Илҳоматон чун вулқон доимо дар ҷӯш бошад. Чунин азм аз шумо ҳаргиз кам нагардад. Бешак асаратон «Сиёсатномаи асри XXI» ба Ҷоизаи давлатии ба номи Сино арзанда аст.

**Равшан Замир** боз сухан мегирад ва арз медорад, ки дар сӯҳбати имрӯза як тан шоири шинохта Абдуфаттоҳи Кулолӣ ҳузур доранд ва ба он кас сухан медиҳам:

— Қиблаи ман дар бисёр кору амалҳо шумоед, мардони барӯманд Карим Абдулов, Ғафур Ҳайдаров, Атахон Сайфуллоев, Усмонҷон Ғаффоров. Шумо профессоронед, ки мардуми кишвар ифтихор мекунанд. Шумо чоргона ҳастед. Абӯбакру Умар, Усмону Ҳайдар. Қиблаи мо имрӯз шумо чорнафаронед. Агар ба дасти ман чунин ихтиёр мебуд ва ман тамоми мардуми шаҳрро даъват мекардам, ки то ба ин қиблагоҳи мо иқтидоъ кунанд. Яъне дар пайравии некноми мо бошанд, рӯ ҷониби онҳо намоз хонанд.

Чаро? Ин фардон ҳама ашхосони беолоиш, дилпоку меҳрубон ва самимӣ ба ҳамагон ҳастанд. Ин ҳолатро дар ҳаёти худам ман бо чашмонам мушоҳида кардам. Вақте аз Душанбе ба Хуҷанд кӯчида омадам, ташвишҳои зиёде ба сарам бор буд. Дарёфти ризқу рӯзӣ, хонасозӣ, тӯй кардани фарзандам. Он вақт Сарфароз 7-сола шуда буд, бояд ба мактаб мерафт. Аз ин рӯ ба ҳунари бобоӣ - кулолгарӣ машғул шудам. Рӯзе бо Карим Абдулов рӯ ба рӯ шудам ва ҳадаҳа гуфтанд, ки ту аз ҳамин рӯз иборатан мудири шӯъбаи фарҳанги шаҳрамон мешавӣ. Бо як илоҷе аз он кас халосӣ ёфтам. Вагарна ба ҷону ҳолам намегузоштанд, ки ман бекор гардам. Охир рӯзгор дорӣ, зуд паи кори ба худат мунофиқ шав, мегуфтанд боисрор. Ин таваҷҷӯҳи он кас ба як тан шоири нав аз пойтахт омада, маро ба зиндагӣ дилгармтар кард Дарк кардам, ки дар Хуҷанд ман танҳо нестам ва ашхосони некном дар рӯзҳои сахтӣ дастгирам мебошанд. Китобҳоятонро хондам, ҳамааш пур аз хирад, орзӯ, некбинӣ. Махсусан асари бузургҳаҷматон «Сиёсатномаи асри XXI», ки ба забони тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ чоп шудааст, писандам омад.

Илоҳо садба дароед. Шумо фарди саховатманд ҳастед!

**Равшан Замир:** — Устод Карим Абдулов як зумра шогирдоне доранд, ки ба ҳазлу мутолиа майл доранд. Ҳамеша хислатҳои неки устодро ба забони ҳаҷв зебо ва ҷаззоб ба хонандагон пешкаш мекунанд. Ин худ ҳамеша бо мардум будани Карим Абдуловро нишон медиҳад. Наҷмиддини Шоҳинбод аз шогирдони устод аст. Вай ҳам мехоҳад чанд сухане ба ҷашнвораи устод иброз дорад.

**Наҷмиддини Шоҳинбод**: — Он вақтҳо устод калонтар буданду Муллоҳасан майдатар. Устод ба бонии пода машғул мешуданду Муллоҳасан ба саршумори онҳо. Дар саҳрои бекарона устод фақат шеър мехонданд, Муллоҳасан шумор мекарданд. Яъне зиндагӣ ҳардуро пеш меронд. Хушбахтона ҷонишини ӯро пайдо карданд. Имрӯз дар хонадони Абдуловҳо Комилбек яке аз одамон, яке аз сиёсатмандон, ҳам хоҷагидор ва ҳам сарвари сеюмин, сарвари калонтарин корхонаи пахтатозакунии ҷумҳурӣ ҳастанд. Ҳозир шуниданд, ки ҷашни Устод аст, парида ба инҷа омаданд. Ҳамроҳи он кас яке аз фарзандони зафарманди Зафаробод ва Шаҳристон, дӯсти азизи мо, директори генералии корхонаи «Данчи» Сунатуллоев Қурбоналӣ ширкат меварзанд. Ман мехоҳам аввал розу ниёзи ин ҳардуро нисбати устод бишнавем ва сипас қиссаҳои навини худро дар ситоиши устод баён хоҳам намуд.

Мутаваҷҷеҳ бошед ба суханони директори генералии Ҷамъияти Саҳҳомии ба номи Муллоҳасан Абдулов Комилҷон Абдулович:

**Комилҷон Абдулов**: — Барои амаки азизам бисёр суханони нек гуфтанд, ба ҳамаатон ташаккур! Ин кас чун падарам барои мо гиромӣ ҳастанд. Ҳамаатонро хуш омадед, нури дида тоҷи сар мегӯям. Илоҳо ҳамин қадар соли дигар ҳамроҳи мо бошед. Сарварии шумо бахти баланди хонадони мо ба шумор меравад. Ҳамеша сарварамон бошед!

**Қ.Сунатуллоев**: — Чуноне, ки Комилҷон гуфтанд, ман ҳам ба чунин суханон ҳамроҳ ҳастам. Сухане намеёбам, ки аз ин болотар бигӯям. Орзу дорам, ки ҳамеша ҳамин хел ҷавон бимонед. Ҳамин хел мард гардед. Ҳамин хел барои мо ифтихор бошед.

Фахр кунем, ки чунин амак дорем. Мо ҳамеша хизмати шумоба. Ҳамаатон сиҳату саломат бошетон!

Баъд боз Равшан Замир сухан мекунад:

— Дӯстони азиз, дар ин ҷашнвораи устод нависандаи бисёр шинохта Муҳиддин Хоҷазод низ ширкат доранд. Он кас низ мехоҳанд андар бузургии устод сухане бигӯянд. Марҳамат!

**Муҳиддини Хоҷазод:** — Дӯстони азиз, дунё-дунё аст. Ин гуфта чӣ маъно дорад? Яъне дунё бо ҳама дунёгиаш сарҳадҳои нисбӣ дорад. Ҳатто маъракаҳо низ сарҳадҳои нисбӣ доранд. Сарҳадҳои нисбии шаҳри Хуҷанд ва вилояти Суғд ин ошхӯрӣ аст. Бо ҳамин гап тамом, сухан тамом. Лекин бо ҳамин тамом намешавад. Дунё бардавом аст.

Агар ба ошхӯрӣ ҳамаи корҳо тамом мешуд, хуҷандиён кайҳо аз фаъолият боз мемонданд. Вале ин як сухани рамзист. Яъне ошро хӯрда тамом куну паи дигар корҳоят шав. Имрӯз мо сари дастурхоне нишастаем, ки соҳибаш кори худро ба поён нахоҳад расонид. Ӯ фарди меҳнатӣ ва пуркор аст. Фаровонии ин дастурхон худ нишона аз ҳиммати баланд ва азми тозаи соҳибашро далолат медиҳад. Қадри Наврӯз кай азиз аст? - гуфтаанд бузургон. Ҳамон вақт, ки зимистонаш қаҳратун бошад. Ин панди бузургон маъниҳои чуқур дорад. Яъне имрӯз мо бо ҳунари Карим Абдулов дар тамоми ҷабҳаҳо шинос шудем. Фаҳмидем, ки қадри инсон аз ин болотару азизтар нахоҳад шуд.

Дили ман ба ҳаёти Карим Абдулович ҳамеша наврӯзиҳо мехоҳад. Бигзор ҳаёту умраш шукуфтарӯ ва тозатар бошад.

## ДОНИШИ СОНӢ

*ЭҲДО БА ПРОФЕССОР КАРИМ АБДУЛОВ*

***Туро, ки Дониши сониву донишманд мехонем,***
***Яке фарзонаи даврони фарзонхоҳ медонем.***
***«Сиёсатнома»-и қарни нават шуд раҳнамои мо,***
***Варо чун шаҳкитоби рӯзгорон саҳфагардонем.***

***Гар аҳли Сурхкат шуд сурхрӯ бо азму кори ту,***
***Ба шӯҳрат ёр шуд Масчо зи шаъну эътибор ту,***
***Туро, ки Тоҷикистон мешуморад нек фарзандаш,***
***Набинад ҳеҷ гаҳ ранги хазон рӯи баҳори ту.***

***Ба чашми дӯстон баски ҳамеша хушназар ҳастӣ,***
***Ба ҳар кошонае болонишин, бологузар ҳастӣ.***
***Ба фарёди дили зоре шуда фарёдрас доим,***
***Ту бар имдодхоҳони замон имдодгар ҳастӣ,***

***Бидидам меҳрубониат, чу гаштам ҳамнишини ту,***
***Бидидам рӯзи маҳзунии худ қалби ҳазини ту.***
***Ба ҳар маҷлис, ки будӣ, аз ҳақиқат гуфтугӯ кардӣ,***
***Варо чун хор дидӣ, шуд фузун чини ҷабини ту.***

***Худ олим ҳастию ҳайфо, зи Олимҷон ҷӯдо бошӣ,***
***Ба олам аз ҷудоиҳо аламдоре чу мо бошӣ.***
***Ҷавониат ба рафти гулписар гар рафт бо ҳасрат,***
***Ба пириат ҳамехоҳам, ки дур аз ҳар бало бошӣ.***

# МУНДАРИҶА

## БАХШИ АВВАЛ


1. Нурмухаммад Ниёзӣ. Раҳнамо дар сиёсат ... 5
2. Имомназар Келдиев. Сиёсати хи[...] асосии пешрафти ҷомеа ... 7
3. М.Расулӣ. Асари арзандаи аср ... 24
4. Қурбон Восеъ. Сиёсатномаи асри XXI ... 29
5. Ғафур Ҳайдаров, Ҳабибулло Тоат[...] оид ба илми «Сиёсатшиносӣ» ... 36
6. К.Мамадвафоев, Ш[...] ... 40
7. Сайид Носири Аҳмад Муҳиб. Асаре з[...] ... 45
8. Зиё Абдулло. Муҳокимаи судбахш ... 47


## БАХШИ ДУВВУМ


1. Муаррифии китоб дар Иттиҳоди нависа[...] ... 53
2. Муаррифӣ дар факултаи фалсафаи До[...] давлатии миллии Тоҷикистон ... 84
3. Муаррифӣ дар китобх[...] шаҳри Хуҷанд ... 100
4. Муаррифӣ дар шаҳри Истаравшан ... 121


## БАХШИ САВВУМ


Ҷашнвораи устод Каримҷон Абдулов ... 135

# АСАРИ АРЗАНДАИ АСР


| | |
|---|---|
| Ороиши | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***С. Шералӣ*** |
| Муҳаррири техникӣ: | ***А. Мираҳмадов*** |
| Тарроҳ: | ***Ф. Раҳимов*** |
| Ҳуруфчини компютерӣ | ***М. Деҳқонзода*** |

Ба матбаа 25.08.2005 супорида шуд. Ба чоп 04.10.2005 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,0. Адади нашр 300 нусха. Супориши №74/05.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejodfir@mail.ru.